ISSN 2222-9809

ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

№ 1, (26) 2018

ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ
№1 (26), 2018

САРМУҲАРРИР:

БОБИЗОДА Ғ. М. *– узви пайвасти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР :

АМИНОВ С. *– узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

КОТИБИ МАСЪУЛ:

АМОНӢ С. *– мудири шуъбаи фанҳои филологӣ ва забони давлатии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

ЛУТФУЛЛОЗОДА М. *– узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
КАРИМОВА И. Х. *– узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ШАРИФЗОДА Ф. *– узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ҚОДИРОВ Қ. Б. *– узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
НУЪМОНОВ М. *– узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ШЕРБОЕВ С. *– узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
НЕЪМАТОВ С. *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ГУЛМАДОВ Ф. *– доктори илмҳои педагогӣ*
БАЙЗОЕВ А. *– номзади илмҳои филология, дотсент*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

САИД Н. С. *– вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
РАҲИМӢ Ф. Қ. *– президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон*
МИРБОБОЕВ Р. М. *– муовини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
ЗИЁӢ Х. М. *– директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони ҶомиАТТ*
ҚУРБОНЗОДА Х. *– ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзиии кормандони соҳаи маориф*

Маҷалла ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад

Маҷалла таҳти № 059/МҶ аз 17 апрели соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст. Аз октябри соли 2009 нашр мешавад. Соле 4 шумора чоп мегардад.

Муассис: **Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
Сурога: **734024 , ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45** *Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*
Тел: **+992 37 227 46 66, +992 37 227 59 61;** *E-mail:* aot.tjk@mail.ru; *Сомона* www.aot.tj

ISSN 2222-9809 **Индекси обуна: 77727**

ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

Научно-просветительский и учебно-методический журнал
№ 1,(26) 2018.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:

БОБИЗОДА Г. М. *– академик Академии образования Таджикистана, доктор биологических наук, доктор фармацевтических наук, профессор, президент АОТ*

ЗАМЕСТИТЕЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

АМИНОВ С. *– член – корреспондент Академии образования Таджикистана, кандидат педагогических наук, учёный секретарь АОТ*

ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:

АМОНИ С. *– зав. отделом филологических наук и государственного языка для нацменьшинств Института развитии образования имени А. Джами АОТ*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

ЛУТФУЛЛОЗОДА М. *– академик Академии образования Таджикистана,доктор педагогических наук, профессор*

КАРИМОВА И. Х. *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*

ШАРИФЗОДА Ф. *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*

ҚОДИРОВ Қ. Б. *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*

НУЪМОНОВ М. *– член – корреспондент Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*

ШЕРБОЕВ С. *– член – корреспондент Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*

НЕЪМАТОВ С. *– доктор педагогических наук, профессор*

ГУЛМАДОВ Ф. *– доктор педагогических наук*

БАЙЗОЕВ А. *– кандидат филологических наук, дотсент*

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:

САИД Н. С. *– министр образования и науки Республики Таджикистан*

РАҲИМӢ Ф. Қ. *– президент Академии наук Таджикистана*

МИРБОБОЕВ Р. М. *– первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан*

ЗИЁӢ Х. М. *– директор Института развитии образования имени А. Джами АОТ*

ҚУРБОНЗОДА Х. *– ректор Республиканского института повышения квалификации и предподготовки работников сферы образования*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 17 апреля 2018 года за № 059/МҶ. Начало издания: октябр 2009 года. Издается 4 раза в год.

Учредитель: Академия образования Таджикистана
Адрес: **734024, г. Душанбе, ул. Айни, 45** *Академия образования Таджикистана*
Тел: **+992 37 227 46 66, +992 37 227 59 61;** *E-mail:* aot.tjk@mail.ru; *Сайт:* www.aot.tj

ISSN 2222-9809 **Индекс: 77727**

М У Н Д А Р И Ҷ А

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ

БОБИЗОДА Ғ. М., СОБИРОВ Ҳ. М
Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими мавзӯи «Нахи лавсан» аз фанни химия дар синфи 11……. 7 – 11

САФАРОВ М.
Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни физика …….. 12 – 14

НАЗРИЕВА Ф.
Вазифаи волидайн дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ …….. 15 – 17

МИРБОБОЕВА Б. М., СУЛАЙМОНОВА Н.
Нақши технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ дар ташаккули салоҳияти хонандагон зимни раванди таълим…….. 17 – 21

НЕЪМАТОВА Б.
Истифодаи усули фаъоли таълим дар дарсҳои забони модарӣ..... 21 – 26

МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА

КАРИМОВА И. Х.
Пажӯҳишҳои бунёдӣ дар ростои мероси педагогӣ ..... 27 – 31

МАҶИДОВА Б.
Бозиҳои ангуштӣ барои кӯдакони синни томактабӣ..... 32 – 37

АМОНӢ С.
Китоби «Хотироти хонанда»……. 38 – 45

УМАРОВА Б.
Масоили таълиму тарбия дар «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ……. 45 – 48

БОБОЕВА Д. Ю., КАРИМОВА Л. А.
Мақом ва аҳаммияти забони русӣ дар рушди технологияҳои инноватсионӣ ва истифодаи он дар соҳаи таҳсилот ……. 48 – 53

ҶАЛИЛОВА С. Х.
Тарзу усули ғайрирасмии ташаккули савияи дониши имлоии хонандагон ҳангоми корҳои хаттӣ аз забони русӣ…….. 53 – 58

РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

АМИНОВ С.
Мавқеи ҳунарҳои мардумӣ дар осори устод Айнӣ ..... 59 – 64

МИРЗОЕВА Р. Б.
Назаре ба дунёи Сангтӯда!..... 65 – 71

САРВИНОЗ Г.
Таърихи пайдоиши хати рунӣ ……. 72 – 74

ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОЙӢ

БАЙЗОЕВ А.
Нақши муносибатҳои байниҳамии маориф, дин ва фарҳанги ҷомеа дар пешгирӣ аз экстремизм ва ифротгаройӣ дар байни ҷавонон ……. 75 – 80

ИМОМНАЗАРОВ Д.
Пешгирии амалҳои террористӣ - тақозои замон..... 80 - 84

СУЛТОНМАМАДОВА М.
Танҳо асолати миллӣ ҷавононро аз ифротгаройӣ нигоҳ дошта метавонад... 84 – 88

ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

ҚОДИРОВА М. Б.
Таҳсилоти фарогир. Масъалагузориҳо…….. 89 – 91

ТУХТАЕВА М.
Тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорони таҳсилоти фарогир……. 91 -95

Ба таваҷҷуҳи муаллифон 96

С О Д Е Р Ж А Н И Е

Стр.

КОМПЕТЕНТНОСТНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ

БОБИЗОДА Г. М., СОБИРОВ Х. М.
Реализация компетентностного подхода в обучении по теме «Лавсанное волокно» на уроке по химии в 11 классе …….…….. *7 – 11*

САФАРОВ М.
Внедрение компетентностного подхода на занятиях по физике……. *12 – 14*

НАЗРИЕВА Ф.
Обязанность родителей в формировании познавательной компетенции учащихся начальных классов……..….. *15– 17*

МИРБОБОЕВА Б. М., СУЛАЙМОНОВА Н.
Роль информационно-коммуникационных техологий в развитии компетенции учащихся в процессе обучения……. *17– 21*

НЕГМАТОВА Б.
Использование интерактивных методов обучения на занятиях родного языка *21– 26*

ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ

КАРИМОВА И. Х.
Фундаментальные исследования педагогического наследия..... *27– 31*

МАДЖИДОВА Б.
Пальчиковые игры детей дошкольного возраста…… *32 – 37*

АМОНИ С.
Дневник читателя..... *38 – 45*

УМАРОВА Б.
Проблемы обучения и воспитания в «Поведение Носири» Хаджа Насируддина Туси …….. *45 – 48*

БОБОЕВА Д. Ю., КАРИМОВА Л. А.
Роль и значение русского языка в развитии инновационных технологий и их использование в сфере образования…… *48– 53*

ДЖАЛИЛОВА С. Х.
Нетрадиционные способы и приемы формирования орфографической грамотности учащихся при проведении письменных работ по русскому языку…….. *53 - 58*

РАЗВИТИЕ ТУРИЗМА И НАРОДНЫХ РЕМЕСЕЛ

АМИНОВ С.
Место народных ремесел в творчестве устода Айни…….. *59 – 64*

МИРЗОЕВА Р. Б.
Взгляд в мир Сангтуды…… *65 – 71*

САРВИНОЗ Г.
История возникновения рунической письменности……. *72 – 74*

ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ

БАЙЗОЕВ А.
Роль взаимоотношений образования, религии и общественной культуры в предотвращении экстремизма и фанатизма среди молодежи..... *75– 80*

ИМОМНАЗАРОВ Д.
Предупреждение терроризма - требование времени *80– 84*

СУЛТОНМАМАДОВА М.
Национальные ценности – основа предостережения молодежи от терроризма ..... 84 - 88

ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ

КАДЫРОВА М. Б.
Инклюзивное образование. Постановка вопроса ……. 89 – 91
ТУХТАЕВА М.
Подготовка и переподготовка педагогов в сфере инклюзивного образования 91 – 95
К сведению авторов *……..... 96*

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ

ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ «НАХИ ЛАВСАН» АЗ ФАННИ ХИМИЯ ДАР СИНФИ 11

БОБИЗОДА Ғ. М. *– узви пайвасти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айни 45.* ***E-mail:*** *bobievgm @mail.ru, тел.: (992) 907 57 70 25*

СОБИРОВ Ҳ. М. *– омӯзгори фанни химияи лицей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати ҶТ, ш. Душанбе, к. Шерализода 17 А,* ***E-mail:*** *hushang77@gmail.com, тел.: (992) 93 500 77 91*

Яке аз нишонаҳои асосии муносибати босалоҳият қобилияти мустақилонаи донишандӯзии хонандагон мебошад. Барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон аз фанни химия дарсҳо тарзе ба нақша гирифта мешаванд, ки барои аз худ намудани малакаҳои пайдо намудани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда, мустақилона ҳал карани масъалаҳои проблемавӣ, таҳлили далелҳо ва хулосаҳои мантиқӣ баровардан мусоидат кунанд. Дар хонандагон бояд равандҳои таҳлилу баррасӣ ва ҷамъбаст намудан ташаккул ёфта бошанд. Чунин амалиёт асоси муносибати босалоҳиятро дар таълими мавзӯи мазкур ташкил медиҳанд, ки барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муфид аст.

Вожаҳои калидӣ: *салоҳият, муносибати босалоҳият, таҳсилот, химия, нахҳо, лавсан, методикаи таълим.*

РЕАЛИЗАЦИЯ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В ОБУЧЕНИИ ПО ТЕМЕ «ЛАВСАНОЕ ВОЛОКНО» НА УРОКЕ ПО ХИМИИ В 11 КЛАССЕ

БОБИЗОДА Г. М. *– академик Академии образования Таджикистана, доктор биологических и фармацевтических наук, профессор, президент Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45.* ***E-mail:*** *bobievgm @mail.ru, тел.: (992) 907 57 70 25*

СОБИРОВ Х. М. *– учитель химии президентского лицея - интерната для одаренных детей РТ, г. Душанбе, ул Шерализода 17 А,* ***E-mail:*** *hushang77@gmail.com, тел.: (992) 93 500 77 91*

Важнейшим признаком компетентностного подхода является способность обучающегося к самообучению. При формировании компетенций учащихся по химии, учебные занятия планируются таким образом, чтобы они способствовали приобретению навыков самостоятельного поиска ответов на поставленные вопросы, самостоятельного решения проблемных ситуаций, умений анализировать факты, обобщать и делать логические выводы. У учеников должны быть сформированы навыки анализа, синтеза, абстрагирования, обобщения. Такие операции составляют основу компетентностного подхода в обучении на уроках химии.

Ключевые слова: *компетентность, компетентностный подход, образование, химия, волокна, лавсан, методика преподавания.*

IMPLEMENTATION OF THE COMPETENCY APPROACH IN THE TEACHING PROCESS AT THE LESSON “PET FIBER” ON CHEMISTRY IN THE 11TH CLASS

BOBIZODA G.M, *– Academician of the Tajik Education Academy, Doctor of biological and pharmaceutical sciences, professor, President of the Tajik Education Academy, Dushanbe, Aini str. 45,* ***E-mail:*** *bobievgm @mail.ru, mob .: (992) 907 57 70 25*

SOBIROV KH. M. *– teacher of chemistry of the presidential boarding school for gifted children of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 A, Sheralizoda str.,* ***E-mail:*** *hushang77@gmail.com, mob .: (992) 93 500 77 91*

The most important feature of the competence approach is the ability of the student to self-education. In the process of the competences formation of students on chemistry, the training sessions are planned in such a way that they contribute to the acquisition of the skills of independent search for answers to the questions posed, the solution of problem situations, the ability to analyze facts, generalize and draw logical conclusions. Students should be organized operations of analysis, synthesis, abstraction, generalization. Such operations constitute the basis of the training based on competence approach on chemistry in secondaryeducation institutions.

Keywords: *competence, competence approach, education, chemistry, fibers, PET, teaching methods.*

Салоҳиятҳо: *Гуногуншаклии моддаҳо.* Дар асоси сохт ва таркиби моддаҳо хосияти химиявии онҳо пешгӯйӣ гардида, алоқамандии байни синфҳои асосии пайвастаҳои химиявӣ муайян карда мешавад;

Салоҳиятҳои асосӣ:

- Хонандагон якҷоя дар гурӯҳҳо кор карда, лоиҳаи иттилоотӣ таҳия мекунанд. (Иртиботӣ)
- Хонандагон доир ба мафҳуми лавсан Синквейн ибрози андеша мекунанд. (Эҷодкорӣ)
- Хонандагон натиҷаҳои корашонро муаррифӣ мекунанд. (Ҳамкорӣ)

Мақсади дарс:

хонандагон пас аз омӯзиши мавзӯъ:

- дар бораи нахи лавсан маълумот дода метавонанд;
- сохт, хосият, истифода ва тарзи истеҳсоли онро дар саноат шарҳ дода метавонанд;
- муодилаи реаксияҳои ҳосилшавии нахи лавсанро навишта метавонанд;
- ба роҳҳои асосии тараққиёти минбаъдаи истеҳсоли масолеҳи полимерӣ баҳо дода метавонанд.

Барнома: Синтези полиэтилентерефталат. Истеҳсоли нахи лавсан. Бартариҳои нахи лавсан. Хосияти лавсан ва истифодаи он.

Воситаҳои аёнӣ: муаррифӣ, маводи мултимедӣ, нақшаю овезаҳо оид ба нахи лавсан, намунаи нахи лавсан.

Равиши дарс

Санҷиши дониш (пурсиши вазифаи хонагӣ): Блитс пурсиш.

Пешакӣ оид ба мавзӯи гузашта 5-6 саволи асосие, ки ҷавобҳои кӯтоҳ ва мушаххас мехоҳанд, тайёр кунед. Интихобан 4 - 5 хонандаро пурсед. Барои ҳар як савол 10 - 15 сония истифода баред. Намунаи саволҳо:

- Нахи синтезӣ аз нахи сунъӣ чӣ фарқ дорад?

- Мономери капрон кадом модда аст?

- Сохти макромолекулаи капрон чӣ гуна аст?

- Оид ба хосиятҳои капрон ду се мисол оред.

- Соҳаҳои истифодаи нахи капронро бо 2-3 мисол шарҳ диҳед.

1. Нахи синтезӣ кадом аст:

A) мӯина

B) пахта

C) лавсан

D) вискоза

5. Агар барои ҳосил кардани полимер ду навъ мономер гирифта шавад, реаксия чӣ ном дорад?

A) Ҳидрогенизатсия

B) Полимеритатсия

C) Ҳамполимеризатсия

D) Изомеризатсия

6.Ҳосилкунии капрон ба кадом навъи реаксия шомил аст?

A) Ҳидрогенизатсия
B) Полимеритасия
C) Тарокуми мукаррар
D) Изомеризатсия

Қисми асосии дарс. Ташаккул додани салоҳиятҳо.

Лоиҳаи иттилоотӣ – таҳқиқотӣ.

Омӯзгор дарсро аз маълумоти шавқовар оғоз мекунад. Хонандагон бояд пай баранд, ки сухан дар бораи кадом полимер меравад.

Ин полимерест, ки:

–- Дар об ва ҳалкунандаҳои органикӣ ҳалнашаванда аст.

- Таҳқиқоти аввалин оид ба синтези ин полимер дар Британияи Кабир аз тарафи олимон Ҷон Уилфид ва Ҷеймс Диксон соли 1935 гузаронида шудааанд. Дар ИҶШС бошад он соли 1949 ҳосил карда шуд.

- Дар истеҳсолоти нах ва риштаҳо барои тайёр кардани матоъҳои гуногун, тӯри моҳигирӣ, ресмон, зарфҳои пластикӣ ва гайра истифода мешаванд. Инчунин онро барои истеҳсоли риштаҳои дар ҷарроҳӣ истифодашаванда ва ҷузъҳои сунъии дилу рагҳо истифода мебаранд

- Номаш аз номи макони ҳосилшудаи он (лаборатория высокомолекулярных соединений академии наук) дар ИҶШС гирифта шудааст.

Баъди пай бурдани хонандагон, ки сухан дар бораи нахи лавсан меравад, омӯзгор метавонад, ки маълумоти иловагиро доир ба нахи лавсан пешниҳод кунад.

Лавсан дар натиҷаи тарокуми мукаррари байни ҷавҳари терефталат ва этиленгликол ҳосил мешавад:

$HOOC\text{-}C_6H_4\text{-}COOH + HO\text{-}CH_2CH_2\text{-}OH + HOOC\text{-}C_6H_4\text{-}COOH + \ldots \rightarrow$

$\rightarrow HOOC\text{-}C_6H_4\text{-}CO - O\text{-}CH_2CH_2\text{-}O - OC\text{-}C_6H_4\text{-}CO - \ldots + nH_2O$

Дар шакли умумӣ:

$nHOOC\text{-}C_6H_4\text{-}COOH + nHO\text{-}CH_2CH_2\text{-}OH \rightarrow$

$\rightarrow HO\text{-}(\text{-}CO\text{-}C_6H_4\text{-}CO\text{-}O\text{-}CH_2CH_2\text{-}O\text{-})_n\text{-}H + (n\text{-}1)\ H_2O$

Омӯзгор метавонад, сабаби мустаҳкам будани нахи лавсанро, ки ба сохти молекулаи он вобаста аст, бо истифодаи маълумоти дар китоб овардашуда ба хонандагон фаҳмонад. Ӯ метавонад аз маълумоти дар китоби дарсӣ овардашуда истифода барад: мавҷудияти гурӯҳҳои **-O-CO-** қувваҳои байнимолекулиро дар макромолекули лавсан зиёд мекунанд, ки дар натиҷа полимер дурушт ва хеле мустаҳкам мешавад. Полимери ҳосилшудаи гудохта дар ҳарорати 80-120°C дар шакли наҳҳо кашида мешавад.

Ҳангоми фаҳмонидани истеҳсол ва истифодаи лавсан омӯзгор метавонад аз расмҳои дар китоб овардашуда (расмҳои 15 ва 16) истифода барад.

Баъзе хосиятҳои физикии лавсан:

$d = 1{,}38 - 1{,}4$ г/см³, $t_{гуд} = 260°C$,

$t_{нармшавӣ} = 245°C$, $t_{тачзия} = 350°C$

Расми 15. Нақшаи умумии истеҳсоли наҳҳои синтезӣ

Расми 16. Соҳаҳои истифодаи нахи лавсан

Вазифа ба гурӯҳҳои хонандагон: тайёр намудани буклет.

Омӯзгор ба хонандагон оид ба сохти буклет супориш медиҳад ва дар гурӯҳҳои хурд вазифаҳоро барои ҳар як нафар узви гурӯҳ тақсим мекунад: қ, х, ӣ, ҷ, ӯ.

- Номи қисмҳои буклет
- Кадом саволҳои асосӣ бояд дар қисмҳои буклет инъикос ёбанд?
- Маълумоти асосӣ, ки бо онҳо бояд кор кард: сохти мономер, формула, таърихи кашф, роҳҳои истеҳсол, соҳаҳои истифода, бартарӣ ва камбудиҳо

Шаклҳои кор: *кор дар гурӯҳҳои хурд.*

Шакли ҳимоя/баррасии лоиҳа: – *баррасии бисёррасонаӣ (мултимедӣ), буклет ё аёният.*

Муҳлати иҷро: 2 *ҳафта.*

Мустаҳкамкунии донишу малака

Усули Синквейн.

Хонандагонро метавонед ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Ба онҳо чунин супориш диҳед: Мавзӯи нахи лавсанро бодиққат хонед ва бо мазмуни он шинос шавед;

Доир ба нахи лавсан як исм ду сифат, се феъл, ибора ё ифодаи иборат аз чор калима ва муродифи ифодагари мафҳуми асосӣ нависед.

Намуна:

- лавсан;

- ба ҳарорат тобовар, ба таъсири кислота тобовар;
- месӯзад, дар об ҳал намешавад, дар истеҳсоли нахҳо истифода мешавад;
- полимери зиёд истифодашаванда аст;
- полиэтилентерафталат.

Дар вақти муаррифии гурӯҳҳо байни хонандагон муҳокимаронӣ ташкил намоед. Ба мафҳумҳое, ки маълумоти муҳим доранд, диққати бештар диҳед ва агар лозим шавад, худатон пурра кунед.

Хулосаи кори анҷомдодашуда. Бо хонандагон маълумоти ҳосилшударо ба тартиб дароред ва хулоса кунед.

Анҷоми дарс. Корти баромад.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, то мафҳумҳои фаҳмидаашон ва мафҳумҳоеро, ки нофаҳмо буданд, дар кортҳо дар шакли зер нависанд ва онҳоро супоранд.

Фаҳмо буданд **Нофаҳмо буданд**

Кортҳоро ҷамъ карда, метавонед, дар дарси дигар 3-5 дақиқа хулосабарорӣ ва баррасӣ кунед.

Вазифаи хонагӣ. Ба хонандагон метавонед супориш диҳед, ки дар бораи лавсан дар ҳаҷми то ним саҳифа эссе нависанд.

Арзёбӣ. Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед.

Барои арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки заминаи ташаккули салоҳияти хонанда ба шумор мераванд, ба меъёрҳои зерин диққат диҳед:

- хонанда фикрашро озодона баён мекунад?
- бо навбат сухан мегӯяд?
- суханони дигаронро намебурад?
- формуларо дуруст менависад?

Фаъолият	Метавонад	Қисман метавонад	Наметавонад
Дар бораи нахи лавсан маълумот диҳед			
Сохт, хосият, истифода ва тарзи истеҳсоли онро дар саноат шарҳ диҳед			
Муодилаи реаксияҳои ҳосилшавии нахи лавсанро нависед			

АДАБИЁТ:

1. Муҳаммад Лутфуллозода, Ғуломқодир Бобизода. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо // Душанбе, 2017. . – 88 с.
2. Бобиев Ғ. М., Зубайдов У. З., Тухтаев Б. Химия, китоби дарсӣ барои синфи 11// Душанбе, 2011. – 241 с.
3. Зубайдов У. З. Химия. Роҳнамои муаллим. Душанбе, 2011. – 126 с.
4. Абрамов В. А. Компетентностные методы обучения // М.: Недра, 1984. – 184 с.
5. Абрамзон А. А., Зайченко Л.П., Файнгольд С.И. Поверхностно – активные вещества // - Л.: Химия, 1988. – 260 с.
6. Вербицкий А.А., Ларионова О.Г. Личностный и компетентностный подходы в образовании. Проблемы интеграции // М.: Логос, 2009. – 250 с.
7. Хуторской А.В. Компетентностный подход в обучении. Научно – методическое пособие // М.: Издательство «Эйдорс», 2013. – 163 с.
8. Хуторской А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты // Интернет-журнал "Эйдос". - 2002. - 23 апреля. http://www. eidos.ru/journa l/2002/0423.htm. - В надзаг: Центр дистанционного образования "Эйдос"

ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ФИЗИКА

САФАРОВ М. *– мудири лабораторияи технологияи муосири таҳсилоти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *muhammadsattorovich@mail.ru, тел: +(992) 91 874 11 73*

Дар мақола масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни физика ва амалӣ гардонидани салоҳиятҳои фаннӣ барои ҳаёти ҳаррӯза баррасӣ гардидааст. Ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ вобаста ба қонуниятҳои физикӣ ва истифода бурдан аз қонунҳои он бо далелу имкониятҳо пешниҳод шудааст.

Вожаҳои калидӣ: *салоҳият, малака, маҳорат, физика, таҷриба, фанҳои дақиқ, табиат,татбиқ, истифода, мустақилона, масъала, ҳал, омӯзиш.*

ВНЕДРЕНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА НА ЗАНЯТИЯХ ПО ФИЗИКЕ

САФАРОВ М. *– заведующий лабораторией современной технологии института развития образования им. Абдурахмана Джами АОТ, г. Душанбе, улица Айни 45.* ***E-mail:*** *muhammadsattorovich @ mail.ru, тел: +(992) 91 874 11 73*

В статье рассматривается вопрос о практическом подходе к изучению предмета физики и реализации компетенции этого предмета. Решение задач и их использование в повседневной жизни, основываясь на физические законы и доказательства на занятиях по физике.

Ключевые слова: *компетенция, умение, навыки, физика, естесственные предметы, природа, реализация, использование, самостоятельно, задача, решение, обучение.*

INTRODUCTION OF COMPETENT APPROACHES ON PHYSICS TRAINING

SAFAROV M. *– Head of the laboratory of modern technology of the Education Development Institute named by A. Jami, Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail:*** *muhammadsattorovich @ mail.ru, mob.: +(992)91 874 11 73.*

The main problem of practical approaches on physics tpainings and the realization of the competences of this subject are considered in this article. The ways of solution of promlems and their use in life based on physics laws, facts and possibilities are offered in this article.

Keywords: *competence, skills, physics, natural objects, nature, realization, use, independently, task, solution, training.*

Таҷрибаҳои чандинсола нишон дода истодаанд, ки сарбории зиёди таълимӣ дар ташаккули тафаккури хонандагони муассисаҳои таълимӣ мушкилоти зиёде эҷод менамояд. Танҳо ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар таълим, бахусус, таълими фанни физика метавонад, малакаву маҳорати хонандагонро барои иҷро намудани фаъолиятҳои амалӣ, мисли таъмири асбобҳои барқии рӯзгор, иҷрои корҳои механикӣ бо истифода аз қонунҳои физикиро рушд диҳанд.

Барои ҳалли ин мушкилот раванди таълимро такмил дода, рушди тафаккури хонандаро ҳамчун як инсони босалоҳият аз ҷумла, дар намудҳои гуногуни фаъолияти арзишманди инсонӣ: омӯзиш, фаҳмиш, рушди шахсият, интихоби касб, муносибат бо муҳити атроф ва ғайра таъмин намудан зарур аст. Зеро мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муосири соҳаи маориф хонандагон ҳангоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба «системаи нави дониш, малака, маҳорат, фаъолияти мустақил ва масъулияти шахсӣ, яъне салоҳияти асосии замонавӣ» соҳиб гарданд.

Шахсияти муосир бояд ташаббускор, навовар, пешраванда, тағйирпазир, пурқувват ва созанда бошад.

Мутахассиси оянда бояд техника ва технологияи навро пурра донад, онро дуруст истифода карда тавонад, ба ҳаёти касбии иҷтимоӣ зуд мутобиқ шавад, дар ҳайати даста кор карда тавонанд, ҳалли мушкилотро дарёбад ва аз ҳолатҳои ҳаяҷонӣ ба зудӣ худро раҳо созад.

Чӣ тавр барои фаҳмидани физика омилҳои дохилии хонандагонро инкишоф додан даркор?

Бо кадом тарзи фаъолият бояд хонандагонро омӯзиш дод?

Ба ин саволҳо муносибати босалоҳият дар таълими фанни физика ҷавоб медиҳад.

Муносибати босалоҳият татбиқи амалии тамоми маълумоти таҳсилоти мактабӣ (аз он ҷумла омӯзиши фанҳо) мебошад. Самти мазкур аз саволҳои одӣ дар бораи он ки хонанда чӣ гуна метавонад берун аз мактаб фаъолият намояд, оғоз мешавад. Мазмуни асосии ин самт аз он иборат аст, ки маълумоти гирифташуда бояд дар раванди фаъолияти ҳамарӯза истифода бурда шавад. Махсусан, он дониши назариявиеро дар бар мегирад, ки омӯзгор ба шогирдон ба таври амалӣ шарҳ медиҳад ва барои иҷрояш роҳнамоӣ менамояд.

Саволи таълими анъанавӣ –«Чиро бояд таълим дод?», на он қадар бамаврид аст. Муносибати босалоҳият мазмуну муҳтавои фаъолияти таълимро таъкид мекунад. Дар ин ҳолат мазмуну муҳтавои асосии таълим ин иҷрои амалҳо, ҳалли мушкилот ва таҳлили вазъият дар ҷойи аввал меистад. Мафҳумҳои «бояд донад», «бояд тавонад» ба «метавонад» табдил меёбад.

Дар барномаҳои таълимӣ муҳтавои фаъолият дар самтҳои малакаву маҳоратҳо ва таҷрибаи ҷойдоштаи таълим нишон дода мешаванд. Нишондиҳандаи муҳимтарини муносибати босалоҳият ин қобилияти хонандагонро ба худомӯзӣ равона кардан ва дарки моҳияти масъала мебошад, аммо ин бе гирифтани дониши амиқ ба даст намеояд. Дониш пурра ба малакаву маҳорат вобаста аст. Ҳангоми омӯзиш танҳо он донишҳое, ки барои ташаккул додани малакаву маҳорат зарур аст, истифода мешаванд. Дар баробари ин, хонанда бояд дар вақти лозима ҳамаи ин манбаъҳои маълумотро барои ҳалли мушкилот зуд ва бемамониат истифода барад.

Дар доираи салоҳиятҳои асосии марбут ба таҳсилоти мактабӣ салоҳиятҳои фаннӣ низ рушд дода мешаванд, то донишандӯзон дар ҳолатҳои ноустувор ҳангоми ҳалли проблемаҳои ҷорӣ мустақилона амал карда тавонанд. Салоҳиятҳои асосӣ имконият медиҳанд, ки инсон, дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ дар шароити пешравии рӯзафзуни ҷомеаи муосир ба комёбиҳои баланди маърифатӣ расад.

Муносибати босалоҳият ба муаллим ва хонанда чӣ медиҳад?

Муносибати босалоҳият имкон медиҳад:

- Ҳамоҳанг сохтани ҳадафҳои омӯзгору хонанда имконпазир мегардад;
- Ба таҳсили минбаъдаи касбӣ бо дарки масъулият хонандагон омода мешаванд.
- Иҷтимоишавии хонандагон таъмин ва беҳтар мегардад.;
- Ҳавасмандгардонии хонандагон бо назардошти манфиатҳо барои зиндагии имрӯз ва оянда афзун мешавад;
- Ба шарофати боло рафтани мустақилият ва масъулияти хонандагон кори омӯзгор осон мешавад;
- Раванди ягонаи таълиму тарбияе, ки омодагии хонандаро ба ҳаёт бо тарзи гуногун вақти дарсӣ ва ғайридарсӣ ҳал карда метавонад, таъмин мегардад.

Барои татбиқи муносибати босалоҳият омӯзгор бояд:

- Салоҳияти касбӣ дошта бошад;
- Ташаббускор ва мустақил бошад;
- Манфиатҳои ҳаётии хонандагони худро донад, фаҳмад ва ҳимоя намояд;
- Шогирдони худро гӯш карда тавонад ва онҳоро шахсият шуморад;
- Мушкилоти лаҳзаҳои таълимро ҳис намояд;
- Маводи омӯзиширо мувофиқи мақсад интихоб карда тавонад;
- Аз машғулиятҳои амалӣ босамар истифода намояд;

- Дар миёни шогирдон ҳамкориҳои мухталифро аз қабили гӯрӯҳӣ ва инфиродӣ роҳандозӣ карда тавонад;
- Ҳамроҳи хонандагон мақсад гузошта, арзёбӣ кунад;
- Ҳолатҳои дастрасӣ ба муваффақиятро пешбинӣ карда тавонад;
- Дар миёни хонандагон баҳс ва муҳокимаро ташкил карда тавонад;
- Ҳангоми арзёбӣ сатҳи рафтору одоби шогирдонро ба этибор бигирад;
- Арзёбии фаъолияти омӯзишии хонандагон ба таври густурда, яъне дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои ҳаётӣ анҷом дода шавад;
- Камбудиҳоро рӯйпӯш накунад;
- Барои ислоҳи камбудиҳо ҳама гуна чораҳоро андешад;
- Ба пешаи худ содиқ бошад.

Ҳангоми ташаккули салоҳиятҳои хонандагон машғулиятҳо бояд тарзе ба нақша гирифта шаванд, ки ба ҳосил намудани малакаву маҳоратҳои ҷустуҷӯӣ, мустақилят, имкони ҳалли мустақилонаи мушкилот, маҳорати далелҳоро таҳлил намудан, ҷамъоварӣ ва хулосаи мантиқӣ баровардан мусоидат намоянд. Хонандагон бояд дорои малакаҳои таҳлилӣ, ҷамъбасткунӣ, тарҳрезии ин ё он масъала гарданд. Чунин амалиёт дар таълими муносибати босалоҳият ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Мустақилона пайдо кардани ҷавоб пирӯзест дар дарк намудани табиати мураккаби ҷаҳон ва эътимод ба хеш. Кашфи мустақилонаи хурдтарин ҳаҷми дониш барои хонандаи хурдсол фараҳбахш асту боиси майлу трағбат ба омӯзиш мегардад.

Усули татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни физика ташкили фаъолияти мустақилона ҳангоми ҳалли масъалаҳои физикӣ мебошад. Масъалаҳои физикӣ ба намудҳои зерин тақсим карда мешаванд: ҳисобӣ, графикӣ, сифатӣ, тестӣ, омехта, таҷрибавӣ, ғайристандартӣ. Технологияи пешниҳодшуда барои ҳалли масъалаҳои гуногуни физикӣ, аз худ кардани онҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки курси таълими муносибати босалоҳиятро дар фанни физика ба роҳ монанд. Самаранокии таълими мазкур дар он аст, ки он ба хонандагон имкон медиҳад, то худро барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳои физикие, ки дар ҳама гуна шакл пешниҳод карда шаванд, омода созад. Ин гуна барномаи таълим барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, гимназияҳо ва литсейҳо муфид буда, татбиқи он ба таҳсили хонандагон барои омӯзиши дақиқи фанни физика, барои ҳавасмандии онҳо самарабахш хоҳад буд.

Натиҷаҳои пешбинишуда:

- паҳн намудани технологияи усули фаъолияти таълимии байни муаллимони шаҳр;
- баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ;
- таъмини сифати фаъолияти омӯзгор дар шароити нав.

АДАБИЁТ:

1. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе.// Педагогика. 2003, № 10

2. Гетманская А.А. Формирование ключевых компетентностей у учащихся. Сайт ИД «Первое сентября». Сайт фестиваля 2003-2004.

3. Зеер Э.Ф., Павлова А.М., Сыманюк Э.Э. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход. М. -2005. – 190 с.

4. Лебедев О. Е. Компетентностный подход в образовании //Школьные технологии. -2004. -№5. - С. 3-12.

5. Коган Е. Я. Компетентностный подход и новое качество образования / Современные подходы к компетентностно-ориентированному образованию/ Под ред. А. В. Великановой. – Самара: Профи, 2001. – 179 с.

6. Шишов С.Е., Агапов И.И. Компетентностный подход к образованию как необходимость // Мир образования. 2001, № 4.

ВАЗИФАИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

НАЗРИЕВА Ф. *– ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45. тел: +(992) 915 51 61 95*

Дар мақола сухан дар бораи вазифаи падару модар дар ташаккул додани салоҳияти даркнамоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ меравад. Муаллифи мақола ҳамкории падару модаронро бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон таҳлил менамояд.

Вожаҳои калидӣ: *ташаккули салоҳият, падару модарон, вазифа, оила, мактаб, омӯзгор, хонанда.*

ОБЯЗАННОСТЬ РОДИТЕЛЕЙ В ФОРМИРОВАНИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

НАЗРИЕВА Ф. *– старший научный сотрудник отдела дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени А. Джами АОТ, г. Душанбе, ул. Айнӣ 45. тел: +(992) 91 551 61 95*

В статье рассматривается вопрос об обязанностях родителей в формирование познавательной компетенции учащихся начальных классов. Автор подчеркивает взаимодействие учителей начальных классов и родителей по компетентностному подходу к обучению учащимся начальных классов.

Ключевые слова: *формирование компетенция, родители, обязанность, семья, школа, учитель, ученик.*

THE DUTY OF PARENTS ON FORMATION OF INFORMATIVE COMPETENCE FOR ELEMENTARY LEVEL STUDENTS

NAZRIEVA F - *senior researcher of the department of preschool and Primary Education of the Education Development Institute named by A. Jami, Dushanbe, 45 Ayni str., mob: +(992) 91 551 61 95*

The main duties of parents on formation of informative competence for elementary level students are considered in this article. The author underlines interaction of teachers of elementary grades and parents for competent approach to pupils learning.

Keywords: *competence formation, parents, duty, family, school, teacher, students.*

Чунон ки дар суханронияш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, «Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хосса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд».

Аз ин рӯ, оила муҳити ташаккулдиҳандаи қобилияту истеъдоди инсонӣ, забон, тафаккур, ирода, шавқу ҳавас, урфу одат ва ғайра ба ҳисоб меравад. Махсусан, ақидаи падару модарон ба рафтору кирдори кӯдакон таъсири бузург мерасонад ва минбаъд тарбиятгарон онро идома медиҳанд. Оила мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина ягон каҷравие ба вуҷуд ояд, ислоҳи он барои падару модар ва дар оянда барои муаллимони мактаб ҳам кори басе душвор мегардад. Фарзанд барои ҳар кас азиз аст, вале одобаш аз он азизтар аст.

Ин ақидаро шоири бузург Низомии Ганҷавӣ чунин шарҳ медиҳад:

Хишти аавал гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Дар қалби фарзанди кӯчак бедор кардани ҳисси эҳтиром ба илму маърифат, пеш аз ҳама, аз волидон вобаста аст. Масалан, аз бузургони миллати мо панде ба мерос мондааст, ки «Агар давлату сарватро сарф намоӣ, кам мешавад ва агар илмро сарф намоӣ, зам мешавад». Қисме аз падару модарони арҷманд баробари таваллуд гаштани тифл худро ба хӯронидану пӯшонидани ӯ масъул дониста, ба таълим додани онҳо кам таваҷҷуҳ менамоянд. То мактабхон шудан (агар кӯдакистон мавҷуд набошад), қисме аз кӯдакон чӣ будани китобу чӣ манфиат доштани онро намедонанд. Модар, ки бештари вақти фарзандон бо ӯ мегузарад, боре афсонааш нагуфтааст, боре китоби рангину шавқовареро ба ӯ нишон надодааст. Баъзе модарон ба ҷойи ин амалҳои неку манфиатовар соатҳо дар кӯча нишаста, машғули суҳбатҳои беҳуда мешаванд. Ба ин тариқ, фарзандашро ба дасти омӯзгор месупорад. Омӯзгори бечора бошад, бо хуни ҷигар ӯро ба таълим фаро мегирад. Тӯли чор – панҷ соат ҳамарӯза бо ӯ кор мекунад. Вазифаи хонагӣ месупорад, то дар хона бо ёрдами падару модар онро иҷро намояд.

Рӯзи дигар хонанда бо ҳамон вазифаи нотайёр ба мактаб меояд. Чӣ тавр омӯзгор дилгарм шавад аз амали ин хонанда? Ҳаргиз не! Ҳамин тариқ, хунукназарӣ оғоз меёбад. Шогирде, ки вазифаҳои супурдаи муаллимонро сари вақт иҷро менамояд, маълум аст, ки падару модар нисбат ба ӯ бепарво нестанд. Барои фарзанди хуб тарбия намудан аз рӯзҳои нахустин бояд падару модар тарбияи ӯро дуруст ба роҳ монанд, бо мактаб алоқаи хуб намоянд. Бинобар ин, падару модар дар тарбияи фарзанд бояд саҳм гузошта аз рӯзҳои аввал барои ба воя расидани инсони сазовори ҷомеа кӯшиш намоянд. Падару модарон, ки асоси оиларо ташкил мекунанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Барои таълиму тарбияи фарзанди худ ҳеҷ чизро дареғ надоранд.

Ҷомеа имрӯз ба наврасону ҷавонони соҳибистеъдоду ихтироъкор ниёз дорад. Аз ин рӯ, волидайнро зарур аст, ки фарзандони хешро аз хурдсолӣ ба мутолиаи китоб машғул доранд. Дилбастагӣ ба китоб онҳоро ба илмомӯзӣ ҳавасманд мегардонад. Малакаҳои донишу таҳсил худ аз худ пайдо намегардад ва ин ҷо пеш аз ҳама назорати падару модар зарур аст. Падару модарон бояд, ки дар вақти холӣ фарзандони худро ба муассисаҳои фарҳангӣ баранд, инчунин, ҳамроҳ китоб хонанд. Лаҳзаҳои ҷолибу пандомӯзро ба фарзандонашон нақл кунанд. Барои кӯдакону наврасон дар кишвар китобҳои ҷолибу хонданӣ ба табъ мерасанд, ки метавон онҳоро барои фарзандон харидорӣ намуд, то ки шавқи китобхонӣ дар онҳо бедор гардад.

Дар тӯли садсолаҳо хонаводаи тоҷик ҳазорон фарзандони фарзонаро ба дунё овардаву ба камол расонидааст, ки онҳо барои халқи худ ва тамаддуни башар хизматҳои зиёди таърихиро ба анҷом расонидаанд. Падару модароне, ки аз фарҳанги тарбия барҳӯрдоранд ва аз равишҳои хос баҳраманд, фарзандони худро хубтар тарбия медиҳанд.

Бинобар ин, насли ояндаи мо бояд аз хурдӣ аҳаммият ва зарурияти хонаводаро дар зиндагӣ дарк намояд, дар ҳамин синну сол дар қалби поку беғубори онҳо муносибатҳои инсондӯстӣ, шафқату меҳрубонӣ, қатъияту талаботи ягона парварида шавад. Фарзандони мо ҳанӯз дар хурдсолӣ барои худ намунаи ибрат интихоб мекунанл, барои духтарон бештар модар ва барои писарон падар намунаи беҳтарини ибрат дар тарбия мебошад.

Аз ин рӯ, падару модар вазифадор аст, ки ҳиссиёти мусбати кӯдакро нисбат ба ҷаҳон ва ҷаҳониён ташаккул диҳад. Рафтору гуфтори волидайн ин намунаи ибрати ҳар як фарзанд аст. Мо набояд фаромӯш созем, ки оила ин макони асосии ташаккули салоҳият ва шахсияти кӯдакон аст ва онро ҳеҷ кас иваз карда наметавонад. Ташаккули шахсияти кӯдак аз муҳаббати бепоёни падару модар оғоз мегардад. Падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон ҷой дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар рӯҳияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд парчами давлатамонро дилпурона ба сӯи ояндаи ободу осуда баранд. Дар баробари ин, эҳтиром намудани падару модар ва расидан ба қадри заҳмати онҳо қарзи фарзандии ҳар як инсони бонангу номус мебошад. Шахс дар сурате метавонад ба пирӯзиву комёбиҳо ноил гардад, ки агар дуои неки падару модарро гирад ва ба қадри ранҷу заҳмат ва дилсӯзиву ғамхориашон расад.

Барои ҳалли мушкилоти бамиёномада ҳамкории байни оила ва мактабро мустаҳкам кардан лозим аст. Шароити имрӯза масъулияти падару модаронро дар тарбияи насли наврас дучанд менамояд ва вазъият тақозо мекунад, ки волидайн ба тарбияи ахлоқии кӯдакон аз ҳарвақта дида, бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид шудааст, ки «падару модарон донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд. (6, с.57).

Дар асосӣ фароҳам сохтани шароити ҳамкорӣ байни ҳамдигар шахсияти кӯдак ташаккул меёбад. Дар барқарор намудани робитаи байни волидайн ва омӯзгорон, роҳбари синф нақши муҳим мебозад. Чӣ хеле, ки волидайн нисбат ба мактаб муомила намоянд фарзанд низ ҳамон хел муносибатро раво мебинад. Ба комёбӣ ноил гардидани кӯдак дар мактаб аз кӯшиши волидайн хеле вобаста аст. Чи тавре ки дар боло зикр кардем, онҳо бояд робитаи худро бештар кунанд ва дар дарсҳо иштирок намоянд ва аз рафтору кирдори фарзандони худ огоҳ шаванд. Оила барои кӯдак ҳам сарчашмаи малакаҳои меҳнатӣ ва ҳам ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Насли ояндасозро падару модар мепарварад. Вазифаи волидайн фақат ба дунё овардани фарзанд нест, вазифаи асосии онҳо тарбия намудан ва чун инсони бомаърифат ба воя расонидан аст. Ҷаҳонбинӣ, эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу одоб ва сифатҳои муҳимми ахлоқӣ аз оила ибтидо мегиранд. Аз ин ҷиҳат волидайн ба тарбияи фарзанд ҷавобгар ҳам аст.

Кош ҳамаи падару модарон дорои ҳамин гуна фазилатҳои инсонӣ бошанд ва дар таълиму тарбияи фарзандашон саҳмгузор гарданд. Дар ин сурат зери шиори «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» тарбияи фарзанд аз тарафи волидайн баҳри ба ҳадафҳои асосӣ расидани давлату миллат, пешрафту шукуфоии Ватани азизамон мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ:

1. Ананьева Б.Г. Избранные психологические труды // В2-х т. Т.1. М., Избранные психологические труды: М., Педагогика, 1980. – 287 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» . (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №7-8).

3. Лутфуллозода Муҳаммад. Педагогикаи шафқат // Душанбе , 1994. – 48 с.

4. Сухомлинский В.А. Избр. Пед. соч.,// в 3-х т. Т.3. М., Педагогика, 1981.– 640 с.

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТЛООТӢ – ИРТИБОТӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

МИРБОБОЕВА Б. М. *– мудири бахши омӯзиши масъалаҳои мактабҳои камнуфуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45,* ***E-mail:*** *mirboboeva 61@mail.ru; тел.: +(992)93 923 64 52.*

СУЛАЙМОНОВА Н. *– омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 15, ш. Душанбе, к. Айнӣ, тел.: + (992)91 935 76 10*

Муаллифи мақола моҳияти истифодаи технологияи иттлоотӣ – иртиботиро барои ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим таҳлил намуда, нишон додааст, ки инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти тараққиёти илму техника аз хонандаи имрӯза дониш, маърифат, заковат, мушоҳидакорӣ ва дарки ҳаёти воқеиро талаб менамояд.

Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ имконоти васеъ доранд, ки технологияи гуногуни муосири иттлоотӣ – иртиботиро дар дарсҳояшон истифода бурда, савияи дониши хонандагонро баланд бардоранд.

Вожаҳои калидӣ: *технологияи иттлоотӣ — иртиботӣ, дониш, маърифат, таҷриба, технологияи муосир, корҳои мустақилона.*

РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

МИРБОБОЕВА Б. М. *– зав. сектором изучения вопросов малокомплектных школ Института развития образования имени Абдурахмона Джоми АОТ, г. Душанбе, ул. Айнӣ 45,* ***E-mail:*** *mirboboeva 61@mail.ru; тел: +(992)93 923 64 52.*

СУЛАЙМОНОВА Н. *– учительница начальных классов среднего общеобразовательного учреждения №15 района Шахмансур, города Душанбе, ул. Айнӣ 47, тел.: + (992) 91 935 76 10*

Целью использования информационно-коммуникационных технологий для развития компетенции учащихся в процессе обучения, по мнению автора является формирование активной творческой личности учащихся, способных самостоятельно строить и корректировать свою учебно-познавательную деятельность.

Учителя образовательных учреждений имеют возможность для широкого внедрения разнообразных современных технологий в практическую работу, применять информационно-коммуникационную технологию для активной деятельности учащихся на занятиях.

Ключевые слова: *информационно-коммуникационная технология, знание, культура, опыт, современная технология, самостоятельная работа.*

THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY FOR DEVELOPING COMPETENCE OF STUDENTS IN THE TRAINING PROCESS

MIRBOBOEVA B. M. *– Head of the sector of studying the problems of small schools of the Education Development Institute named by A. Jami, Dushanbe, 45 Ayni str., mob.: +(992)93 923 64 52.*

SULAYMONOVA N. *– teacher of primary grades of secondary general education institution No. 15, Shahmansur district, Dushanbe, 47 Ayni str., mob.: + (992) 91 935 76 10*

The purpose of using information and communication technologies to develop the competence of students in the learning process, by the authors' opinion, is the formation of an active creative personality of students, capable of independently building and adjusting their educational and cognitive activities.

Teachers of educational institutions have the opportunity to widely introduce various modern technologies into practical work, to use information and communication technology for the activities of students in classroom.

Keywords: *information and communication technology, knowledge, culture, experience, modern technology, independent activity.*

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли масоили иҷтимоии соҳаи маориф ва минбаъд баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар ҷомеа ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Аз нигоҳи ӯ омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии ӯ вобаста аст, зеро омӯзгорон тарбиятгарони наслҳои ояндасози миллат ва давомдиҳандагони анъанаву суннатҳои пурифтихори миллии мо мебошанд.

Ин моро огоҳ менамояд, ки роҳу равишеро бояд пеш гирем, то шогирдонамон тавассути таълим ба зиндагии оянда омода бошанд. Тамоми саъю кӯшиш ва талоши низоми соҳаи маорифи имрӯзаи кишвар ба хотири ин аст, ки мактаб инсонеро ба камол расонад, то насли баркамол ва ояндасози ҷомеаи навини Тоҷикистони азизамон бошад.

Инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти тараққиёти илму техника аз хонандаи имрӯза дониш, маърифат, заковат, мушоҳидакорӣ ва дарки ҳаёти воқеиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, омӯзгорони муассисаҳои таълимиро лозим аст, ки барои ташаккули зеҳнии хонандагон нигоҳ ва андешаи тоза дошта бошанд.

Бо назардошти пешрафти илм ба назария ва принсипҳои дидактикии таълим низ тағйироти зиёде ворид шуда истодааст, ки онро ба назар гирифтан зарур аст. Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундарича ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад. Тибқи он "Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоилоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнати талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд."[1]

Як масъалаи муҳимми дигаре, ки зарурати ворид намудани тағйиротро тақозо менамояд, ин ба сохтори масъала ва таҳлилҳои амиқи илмию методӣ ҳамҷониба назар кардан аст. Зеро бо ворид шудани муносибатҳои нав дар таълим ба ҳамгироии истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт мусоидат мекунад ва ба баланд бардоштани сифати таълим оварда мерасонад.

Баланд гардидани самараноки таълим бе истифодаи усули муосири таълим ғайриимкон аст, зеро истифодаи технологияи иттлоотӣ-иртиботӣ барои омӯзгор роҳҳои имконияти навро дар омӯзонидани фанни таълимӣ мекушояд. Омӯзиши ҳар як низом бо истифода аз технологияи иттлоотӣ-иртиботӣ барои андеша намудан ва иштирок дар лаҳзаҳои дарс имконият медиҳад, ки дар ташаккули ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши фан мусоидат мекунад. Дарсҳои интерактивӣ нисбат ба анъанавӣ, ки бо ёрии мултимед матнҳо ва маводи барномаҳоро муаррифӣ менамоянд, ба хонандагон имконият медиҳанд, ки донишашонро амиқ намоянд ва аз натиҷаи омӯзиш сатҳи маънавиашонро баланд бардоранд. Бо ин роҳ онҳо метавонанд малакаи худомӯзию худташаккулдиҳиро инкишоф дода, дар ҳалли супоришоти амалӣ фаъолона иштирок намоянд.

Масъалаи салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ин ҳадафҳои дурнамои таҳсил буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад. Вазифаҳои асосии таълими босалоҳият аз он иборат аст, ки ҷараёни таълимиву маърифатӣ дар хонандагон хусусияти тазаккурӣ доштани таълимро ташаккул медиҳад. Яъне хонандагон шунидан, хондан ва бозгӯйӣ ё дар асоси намунаҳо, қоидаҳо иҷро кардани мисолу масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.

Дар чунин шароит ба роҳ мондани шакли нави машғулиятҳои таълимӣ муносибатро ба навъҳои фаъолияти хонандагон тағйир дода, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти хониш ва ташаккули шавқи хонандагон ба фанҳо ҷустуҷӯро талаб менамояд.

Яке аз роҳҳои самарабахши таълим ин истифода намудани воситаҳои дидактикии муосир дар ҷараёни таълим ба шумор меравад, ки ба фаъолияти касбии омӯзгор ва фаъолияти ҳамарӯзаи хонандагон таъсири мусбати худро расонида метавонад.Технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ яке аз воситаҳои дидактикии муосири таълим буда,барои ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим нақши муҳим дорад ва худи омӯзгор бояд онро пурра истифода карда тавонад.

Технологияи иттилоотӣ ба худи омӯзгорон барои тайёр намудани маводи шарҳдиҳанда имкониятҳои навро фароҳам меорад. Бояд қайд намуд, ки чунин маводи таълимӣ барои хонандагон дарк кардан, ба хотир гирифтани маводи таълимӣ ва ҳавасмандӣ пайдо кардан ба омӯзиши ҳодисаҳоро бениҳоят осон мегардонад.Дарк намудани иттилоот ин марҳилаи муҳимми азхудкунии мавод буда, аз он дуруст ташаккул ёфтани савияи дониш ва дарк кардани моҳияти он вобастагӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки "салоҳият"-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо ташаккул меёбад. Босалоҳиятӣ натиҷаи амалии дониш, маҳорат ва малака аст. Дар ташаккули муносибати босалоҳият дар таълим ва раванди он хусусиятҳои ба худ хос доранд. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байни ҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият

[1]Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 2012.

медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии малака, маҳорат ва дар маҷмӯъ салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои омода кардани шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

Технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ ҳамчун марҳилаи нав дар соҳаи маориф буда, дар фаъолияти таълим ва корҳои эҷодии хонандагон имкониятҳои навро фароҳам меоварад. Дар раванди истифодаи ТИИ (технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ) дар дарсҳо ҳавасмандгардонӣ ба таълим баланд бардошта мешавад,дар хонандагон шавқи маърифатӣ пайдо мегардад ва самаранокии корҳои мустақилонаро инкишоф медиҳад. Дар навбати аввал чунин вазъиятро ба амал меорад, ки омӯзиши ТИИ (технологияи иттлоотӣ – иртиботӣ) яке аз воситаи асосии фаъолияти касбии ояндаи шахс ҳисобида мешавад. Ташаккули маҳорати таҳқиқотӣ ва пайдо намудани шавқу ҳаваси хонандагон ба таҳқиқоти илмӣ танҳо дар раванди коркади супоришоти лоиҳавӣ ва бо назардошти омӯзиш дар сохтори қолабҳои мазмуни самти таълими «Технологияи иттлоотӣ» асоснок карда мешавад.

Дар раванди истифода намудани ТИИ ба амалӣ гардидани ҳамаи неруҳои шахсият: маърифатӣ, ахлоқӣ – маънавӣ, иртиботӣ ва эстетикӣ кӯшиш намудан лозим аст. Ҳамаи ин зарфиятҳо, пеш аз ҳама салоҳияти педагогӣ дар доираи технологияи иттилоотӣ бояд дар сатҳи баланд амалӣ гардонида шавад. Барои такмил додани қисматҳои иртиботии фаъолияти худ омӯзгор метавонад аз барномаҳои гуногуни ташхиси равонии компютерӣ истифода намояд. Яке аз самтҳои афзалиятноки иттилооткунонии ҷомеа ин иттилооткунонии раванди таълим ба шумор меравад, ки истифодаи васеи омӯзиши технологияи иттилоотиро зарур мешуморад.

Бинобар ин, барои омӯзгорон донистан ва истифода намудани якчанд барномаҳои компютерӣ заруриятро ба миён меорад, ки истифодаи онҳо дар фаъолияти касбии омӯзгорон таҳозои замон мебошад. Бо истифода аз чунин имкониятҳо мазмуни кори таълим мукаммал гардида, ҳавасмандии хонандагонро ба таълим зиёд мегардонад ва дар маҷмӯъ ба ташаккули муносибати босалоҳияти хонандагон дар таълим замина фароҳам мегардад. Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки аз чунин барномаҳои компютерӣ самаранок истифода баранд, то ки барои ташаккули салоҳияти касби эшон ва салоҳиятнокии хонандагон дар таълим самараи хуб бахшад.

Таҳрири матнӣ Microsoft Word. Яке аз муҳимтарин принсипҳои дидактикӣ – аёнийат ба шумор меравад, ки барои амалӣ гадонидани он таҳрири матнӣ имкониятҳои бузургро фароҳам меорад. Бо ёрии он аёнийат, маводи гуногуни барномаҳо, варақаҳои дидактикӣ, тайёр кардани матнҳои суратдор, машкҳо ва таҷҳизоти синфхонаҳоро тайёр кадан мумкин аст. Таҳрири матнӣ барои корҳои эҷодӣ бисёр имконийат фароҳам меорад, ки бо ёрии он лоиҳаҳои эҷодӣ, машғулиятҳо, таҳқиқот, маърӯзаҳои шавқоварро дар шакли ҷолиб иҷро кардан мумкин аст.

Таҳрири графикӣ Adobe Photoshop. Таҷриба нишон медиҳад, ки маводи бо ранги сурх тасвиршуда хуб аз худ карда мешавад.Технологияи иттлоотӣ – иртиботии муосир ба омӯзгор имконийат медиҳад, ки аз сканер, принтер, тахтаи электронӣ ва проекторҳо самаранок истифода намояд.

Имконияти истифода намудани тахтаи интерактивӣ нисбат ба зиёд истифода бурдани аёниятҳо афзалиятнок буда, бештар диққати кӯдаконро ба раванди таълим ҷалб намуда, ҳавасмандкунии онҳоро ба таълим баланд мебардорад.

Технологияи иттлоотӣ на танҳо дастрасиро ба иттилоот осон мегардонад, балки имконияти роҳҳои фаъолияти таълими ҳамгироию тафриқавиро ба вуҷуд меорад ва ба ташкил намудани ҳамкории ҳамаи субъектҳои таълим имконийат дода, системаи таълимро бунёд менамояд, ки хонанда бояд фаъол ва иштирокчии баробарҳуқуқи ҷараёни таълимӣ бошад. Ин роҳ ба хонандагон имконийат медиҳад, ки дониш, маҳорат ва малакаашонро дар амал татбиқ намоянд ва салоҳиятнокиашонро ташаккул диҳанд.

Барномаҳои давлатии компютеркунонӣ дар муассисаҳои таълимӣ имконийат медиҳанд, ки на танҳо омӯзгорону шогирдон дар дарсҳои таълими технологияи иттилоотӣ аз маводи технологияи муосири иттилоотӣ – иртиботӣ истифода намоянд, балки онҳо метавонанд дар лаҳзаҳои дарс ва дар ҳамаи намуди фаъолияти таълимӣ аз он самаранок истифода намоянд. Барои аксарияти омӯзгорон маълум аст, ки барномаҳои мултимедии

муосири компютерӣ хамчун маводи ёрирасон ва самарабахш дар таълим ба шумор мераванд. Инчунин, дар раванди фаҳмонидани маводи нави таълимӣ ва гузаронидани корҳои амалӣ аз рӯйи бобҳои барномаҳои таълимӣ аз якчанд барномаҳои компютерӣ истифода намудан ба маврид аст, ки он метавонад салоҳияти хонандагоро дар таълим ташаккул дода, ҳавасмандии эшонро ба омӯзиши фанҳои таълимӣ зиёд гардонад.

Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки барои сайқал додани маҳорати касбии худ аз барномаҳои компютерӣ ва технологияи муосири таълим самаранок истифода баранд, то ки барои амалӣ гардонидани донишҳои аз худкардаи шогирдон заминаи хуб фароҳам оварда тавонад. Шогирдон бо ин васила тавонанд малакаҳои асосии иҷтимоиро, ки талаботи бозори меҳнат ба шумор меравад, амалӣ намоянд. Нақши муассири чунин дарсҳо метавонад барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ҷоннок намудани раванди таълим замина гузорад.

АДАБИЁТ:

9. Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании //-М, Школа-Пресс, 2002. – 67с.

10. Горц. Н. А. Применение информационных технологии на уроках. Материалы конф. «Школа и компьютер» - М,-2004. – 167с.

11. Муҳаммад Лутфуллозода, Ғуломқодир Бобизода. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. - Душанбе, 2017 – 88 с.

12. Рахмонов Э. Ш. Ответственность за будущее нации. Послание Президента в Маджлиси Оли Таджикистана // Народная газета.-2003, 9 апреля.- С.1-2.

13. Рахмонов Э.Ш. Таджикистан на пороге XXI века // Душанбе: Шарки озод,2001. – 67с.

14. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. - Душанбе, 2012. – 135 с.

15. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияиинсонофарвачомеаифарҳангӣ // Душанбе, 2010 - 545с.

ИСТИФОДАИ УСУЛИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

НЕЪМАТОВА Б. *– омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарии Муассисаи давлатии донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, шаҳри Душанбе, к.Маяковский 70/2. E –mail.:bibijon07@mail.ru тел.: +(992)502075841*

Агар омӯзгорони забони модарӣ аз истифодаи усули фаъоли таълим огаҳ бошанду равиши дарсро қадам ба қадам ба роҳ монанд, дарс на дилгиркунанда, балки шавқовар ва писанди хонандагон мегардад. Омӯзгорон бояд аз усулҳои навтарини таълим васеъ истифода намоянд, дарсҳоро ҳамаҷониба бо низоми нави таълими салоҳиятнокӣ ба роҳ монанд ва аз санъати сухану технологияи компютерӣ хуб бохабар бошанд.

Вожаҳои калидӣ: *усул, таҳсилот, омӯзгор, хонанда, дарс, усули интерактивӣ, забони давлатӣ, усули таълим.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ НА ЗАНЯТИЯХ РОДНОГО ЯЗЫКА

НЕГМАТОВА Б. *– старший предподователь кафедры методики предподования гуманитарных предметов Государственного учреждения республиканского института повышения квалификации и предподготовки работников сферы образования, г. Душанбе, ул. Маяковского 70\2,* ***E-mail:*** *bibijon07@mail.ru тел: +(992)50 207 58 41.*

Если учитель родного языка шаг за шагом применяет на своём уроке активные методы обучения, то урок проходит на высоком методическом уровне, интересным и содержательным. Автор считает, что учитель родного языка обязан систематически использовать различные современные методы обучения с использованием современных

иновационных технологий. Свои уроки всесторонне должен связать, интегрировать с учётом компетенностного подхода и применением информационных технологий.

Ключевые слова: *метод, оброзование, учитель, ученик, урок, интерактивные методы, государственный язык, методика преподавание.*

USING INTERACTIVE WAYS OF TEACHING ON NATIVE LANGUAGE CLASSES

NEMATOVA B. *– Senior Teacher of the Teaching Methods Department of Humanitarian Subjects at the Central Institute of Teachers' Training. Dushanbe, 70 /2 Mayakovski str.,* ***E-mail:*** *bibijon07@mail.ru, mob.: +(992)50 207 58 41*

According to author's conclusion if the native language teacher uses step-by-step active methods of teaching during lessons, he can conduct classes in high methodical level, interesting and informative. The teacher of native language is obliged to use such modern methods systematically. He should links his classes comprehensively, integrates with the consideration of the competence approach and using of information technologies.

Keywords: *method, education, teacher, student, lesson, interactive methods, native language, teaching methods.*

Омӯзгор ҳамчун тарбиятдиҳандаи насли наврас, созандаи ояндаи Ватану миллат ва ҷомеаи солим бояд дар радифи навоварии касби худ мунтазам аз навгониҳои соҳаи маориф (усули фаъоли таълим, дарси ҳамгиро, омӯзиши усули нави соҳа ва технологияи иттилоотии муосир) огоҳӣ дошта бошад. Зеро таълиму тарбия барои омӯзгорон раванди эҷодиест, ки доимо пайдо намудани методу воситаҳои ҷаддидро таҳозо менамояд. Маҳз дар натиҷаи бохабар будан аз усули навтарини таълим ва таҷрибаи пешқадам метавон ба комёбиҳои назаррас ноил гашт.

Имрӯзҳо мо шоҳиди он ҳастем, ки раванди дарс бисёр мураккаб буда, аз омӯзгор муносибатҳои гуногуни дидактикӣ, психологӣ, методӣ, дониши ҳаматарафаи касбӣ ва маҳорати баланди педагогиро таҳозо менамояд. Омӯзгорон дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф давоми 5 сол як маротиба аз курси такмили ихтисос гузашта, малакаву маҳорати худро баланд бардошта, аз усули интерактивӣ огаҳӣ пайдо менамоянд. Ин шаҳодат аз он аст, ки сифати таълим дар ҷумҳурӣ рушду нумӯ меёбад.

Моҳияти истифодаи усули фаъоли таълим дар дарси забони давлатӣ дар он аст,ки ҷараёни таълим тарзе ташкил карда мешавад, то тамоми хонандагон ба мазмуни дарс ҷалб мегарданд ва касе аз он берун намемонад.

Истифодаи усули фаъоли таълим дар замони муосир бо роҳҳои гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳадаф аз истифодаи ин усули таълим дар таҷрибаи кории омӯзгорон, аз ҷумла манбаҳои беҳтарини ба хонандагон дастрас намудани донишро аз фанҳои мухталиф нишон медиҳад.

Барои аз худ намудан ва истифода бурдан аз ин усул ба омӯзгор зарур аст, аз усули дидактикии таълим бохабар бошад. Чунки усули фаъоли таълим метавонанд ҳамдигарфаҳмӣ, баҳамтаъсиррасониро таъмин намоянд. Ин усул дар ягон маврид дарсҳои лексиониро иваз карда наметавонанд, аммо имконият медиҳанд, ки маводи лексионӣ беҳтар аз худ карда шаванд.

Забони модарӣ ҳамчун фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешавад. Ҳангоми истифодаи усули фаъоли таълим дар дарси забони модарӣ иштироки фаъоли хонанда, ҳамкории ӯ барои ноил гаштан ба мақсади дарс ва натиҷаҳои таълим, арзёбии дуруст ва саривақтӣ нақши калон мебозад. Масалан, агар омӯзгор дар баёни ҳар мавзӯъ бо усули "Ангезиши зеҳн" омӯзиши мавзӯъро ба роҳ монад, ҳамаи хонандагон фикру ақидаҳои худро доир ба мазвзӯъ баён карда метавонанд.

ДИАГРАММАИ "БАРОИ ЧӢ" силсилаи муҳокимаронихо барои муайян кардани асос ва сабаби пайдоиши натиҷа аст. Онро дар мавридҳои ҳалли мушкилот / проблемаҳо, муайян кардани сабаби рух додани ҳодисаву воқеаҳо истифода мебаранд. Бо истифода аз

ин усул кулли хонанда барои ҳалли мушкилоти дарпешистода саъю талош менамоянд.
Мисол: Умед имрӯз ба дарс наомад.Чаро?

ДИАГРАММАИ ВЕНН усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн, фарқи ашёи гуногун аз рӯйи мазмуни он истифода барад. Бо истифода аз ин усул хонандагон метавонанд ду мавзӯъро хуб аз худ намоянд. Масалан "Хамса "-и Низомӣ Ганҷавӣ ва "Хамса"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ё ин ки умумият ва фарқи "Сифат аз зарф".
Мисол: Умумият ва фарқи сифат аз зарф.



ДИАГРАММАИ "ЧӢ ТАВР" силсилаи муҳокимаронҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Ин усул ба хонанда имконият медиҳад,ки натиҷаи корро муайян намояд. Бо ин усул метавонем, мавзӯъҳои таълимиро низ гузаронем.
Мисол: Мунира баъди хатми Донишгоҳ дипломи сурх гирифт? Чӣ тавр?

КЛАСТЕР усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонандагон андешаҳои худро доир ба мавзӯъ (мафҳум) баён карда, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирдоварӣ намоянд. Омӯзгор пеш аз он ки усули "Кластерро" истифода кунад, нақшае интихоб намояд, ки ба тамоми гуруҳ шинос бошад. Ин усул бештар пеш аз мавзӯи нав истифода мешавад, зеро хонандагон барои дарк кардани маълумоти нав тайёр шуда , фаъолияташон низ зиёд мегардад. Кластер аслан ду навъ мешавад: сода ва мураккаб. Омӯзгор метавонад, кластерро дар мавридҳои гуногуни дарс аз руйи зарурат кор фармояд. Фикру мулоҳизаҳои хонандаро

маҳдуд насозад, балки баръакс, ақидаҳоро байни ҳам алоқаманд созад. Дар усули хӯша иртибот, пайванди мантиқӣ, пайдарпайии фикру андешаҳо муҳим аст, то дарки он ба хонанда осон гардад. Ин усулро дар машғулиятҳои гуногун ва фанҳои мухталиф истифода бурдан мумкин аст. Маънои кластер «хӯша», «шохча» аст.

Мисол: Ҳаёт ва фаъолияти Садриддини Айнӣ.



“МДД “ усули МДД (ихтисораи «медонам», «донистан мехоҳам», «донистам») – ин усули ҷустуҷӯйӣ-тадқиқотӣ буда, барои фаъолона омӯхтани мавзӯи нав ёрӣ мерасонад. Ҳар як хонанда доир ба мавзӯъ чизи донистаашро баён менамояд. Баъдан, хонандагон аз омӯзгор доир ба мавзӯъ тавонанд маълумоти пурра гиранд ва саволҳояшонро дар тахтаи синф ё ба шакли хатти ба омӯзгор пешниҳод намоянд. Модоме ки омӯзгор мавзӯъро пурра ба хонандагон фаҳмонид, хонандагон қаноатманд гардида, ба саволҳои пешниҳодгардида ҷавоб мегиранд. Ва ҷавобҳоро дар тахта менависанд. Хонандагон ҳеҷ гоҳ нақшаи дар тахтаи синф кашидашударо фаромӯш намекунанд.

Мисол: Ҳаёт ва фаъолияти Абӯалӣ ибни Сино.

М **Медонам**	М **Мехоҳам донам**	Д **Донистам**
❖ шоир ❖ табиб ❖ донишманд олими ҷаҳонӣ ❖ соли 980 таваллуд шудааст. ❖ соли 1037 вафот кардааст.	❖ Шумораи китобҳои илмии шоирро мехоҳем донем? ❖ Дар кадом аср зиндагӣ кардааст? ❖ Китоби барои табибон мерос гузоштаи олим чӣ ном дорад ва дар кадом аср таълиф шудааст?	❖ Дар деҳаи Афшанаи вилояти Бухоро таваллуд шудааст. ❖ Дар Ҳамадонии Эрон вафот кардааст. ❖ Дар асрҳои X-XI зиндагӣ кардааст. ❖ 300 китоби илмию бадеӣ навиштааст. ❖ Китоби “Алқонун ”-ро барои табибон дар асри XI навиштааст.

РӮЗНОМАИ ДУБАХША – ин усулро ҳангоми кор бо луғат, шарҳу тафсири ягон мафҳум, маънидод кардану тадқиқи мазмуни матн истифода мебаранд. Истифодаи усули мазкур дар дарси забони давлатӣ хело бамаврид аст , зеро мафҳумҳои нофаҳмо ҳаллу фасл мегарданд.. Агар омӯзгорони забони давлатӣ ин усулро дар охири ҳар як дарс истифода намоянд, дониши луғавии хонанда бой мегардад. Усули мазкурро омӯзгор метавонад, дар охири ҳар дарс гузаронад. Муаллим метавонад ба хонандагон супориш диҳад, ки кадом вожаҳои нофаҳмое, ки дар мавзӯъ ҷой доранд, дар тахта навишта шавад, ва маънои луғатҳо шарҳ ёбанд. Усул ба хонанда имконият медиҳад, ки дар навиштани корҳои хаттӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ нашуда, сифати иншо, эссе ё нақли хаттӣ пурмуҳтаво мегардад. **Мисол:**

Калима	Шарҳ
Меҳан – тоҷикӣ	Вожаи тоҷикӣ буда, маънои ватан, зодгоҳ, макон, ҷойи зист ва ғайраро ифода мекунад.
Осорхона – арабӣ-тоҷикӣ	Аз ҷузъҳои арабию тоҷикӣ таркиб ёфта, ҷоест, ки нигораҳои қадима дар он ҷо нигаҳдорӣ мешаванд.
Наргис – тоҷикӣ	Вожаи тоҷикӣ буда, маҷозан, маъноиш чашм аст, синоними калима гавҳар, дида ва ғайра.
Эҳсон – арабӣ	Вожаи арабӣ буда, маъноиш саховатмандӣ аст, ки муродифи калимаи сахопеша, некхоҳ ва ғайра мебошад.
Арш – арабӣ	Вожаи арабӣ, маънои зебоӣ, нафосат ва ғайраро ифода мекунад.
Тароват – арабӣ	Вожаи арабӣ буда, маъноиш осмон аст.

Т-нақша усулест барои ҷамъоварии ақидаҳои ба ҳам зид, ки ҷадвали он шаклан ба ҳарфи «Т» монанд аст. Ба воситаи усули мазкур саволе гузошта мешавад, ки ҷавобҳои «ҳа – не», «тарафдор – муқобил», «бартарият – камбудӣ», «+ - », «мусбат – манфӣ»-ро талаб мекунад. Он барои ба мубоҳиса омода шудан ёрӣ мерасонад.Омӯзгор дар тахтаи синф саволҳоеро менависанд, ки дар зери ҷавобҳо хат кашида шавад.Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад,ки дурустӣ ва нодурустии ҷавобро муайян созанд. Ин усулро дар мустаҳкамкунии мавзӯъ ва дунафарӣ ичро намудан хело мувофиқ аст. Мисол:
Сифат он ҳиссаи нутқест, ки ;

Номи аломат ва чигунагии ашёро мефаҳмонад?	Ҳа	Не
Ба савол ҷавоб мешавад?	Ҳа	Не
Дар ҷумла ба вазифаи мубтадову хабар меоянд?	Ҳа	Не
Ба вазифаи муайянкунанда, пуркунанда чи?	Ҳа	Не
Шахсу шумора дорад ё не?	Ҳа	Не
Ба гурӯҳҳо тақсим мешавад ё не?	Ҳа	Не
Дараҷа дорад ё не?	Ҳа	Не
Дар нохунак гирифта мешавад ё не?	Ҳа	Не
Тасриф мешавад ё не?	Ҳа	Не
Бандаки изофӣ қабул мекунад ё не?	Ҳа	Не
Мураккаб мешаванд ё не?	Ҳа	Не
Таркибӣ чӣ?	Ҳа	Не
Ҷамъбандӣ доранд ё не?	Ҳа	Не

ЭССЕ *–аз калимаи лотинӣ “exzagium”(санҷиш) ва франсавӣ “essia” (кӯшиш, ҷустуҷӯ ; таҳлил) гирифта шуда, ба маънои очерк ҳам меояд. Яъне эссе як навъи очерк аст* ва онро иншои мухтассар(кӯтоҳ) низ гуфтан мумкин аст. Ҳангоми навиштани ин гуна иншо хонанда дар баёни фикр озод аст: ӯ андешаи худро доир ба мавзӯи пешниҳодшуда мухтасар ва асоснок (бо далел)баён менамояд. Дар эссе ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои шахсии муаллиф (ё эссенавис) доир ба ягон мавзӯи ичтимоӣ ва ё фарҳангию таърихӣ инъикос меёбад. Хонанда дар навиштани эссе (дар барасии мавзӯъ) бояд аз пургӯйӣ , истифодаи калимаҳои мушкилфаҳм,шева ки ба меъёри забони адабӣ мувофиқ нестанд , худдорӣ намояд. Сохтори эссеро асосан аз рӯйи мавзӯъ ва талабот чунин муайян намудаанд:
- сарсухан - тезис, далелҳо
- қисми асосӣ - хулоса

Курсии сехрнок ин бозӣ барои такрори мавзӯъҳои гузашта хизмат расонида, имконият медиҳад,ки хонанда дарсҳои гузаштаро хуб такрор намуда, ҳозирҷавоб бошад. Хонандае, ки дар курсии сехрнок менишинад бояд ба ҳамаи саволҳои ҳамкасбон ва омӯзгор ҷавоби мушаххас диҳад.

Пас, омӯзгоронро зарур аст, ки дар равиши дарсҳо аз бозиҳои гуногун ба монанди “Муаммо”, ”Бозии курсии сехрнок”, “Ҷумлаи дарозтарин” ва ғайра истифода намояд,

зеро ин метавонад, хонандаро фаъол, ҳушёр ва тафакури зеҳниашро сайқал диҳад. Бозиҳои дидактикӣ метавонанд, шавқу ҳаваси хонандаро бедор намуда, муносибат ва фикркуниашро ташаккул дода, эҷодкорӣ ва хаёлоту андешарониро дар хонандагон таъмин намояд.

Мо ба чунин хулоса омадем, ки агар омӯзгорони фаннӣ забони давлатӣ аз истифодаи усули фаъоли таълим огаҳ бошанду равиши дарсро қадам ба қадам ба роҳ монанд, дарс на дилгиркунанда, балки шавқовар ва писанди хонандагон мегардад. Омӯзгорон бояд аз методҳои навтарини таълим васеъ истифода намоянд, дарсҳоро ҳамаҷониба бо низоми нави таълими салоҳиятнокӣ ба роҳ монанд ва аз санъати сухану технологияи компютерӣ хуб бохабар бошанд.

АДАБИЁТ:

1. Низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-36с.

2. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007.- 376 с.

3. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (барои донишҷӯёни факуктетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон). Нашри 2, бо таҳрир ва иловаҳо.–Душанбе: Сабрина, 2012.- 458 с.

4. Шогунбек Б, Имомназаров Б. Усули муосири таълим ва истифодаи он дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик.–Душанбе, 2017.- 111 с.

5. Мухторӣ Қ., Мирзоёров Ф. Модули таълимии курсҳои омӯзишии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ ба гузариши муносибатҳои босалоҳият дар таълим.- Душанбе- 2017. – 143 с.

МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА

ПАЖӮҲИШҲОИ БУНЁДӢ ДАР РОСТОИ МЕРОСИ ПЕДАГОГӢ

КАРИМОВА И. Х. *– узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ноиби президенти АТТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *gumanizm@mail.ru, тел.: +(992) 90 772 55 94.*

Сиёсатҳои навини соҳаи маориф, дигаргуниҳои методологию ҷаҳонгароии илми педагогика, стандартизатсияи муосири таҳсилот, демократикунонии раванди таълим дар марҳилаи кунунӣ ва пажӯҳишҳои илмии гузаштаву имрӯза дар мақола таҳлил гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: *сиёсат, маориф, илм, педагогика, академия, ҷаҳони муосир, омӯзиш, таҳлил.*

ФУНДАМЕНТАЛЬНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ

КАРИМОВА И. Х. *– академик Академии образования Таджикистана, вице-президент АОТ, доктор педагогических наук, профессор, г. Душанбе, ул. Айни 45.* ***E-mail:*** *gumanizm@mail.ru, тел.: + (992) 90 772 55 94.*

В статье проанализирована новая политика в сфере образования, методологические новинки педагогической науки в мире, новая стандартизация и демократизация в сфере образования, а также прошлые и нынешние научные разработки.

Ключевые слова: *политика, образование, наука, педагогика, академия, современный мир, обучение, анализ.*

FUNDAMENTAL RESEARCHES OF PEDAGOGICAL HERITAGE

KARIMOVA I. Kh. *– Academician of the Tajik Education Academy, the Vice-president of TEA, doctor of pedagogical sciences, professor. Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail:*** *gumanizm@mail.ru, mob.: +(992)90 772 55 94.*

The article s The new policy on education system, the new methodological initiatives of pedagogical science in the world, the new standardization and democratization in the education field, as well as past and current scientific developments are analyzed in this article.

Keywords: *politics, education, science, pedagogy, academy, modern world, teaching, analysis.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлоли миллӣ ба нерӯҳои ақлонии мамлакат аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамояд, ки таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик аз қалами сехрофарини олимону адибони оламшумул, китобҳои базму рамз, диловарию қаҳрамонӣ, одобномаҳои беназир, дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасанаи гузаштагони пурифтихори халқҳои ориёинажод, аз пирӯзию нокомиҳои ачдоди мо сабти ҷовидонӣ дорад, аз ин рӯ, эҳтирому арҷгузорӣ ба ин манбаи ибратбахшу омӯзанда ва фалсафаи ҳастиофарин вазифаи муқаддаси ҳар як сокини соҳибнанги диёр аст.

Воқеан, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино, Румию Ҳофизу Саъдӣ ва садҳо олимону адибони шинохтаи башар ба сифати шахсиятҳои покгуҳару нобиға, достонсароёни беҳамто ва амирони шеъру адаби форсигӯёни олам фалсафаву адаби моро ёвару мададгор ва ҷонбахши мардум гардониданд.

1. Таъсиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва равандҳои нави демократӣ, ки дар Тоҷикистон ба амал омаданд, дар соҳаи илми педагогӣ таҳаввулоти чашмгиреро ба вуҷуд оварданд. Ҳамзамон Академия дар таҳвияти арзишу анъанаҳои педагогикаи миллӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи вижаеро доро гардид.

2. Дар сиёсатгузориҳои навини соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дигаргуниҳо ва бознигариҳои куллӣ рӯйи кор омаданд. Фалсафа ва методологияи илми

педагогика ва маориф мушаххас гардиданд, ҷаҳонгароии илми педагогика ва стандартизатсияи муосири таҳсилот, тамоилҳои рушди таҳсилот, назария ва амалияи илми педагогика дар ҷаҳони муосир, ҷараёни ибтикорӣ дар омӯзиш, демократикунии таҳсилот ва раванди таълим дар марҳилаи кунунӣ равандҳои муҳимми пажӯҳишҳои илмиро ба бор оварданд.

3. Инсонгароии таҳсилот ва тарбия, масоили ҳамгироӣ ва тафриқа, самтҳои асосии ислоҳоти маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи афкори педагогии ниёгон ва мавқеи он дар педагогикаи миллӣ, ворид намудани, технологияи навгонӣ дар таълим ва тарбият, масъалаи тарбияи динӣ – мазҳабӣ дар мактаби муосир яке аз дигар ибтикори Академия дар ин самт мебошад.

4. Масоили мубрами фарҳанги хонавода, тарбия ва таълими кӯдакони истисноӣ, масъалаҳои методологияи навини таҳқиқоти педагогӣ, проблемаҳои педагогикаи фарҳангу фароғат, педагогикаи муқоисавӣ масоили умда ва муҳимми фаъолияти Академия гардиданд.

5. Дар фаъолиятҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқи педагогикаи миллӣ, масъалаҳои тарбияи шахсияти фаъол, созанда ва эҷодкор, Ватану ватандорӣ, эҳсоси худогоҳии миллӣ, равнақ ва ташаккули андешаи миллӣ, худшиносии таърихӣ, ҳамгироии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, педагогикаи мардумӣ, сифат ва самаранокии дониш ва таҳсилот, хусусиятҳои таълиму тарбияи бачаҳои лаёқатманд мавриди таҳқиқ ва баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Дар баррасиҳои илмии фавқ мавқеъ ва ҷойгоҳи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон чашмрас будааст.(11,с.2.) Дар иртибот бо ин **“Барномаи давлатии рушди илмҳои педагогӣ барои солҳои 2016-2025”** аз ҷониби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардидааст. Таҳқиқи бунёдии педагогикаи халқи тоҷик яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ арзёби гардидааст. Дар ин росто таҳқиқи бунёдӣ дар самти педагогикаи муқоисавӣ ба нақша гирифта шудааст. Ин таҳқиқ имконият фароҳам меоварад, ки масъалаҳои назарияӣ ва амалӣ бар асоси муқоиса низоми тарбияти чандин кишварро фаро гирад. Ҳадафи асосии ба таҳқиқи масъалаҳои мазкур машғул гаштан он аст, ки монандию тафовутҳои мавҷудаи низомҳои гуногуни таълиму тарбият ошкор гардад. Педагогикаи муқоисавӣ масъалаҳои гуногунро фаро мегирад: педагогикаи муқоисавӣ дар ростои таҳқиқи мероси ниёгон самтҳои асосии стратегияи низоми маорифи миллӣ; ошкорсозии роҳҳои таҳлили бухрони тарбияи маънавии ҷавонон дар ҷаҳони муосир; таҳлили самтҳои асосии ҳамгироии муҳтаво ва методҳои корҳои таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии кишварҳои гуногун; нақши таҳқиқоти байналмилалӣ дар рушди методҳои муосири таҳқиқоти педагогии таҳсилоти мактабӣ; ташкили таҳлили самтҳои асосии стратегияи низоми нави миллии таҳсилот дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ғайраҳо. Таҳқиқоти бунёдӣ дар ростои мероси педагогӣ дар қадами аввал анҷом мегирад, ба шарте ки заминаҳои таҳқиқ фароҳам оянд. Мутаассифона доираи фаъолияти кормандону аъзои раёсати Академияи таҳсилот аксаран ба таҳияву такмил ва баррасии ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Барномаҳои давлатӣ, мутолиаву баррасии маводи марбути соҳа, навиштани ҳисоботу маълумотномаҳо оид ба иҷрои ин ё он кор сарф мешавад. Хуб мешуд, ки сарфи вақт ва неруи инсонӣ бештар ба пажӯҳишҳои бунёдӣ равона карда шаванд. Лозим ба ёдоварист, ки Академия бояд сирф ба масоили таҳқиқи бунёдӣ машғул бошад ва вазифаи функсионалии он сирф ба ҳаллу фасли масоили бунёдӣ меъроси ниёгон сафарбар карда шавад.

Чанде аз рисолаву китоби дарсӣ, дастурҳои методӣ ва барномаҳое, ки дар иртибот бо мероси ниёгон нашр шудаанд.(1.с.6-7)

• Рисолаи Фарзанд - ҳадяи Худованд - Душанбе.- 2014.- 240с.

• Рисолаи Мавлоно Ҷомӣ - рамзи хоксорӣ ва дасторхондории тоҷикон. Душанбе, 2014. - 50с.

• Донишномаи навини ислом.- Душанбе: Матбаа, 2014.- 1100с.

• Педагогическая школа ислама: сущность и основные направление. - Душанбе, 2014. - 176с.

• Китоби «Фарҳанги китобдорӣ». - Душанбе, 2014. - 140с.

• Китоби дарсии «Фарҳангшиносӣ» барои донишҷӯён. –Душанбе: Ирфон, 2014. – 179с.

• Китоби «Донишномаи фарҳангшиносии навин». - Душанбе, 2014. - 566с.

• Китоби «Қуръон ва маҳоратҳои зиндагӣ».-Теҳрон, 2014.-142с. (9.с17-18)

Ба назари мо зарур аст, ки стратегияи таҳқиқи проблемаҳои улуми педагогӣ таҳия гардад. Стратегияи таҳқиқи проблемаҳои улуми педагогӣ самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва омӯзиширо дарбар мегирад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин зарур аст:

• таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи педагогика; дар иртибот бо мероси фарҳангӣ;

• омӯхтан ва ҷамъбасти комёбиҳои илмии мероси педагогӣ, ҳидоят кардан ба истифодаи самаранокии онҳо дар муассисаҳои омӯзишу парвариш;

• таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои баландбардории сатҳи омӯзишӣ ва тарбияи маънавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба мероси педагогии халқи тоҷик;

• таҳия ва муайян намудани пешомадҳо оид ба таҳқиқи мероси педагогӣ;

• ташкили симпозиумҳо, семинарҳо, конференсияҳо, баҳсҳо ва дигар чорабиниҳо оид ба проблемаҳои мероси педагогӣ;

• тарбияти неруи мутахассис ва коромади илмӣ ва такмили ихтисоси гуногуни соҳаи педагогика дар ростои омӯзиши ва таҳқиқи мероси педагогӣ;

• ба нашр омода сохтани натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзӯъҳо ва проблемаҳои педагогика, мавзӯъҳо проблемаҳо ва мероси педагогӣ;

• тарғиби донишҳои илмӣ дар соҳаи мероси педагогӣ;

• таҳияи тавсияҳои методӣ барои кормандони соҳаи маориф доир ба омӯзиши мероси педагогӣ;

• дар асоси тартиботи муқарраршуда таъмин намудани татбиқи фаъолияти муштарак бо дигар муассисаҳои илмӣ ва фарҳангии кишварҳои хориҷӣ доир ба проблемаҳои мероси фарҳангӣ;

• баргузории таҳқиқоти ҷомеашиносӣ ва бозорёбӣ оид ба проблемаҳои мероси педагогӣ;

• нашри маҷмӯаҳои даврии илмӣ – таҳқиқотӣ ва воситаҳои таълим, ки ба талаботи давлатӣ ва иҷтимоии дигарсозии ҷомеъа ҷавобгӯ бошанд;

• эҳёи фарҳанги педагогии бисёрасраи ҳамаи мардуми тоҷик ва мутобиқнамоии он ба шароити имрӯза;

• саҳмгузорӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мероси педагогӣ, ки ба мутобиқсозии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба ниёзҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ равона карда шудааст.

<u>Роҳкорҳои пажӯҳиши педагогӣ</u> инъикоси объективона, ҳамаҷониба, мақсадноки имкониятҳои воқеӣ ва нерӯи мавҷудаи ҷомеаи муосир, манфиатҳои таълиму тарбия ва ниёзҳои кулли табақоти аҳолӣ, равобити мантиқии байниҳамдигарии назария ва амалия, таъсир ва вобастагии байниҳамдигарии равияҳо, намудҳо ва шаклҳои фаъолияти омӯзишу парвариш бо кулли соҳаҳои иҷтимоӣ - иқтисодии замони муосир мебошад.(5.)

Татбиқи воқеии соҳибихтиёрии миллии омӯзишу парвариш, эҳё ва рушди фаъолияти кулли равияҳо, шаклҳо ва намудҳои соҳаи улуми педагогӣ танҳо дар *сурати бевосита муроҷиат намудан ба сарчашмаҳои миллӣ ва умумибашарӣ*, ба бунёд ва анъанаҳои фарҳангӣ, ки аз озмоишҳои таърих, таҳаввули тамаддунҳо, фарҳанг ва анъанаҳои дигари мардум, эътиқоди мазҳабӣ ва сохторҳои давлатӣ, воқеа ва ҳаводиси тақдирсози таърихӣ гузаштаанд, инчунин дар сурати комил, амиқ ва ҳамаҷонибаи илмӣ-амалӣ дарк намудан ва аз худ кардани мероси фарҳангии мардум, тарғибу нақшу аҳаммияти омӯзишу парвариш ва этнопедагогика, тафаккури имрӯзаи илмӣ ва тасвирӣ имконпазир мегардад.

Омӯзиши вазъият ва эҳёи суннатҳо, одатҳои омӯзишу парвариш низ зарур мебошад, зеро маҳз тавассути он арзишҳои миллиро аз насл ба насл интиқол додан мумкин аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин дар назар аст, ки **роҳкорҳои** таҳқиқи улуми педагогӣ дар доираи пажӯҳишҳои педагогӣ дар чунин самтҳо сурат гирад:

1. «Таърихи омӯзиш, назария, амалия ва афкори педагогии мардуми тоҷик». Самтҳои асосии рушди омӯзиш ва афкори педагогии мардум мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Бахшҳои муҳимми ин мавзӯъ гуфтугӯи педагогии тамаддунҳо, самтҳои асосии раванди таърихию педагогӣ, самтҳои асосии рушди педагогикаи шарқ: педагогикаи бостонии тоҷикон, педагогикаи асрҳои миёнаи ислом, давраҳои асосии таърихии педагогикаи тоҷикон, рушди самтҳои асосии афкори педагогии тоҷикон, мушкилиҳои педагогии омӯзиш дар давраҳои тоинқилобӣ ва замони Шӯравӣ, таърихи педагогика дар ибтидои қарни XXI.

2. «Педагогика ва омӯзишу парвариш дар кишварҳои Шарқи хориҷӣ». Дар таҳқиқ усулҳои гуманизми шарқӣ, тарбияи ҷавонон, усул ва раҳёфти навин дар таҳқиқи мушкилиҳои мавзӯъ ва инчунин самтҳои ҷаҳонишавии омӯзиш ва эҳёи суннатҳои миллӣ бо таваҷҷуҳ ба мероси ниёгон дар таълиму тарбия мавриди таҳқиқ қарор гирад. Проблемаҳои омӯзиш ва парвариш аз дидгоҳи арзишҳои исломӣ ва парадигмаи омӯзишу парвариш меҳвари аслии пажӯҳишҳо бошад. Инчунин дастгоҳи мафҳумии фанни педагогика, вожагузинӣ ва истилоҳотсозӣ дар улуми тарбиятӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Таваҷҷуҳи бештар ба ***тазкираиҳои педагогии*** ниёгон ва арзишҳои афкори педагогии ҳавзаи тамаддуни бостонӣ дода шавад.(4.)

Мавзӯъҳои фавқ дар асоси раҳёфти низомёфта, таҳлил ва таҷзия, таҳқиқи назарӣ ва мантиқӣ бо истифодаи усули навини герменевтика ва контент-анализ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Дар назар аст, ки дар асоси низом ва категорияҳои мафҳумии фаннии «омӯзиши касбӣ» мушкилиҳои мафҳумӣ ва истилоҳотӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд ва дар ин асос таҳқиқи «Истилоҳоти фанни педагогика» ба анҷом расад.

Дар муассисаҳои илмию таҳқиқотии кишвар фарҳангшиносон, санъатшиносон, муаррихони фарҳанг ва санъат, файласуфон, шарқшиносон, китобшиносон, педагогҳо, ҷомеашиносон, инчунин публитсистон, рӯзноманигорон, мутахассисони соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ, омӯзишию парваришӣ ва кормандони техникӣ фаъолият доранд. Бо вуҷуди ин дар инкишофи илми ***педагогика*** проблемаҳои зиёди ҳалнашуда, доир ба омӯзиши мероси педагогӣ, ки бо таъминоти илмӣ вобастаанд, ҳанӯз зиёданд. Масалан, этнопедагогикаи тоҷик ҳамчун илм дар оғози ташаккулёбист.(3.) Барои баланд бардоштани сатҳи фаъолияти муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика, анъана ва одатҳои бисёрасраи миллӣ ва дигар миллатҳо паҳн намудани натиҷаҳои корҳои илмии татбиқшаванда ва тадқиқот имрӯз дар навбати аввал зарур аст, ки:

- нерӯи кадрҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз ҳисоби ба кор ҷалб намудани олимон ва мутахассисони хориҷӣ, тайёр намудани кадрҳои маҳаллии мутахассиси соҳаҳои гуногуни педагогика дар кишвар ва хориҷи он мустаҳкам карда шавад;
- барои инвесторони ватанию хориҷӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, сармоягузорон дар фаъолияти онҳо оид ба маблаггузорӣ ба рушди тадқиқоти илмӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад;
- барои нигоҳ доштани робитаҳои доимӣ ва ҳамкории пурмаҳсули байни муассисаҳои илмӣ ва тадқиқотии соҳаи маорифи кишвар бо кишварҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда, асноди зарурӣ такмил гардад;
- ба анҷоми тадқиқоти сотсиологӣ дар бораи ниёзҳои омӯзишии кӯдакон, наврасон, ҷавонон, сокинони деҳот ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ - демографии мардуми тоҷик аз ҳисоби маблаггузории давлатӣ, ҷалб намудани инвесторон, маблағҳои ташкилотҳо ва фондҳои байналмилалӣ дар омӯзиши мероси педагоги ҳамаҷониба мусоидат карда шавад;
- ба нашр ва паҳн намудани асарҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи педагогика ва фаъолияти маърифатӣ мусоидат карда шавад;
- дар кишвар системаи воҳиди гирдоварии маводи зарурӣ оид ба фаъолияти омӯзишу парвариш ҳарчи зудтар ҷорӣ карда шавад;

• фаъолияти китобхонаҳои муассисаҳои омӯзиши мероси педагогӣ илмию пажӯҳишӣ такмил дода шавад;

• тарбияи кадрҳои илмии педагогии тахассуси олии гуногуни нав, коромӯзӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муҳаққиқони риштаи педагогика бо назардошти арзишҳои миллии педагогикаи халқи тоҷик таъмин карда шавад:

• дар алоқамандӣ бо раванди таҳсил ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии дорои **асоси бунёдӣ** – **назарӣ ва бунёдӣ** амалӣ ба ҳалли проблемаҳои педагогика равона карда шаванд;

• ташкили кори маърифатӣ- педагогӣ дар байни аҳолӣ бо мақсади боло бурдани сатҳи дониш ва маърифати падару модарон такмил дода шавад.;

• равобити байналмилалӣ дар соҳаи педагогика такмил дода шуда, роҳҳои навини ҳамкориҳо доир ба омӯзиши мероси педагогӣ ҷустуҷӯ карда шавад.

• мувофиқати байни вазифа, омӯзиш ва номгӯйи ихтисосҳое, ки маълумоти миёнаи касбӣ ва ё олии касбиро талаб мекунад, муқаррар карда шавад;

Китоби дарсии «педагогика» ва дигар маводи омӯзиши, бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ ва мероси педагогӣ, бо назардошти вижагиҳои башарӣ таҳия ва таълиф карда шавад. Нашри «Афкори педагогии халқи тоҷик» ба забони русӣ ба роҳ монда шавад. **Розгушоӣ (разшифровка),** ва бақайдгирӣ **(инвентаризатсия)-**и матнҳои классикӣ роҳандозӣ гардад. Тазкираи «Афкори педагогии халқи тоҷик» ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ангилисӣ, форсӣ ва дигар забонҳо роҳандозӣ гардад. Матнҳои **(хрестоматия)** мероси педагогӣ барои хонанадагон гуногун таҳия гардад, ва чопи электронии онҳо дар сомонаҳои Интернет гузошта шавад. Бунёди **методологии** рисолаҳои илмӣ бо назардошти дастовардҳои мероси педагогӣ коркард ва таъмин карда шавад. Таҳияи **«пайкараи» чеҳраҳои педагогӣ** дар саифаҳои Интернет ворид карда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Каримова И. Х. Мушкилоти такмили пажӯҳишҳои педагогӣ / И. Х. Каримова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2014. – №1. – С. 6-16
2. Лутфуллоев М. Равишҳои таҳқиқ дар педагогика / М. Лутфуллоев Қ. Абдурахимов // – Қурғонтеппа, 2014. – 60 с.
3. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев //Душанбе – 2015. – 704 с.
4. Сулаймонӣ С. Маънавиёт ва мушкилоти омӯзишу парвариш: маҷмӯаи мақолоти илмӣ / мураттиб /С. Сулаймонӣ // Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 379 с.
5. Рачабов М. Пажӯҳишшиносӣ дар илмсанҷӣ / М. Рачабов// зери назари С. Сулаймонӣ; Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 160 с.
6. Рачабов М. Таҳқиқоти педагогӣ дар фазои илмсанҷӣ / М. Рачабов// Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 144 с.6.
7. Раджабов М. Разработка научных работ в русле диссертационных исследований в Таджикистане под общ. ред. профессора /С.Сулаймони / АОТ.-Душанбе: Ирфон, 2014.-154 с.
8. Сулаймонӣ С. Дурнамои таҳқиқи улуми педагогӣ. (Матн) / Сулаймонӣ С // Омӯзгор.-2013.- 30 август.
9. Сулаймонӣ С. Таваҷҷуҳ ба осори ниёгон (Матн) / Сулаймонӣ С // Андешае чанд перомуни китоб ва китобдорӣ. Тоҷикистони советӣ.- 1989.- 1-декабр.
10. Шарифзода Ф. «Барномаи давлатии рушди илмҳои педагогӣ барои солҳои 2016-2025» /Шарифзода Ф// – Душанбе: АТТ. - 52с.

БОЗИҲОИ АНГУШТӢ БАРОИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

МАҶИДОВА Б. *– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, к. Рудакӣ 65.* ***E-mail:*** *Bibixafiza @mail.ru, тел.:+ (992) 98 583 19 02*

Аз нигоҳи муаллифи мақола бозиҳои ангуштиро фарҳангу маданияти маънавии халқ ҳисобидан мумкин аст, чунки онҳо бо баробари дар худ таҷассум кардани таҷриба ҳаракату такмилдиҳии кори муҳаррикҳои панҷаву дастон калимаву ибораҳои ҳамқофия, рангу тобишҳои ҳаловатбахши лафзи модарӣ, оҳанги меҳрубонию навозишомезро ҳамроҳӣ мекунанд, ки барои кӯдакони синни томактабӣ ҳаловатбахшу гуворо ва таъсирбахш мебошанд. Талаботи педагогии нишондодашуда оид ба бозиҳои ангуштӣ барои баланд бардоштани самаранокии тарбия мусоидат менамоянд.

Вожаҳои калидӣ: *бозӣ, бозиҳои ангуштӣ, бачаҳо, таъсир, амалҳои ақлонӣ, ташаккули нутқ, бозӣ - машқҳо, самаранокӣ.*

ПАЛЬЧИКОВЫЕ ИГРЫ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

МАДЖИДОВА Б. *– доктор педагогических наук, профессор кафедры теории и методики дошкольного образования, ТГПУ имени Садриддина Айни, г. Душанбе, ул. Рудаки 65.* ***E-mail:*** *Bibixafiza @mail.ru, тел.: +(992) 98 583 19 02*

В данной статье автором проанализированы пальчиковые игры, как средство развитие мелкой моторики, развитие речи и активизация умственной деятельности детей раннего и дошкольного возраста. Отмечается, что в пальчиковых играх одним из основных приемов является массаж, поглаживание, способствующие повышению тонуса руки левшецов. Предъявляются педагогические требования, способствующие повышению воспитательной эффективности пальчиковых игр.

Ключевые слова: *игра, пальчиковые игры, дети, воздействие, умственные действия, развитие речи, игры-упрожнения, эффективность.*

FINGER GAMES OF CHILDREN OF PRESCHOOL AGE

MADZHIDOVA B. *– Doctor of pedagogical sciences, professor of the Theory and Methods of Preschool Education Department of TSPU named by Sadriddin Ayni. Dushanbe, 65 Rudaki str.,* ***E-mail:*** *Bibixafiza @ mail.ru, mob.: +(992) 98 583 19 02*

I na a given article The finger-type games are considered by the author as means of development of the small motor activity, development of speech and activating of cerebration of carly and preschool age children in this article. It is noticed, that in finger-type games one of the basic techniques is massage, stroking promoting to increase the tone of muscle of fingers of a hanol. The pedagogical regurement to the organization and carrying out of finger-type games is demanded.

Keywarols: *game, small motor activity, children, interactions celebration, speech development, games-exercises.*

Бозиҳо дар илми муосири педагогикаи томактабӣ ва психологияи бачагона ҳамчун воситаи муҳимми таълиму тарбия ва фаъолияти пешбаранда, инкишофдиҳандаи равандҳои равонии кӯдакон (Л. С. Виготский, Д. Б. Элконин, Р. И. Жуковская, В. Г. Нечаева, А. П. Усова) ва дигарон эътироф карда шудааст.

Бозиҳои кӯдакон ҳамчун арзиши фарҳангии халқи тоҷик аз тарафи Нурҷонов Н.Х., ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи сифатҳои ҷисмонию иродавӣ аз тарафи профессор Турсунов Н.Н. тадқик гардиданд. Дар назария ва амалия таълиму тарбияи томактабии кишвар ҷанбаҳои алоҳидаи бозиҳои халқии тоҷикӣ аз тарафи М.Нарзуллоева, Г.Қурбонова мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудаанд. Дар Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014), Стандарти рушд ва омӯзиши

барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7(6) солагӣ (2012), Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» (2012) истифодаи намудҳои гуногуни бозиҳо вобаста ба хусусияти синнусолии кӯдакон ва иҷрои мақсаду вазифаҳои таълиму тарбиявӣ тавсия карда шудаанд.

Бозиҳои кӯдакон аз ҷиҳати мазмун, шакли ташкилшавӣ, иҷрои қоидаҳо, усули роҳбарӣ, давомнокӣ ва ғайраҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо бештар мувофиқи синну сол ва мақсаду вазифаҳои таълиму тарбиявӣ интихоб ва истифода бурда мешаванд.

Бозиҳои ангуштӣ, яъне иҷрои амалҳои бозикунӣ бо ҳаракатҳои ангуштони (панҷаҳо), даст ва истифодаи матнҳои адабӣ, калимаву ибораҳои ҳамқофияву ҳамоҳанг дар ҳаёти кӯдакон нақши муҳим дорад. Дар таҷрибаи амалӣ онҳо воситаи муҳимми инкишоф додани нутқ, такмилдиҳии кори панҷаҳо ва кори узвҳои ҳискунӣ (ламскунӣ, биноӣ) ва ғайраҳо истифода мегарданд.

Бозиҳои ангуштиро фарҳангу маданияти маънавии халқ ҳисобидан мумкин аст, чунки онҳо баробари дар худ таҷассум кардани таҷриба ҳаракату такмилдиҳии кори муҳаррикҳои панҷаву дастон калимаю ибораҳои ҳамқофия, рангу тобишҳои ҳаловатбахши лафзи модарӣ, оҳанги меҳрубонию навсозиашомезро ҳамроҳӣ мекунанд, ки барои кӯдак ҳаловатбахшу гуворо ва таъсирбахш мебошанд.

Бояд қайд кард, ки кӯдакон оғози бозиҳои ангуштиро аз мо, калонсолон, ҳангоми суҳбату муошират ангуштхобонии мо мушоҳида намуда, ба иҷрои ин амал таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Мақсади асосии ташкили бозиҳои ангуштӣ ҷалб намудани диққати кӯдакон ба ҳамоҳангсозии муҳаррики хурди панҷаҳо ба мазмуну оҳанги матн аст, ки ба инкишофи нутқ, диққат, бахотиргирӣ, идоракарда тавонистани ҳаракатҳо равона карда мешавад. Ҳангоми бозиҳои ангуштӣ дастрасонӣ ба даст, шикам ва дигар қисмҳои бадан, калонсол ба рӯҳия ва ҳолати психикии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Дар натиҷа кӯдак худро бардаму шод ҳис мекунад. Бозиҳои ангуштии мардумӣ «Омад-омад, чӣ омад?», «Омад-омад кӣ омад?», «Ҳавзак-ҳавзак» ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Истифодабарии бозиҳои ангуштӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар шакл, мазмун ва услуби ба худ хосси лаҳҷавию фарҳангӣ дорад. Дар таҷрибаи халқ он ба иҷрои вазифаҳои зерин равона карда шудаанд: таъмин намудани инкишофи нутқ, ташаккулдиҳии шунавоии фонематикӣ, шинос намудан ба боигариҳои лафзи модарӣ ва рангу тобишҳои он, тарбия намудани меҳру муҳаббат ба забони тоҷикӣ, шавқу рағбат ба азхудкунии забон ва дар ҷараёни он барқарор намудани муоширату муносибати эмотсионалӣ бо кӯдак ва ғайраҳо мебошад.

Бозиҳои ангуштиро ба истифодаи матнҳои адабӣ ба саҳначаи театрӣ табдил додан мумкин аст. Масалан, ҳангоми ташкили бозии миллии «Ҳавзак-ҳавзак» калонсол аввал дасти чапи кӯдакро ба кафи дасти худ гирифта, оҳиста сила мекунад, молиш медиҳад. Сипас дар кафи дасти кӯдак ба панҷаи ишоратии худ хатҳои печидаро тасвир намуда мехонад:

Ҳавзак-ҳавзак
Гирдаш сабзак
Оҳу омад об хӯрд
Ору омад об хӯрд (бо ангушти худ 2 маротиба мезанад)
Сипас панҷаҳоҳоро бо навбат хобонда мегӯяд:
Ин гов гӯшт,
Ин пӯст канд,
Ин шӯрбо пухт.
Ин шӯрбо хурду ноз кард

Ин майдача (яъне ангушти охирини майдача) куҷо буд, ки шӯрбо нарасид ва онро ба шиками кӯдак расонида хушҳолона мегӯяд:

Чулу, чулу, барги каду!!

Ин бозии ангуштӣ ба кӯдак имконият медиҳад низоми ботартиб хобондани ангуштҳо ва мувофиқи ҳаракати ангуштҳо хондани матнро мушоҳида намоянд аз он

лаззату ҳаловат баранд. Дар натиҷаи якчанд маротиба такрор кардан матнро аз худ карда, бозиро бо ҳамсолону хурдтаракон мустақилона такрор намояд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми бозиҳои ангуштӣ бо мадади панҷаҳо ба нуқтаҳое таъсир расонидан мумкин аст, ки онҳо бо фаъолияти ин ё он узв алоқаманд мебошанд. Тасиррасонӣ бо ин нуқтаҳо ҳолати гуворо, оромбахш, ҳаловату осудагии руҳиро таъмин менамояд.

Ҳаракатҳои гуногун-молиши нуги ангуштон, ҳаракати гирдшакл бо кафи дастон, маҳскашии сабуки шикам, китфҳо, пой, даст ба саломатии кӯдакон манфиатбахш аст. Бозиҳои ангуштиро тарзе ташкил кардан мумкин аст, ки дар ҳардуи дастҳо иштирок намоянд ва ин амал имконият медиҳад, то кӯдак тасаввурот, мафҳумҳои фазоии - рост, чап, боло, поён, пеш, қафо, наздик, дур ва ғайраҳоро аз худ намоянд.

Ҳаракатҳои маҳсӣ дар кафи дастон барои фаъолияти мушакҳо фоиданоканд. Ба нафаскашӣ, кори узвҳои нуткронӣ таъсир расонида мондагӣ, афсурдагӣ, хасташавиро пешгирӣ намуда, сабукию хушҳолӣ мебахшад. Набз ва системаи асабро ором мегардонад, фаъолияти фикрронӣ ва ҳаракатиро тез менамояд. Бо назардошти мақсаду вазифаҳо ва вазъияти бозии ангуштӣ ҳаракати дасту панҷаҳо метавонад суръати тез, миёна ва оҳиста дошта бошад. Яке аз усули маҳс молиш додан мебошад, ки онро дар самти хатти рост, морпеч, даврашакл ва муштарак иҷро намудан мумкин аст.

Ҳангоми бозиҳои ангуштӣ ларзиш додани панҷаҳо, қарсакзанӣ ба тарафҳои гуногун, хаму рост кардани панҷаҳо мушакҳоро қавӣ мегардонад.

Зинаҳои омӯзонидани бозиҳои ангуштиро ба таври зайл пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Аввал калонсол худ тарзи бозиро намоиш медиҳад.

2. Калонсол дасти кӯдакро ба кафи дасти худ гирифта, бо ҳаракати ангуштон тарзи бозиро нишон медиҳад.

3. Бо баробари матн ё шарҳу эзоҳдиҳӣ калонсол бо кӯдак якҷоя бозӣ мекунад.

4. Кӯдак ҳаракатро бо ёрии калонсол, бо якҷоя хондани матн, такрори калимаву ибораҳо иҷро менамояд.

5. Кӯдак ҳаракати ангуштон, хондани матн, истифодаи калимаву ибораҳои ҳамқофия иҷро менамояд ва дар ҳолати зарурӣ калонсол ба ӯ ёрӣ мерасонад.

Саволе ба миён меояд: бо кӯдакони хурдсол кадом бозиҳои ангуштиро интихоб ва истифода кардан мумкин аст? Ба фикри мо: а) бозиҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки мазмуни онҳо ба таассуроту таҷрибаи амалии кӯдак мувофиқат намояд; б) ҳаракати дасту панҷаҳо ба мазмуни матн мувофиқ бошад; в) мазмуни матн, супориш ва қофиябозиҳо ҳангоми бозӣ ба кӯдак фаҳмо бошад; г) кӯдак ҳангоми бозӣ матнро азхуд намуда, минбаъд бо истифода аз онҳо мустақилона амал карда тавонад: д) бозии ангуштӣ инкишофи ҳаракати дасту панҷаҳо ва равандхои маърифатӣ-эҳсоси, идрок, нутқ, тафаккур ва ғайраҳоро таъмин намояд.

Барои кӯдакони синни томактабӣ дар ҳар як давраи ҳаёт, яъне аз як- солагӣ то ба мактаб рафтан бозиҳои ангуштӣ тавсия карда мешаванд, ки онҳо ба инкишофи муҳаррики хурди дастҳо ва таъмин намудани рушди ақлию зеҳнӣ, равонию ҷисмони равона карда мешаванд. Омӯхтан ва таҳлили тадқиқоти илмӣ (Л.Павлова, В.С.Кукушкин ва дигарон), таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабӣ, таҷрибаи мардум нишон медиҳанд, ки кӯдакони то яксола бозиҳоро бо тезӣ қабул мекунанд. Аз нигоҳи илми психологияи бачагона фаъолияти пешбарандаи кӯдакони то яксола муошират эмотсионалӣ (Л.С.Виготский, Д.Б.Элконин, Т.Авдулова ва дигарон) бо калонсолон мебошад. Маҳз бозиҳои ангуштӣ, ки бо истифодаи қофиябозию оҳанги махсуси эмотсионалӣ ташкил карда мешавад, ба кӯдак ҳаловат мебахшад ва дар инкишофи психикии ӯ таъсири мусбат мерасонад.

Маълум аст, ки инкишофи нутқи кӯдак бо мадади калонсолон аз донистан ва номбар кардани номи узвҳои бадани хеш: даст, пой, бинӣ, даҳон, чашм, шикам, сар ва ғайраҳо оғоз мегардад. Ин амалҳо гарчанде табиӣ ва оддӣ ба назар расанд ҳам, минбаъд замина барои дарки олами гирду атроф, такмили ҳаракати дасту панҷаҳо мегардад. Дар охири яксолагӣ кӯдак метавонад супоришҳои калонсолон-деҳ, ма, гир, мон ва ғайраҳоро

ичро намуда, ҳаракати дасту панҷаҳои худро идора намояд. Бо ёрии дасту панҷаҳо самти ҷойгиршавии ашё, қисмҳои онҳоро нишон диҳад, сифату вазъияти онҳоро (гарм, хунук, он ҷо, ана, нест ва ғайраҳоро) муайян намояд, бо ламскунӣ ва донистагирии ашёҳо кӯшиш намояд. Ин давраро давраи тайёрӣ ба бозиҳои ангуштӣ ё худ панҷагӣ номидан мумкин аст.Инчунин ба кӯдакони то яксола дар як ҷой ҷамъ овардани ҳама гуна ашё, бозичаҳо, ба даруни зарфҳо, қуттичаҳо андохтани онҳо амали шавқовар ва гуворо аст. Масалан, ба дарун андохтану баровардани пиёлаҳо, аз як ҷой гирифта ба ҷойи дигар гузоштани ашё, ба табақ андохтану холӣ кардани меваҳо ва ғайраҳо.

Баъди якунимсолагӣ ба кӯдак ичрои супоришҳои душворро пешниҳод намудан мумкин аст. Масалан, меваю сабзавоти хурду калонро ҷудо намудан, бозӣ бо рег ва об, оварда додан ва бурда ба ҷое мондани ашё, пӯшидан ва баровардани дастпӯшак, пойафзол, либос дар банди ғафс гузаронидани ҳалқаҳо, бозӣ бо маводи сохтмонии пластмасӣ, ки махсус дар фурӯш ҳастанд ва ғайраҳо.

Соли дуюми ҳаёт дар инкишофи кӯдакон нақши муҳим дорад. Кӯдак на танҳо олами гирду атроф, муносибатҳои байнишахсиро аз худ менамояд, инчунин ӯ метавонад имою ишора бо дасту панҷаҳоро фаҳмида, ҳаракату амалҳои худро идора намояд. Мувофиқи мазмуну оҳанги нутқи калонсолон, тақлидкунӣ ба онҳо ҳаракату амалҳои бозикуниро ичро мекунад. Бояд қайд кард, ки дар соли дуюм ва сеюми ҳаёт фаъолияти пешбарандаи кӯдакон амал кардан бо ашё буда он дар инкишофи равонӣ, таълим ва тарбияи онҳо нақши муҳим дорад. Истифодаи бозиҳои ангуштӣ ба давраҳои аз худ намудани истифодаи ашё алоқаманд аст. Ин давраҳо чунинанд:

а) нишон додани тарзи ичрои амалҳо бо ашё аз тарафи калонсолон;

б) ичрои амалҳои якҷоя бо калонсолон;

в) қисман якҷоя амал намудан;

г)дар асоси супоришҳои калонсол мустақилона ичро намудани амалҳо бо ашё.

Бо кӯдакони соли дуюм ва сеюм ҳаёт чунин бозӣ бо ангуштҳоро (панҷаҳо, лелакҳо) ташкил кардан мумкин аст.

-Лелак бачаяк! Ту дар куҷо будӣ?

-Бо ин бародарам ба ҷангал рафтам.

-Бо ин бародарам хӯрок пухтам.

-Бо ин бародарам хӯрок хӯрдам.

-Бо ин бародарам суруд хондам.

Мақсади чунин бозии ангуштӣ омӯзонидани кӯдакон мувофиқи мазмуни матн, ҳаракат додани ангуштон, дар хотир нигоҳ доштани калимаву ибораҳоест, ки ҳамқофия мебошанд.

Ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки ёд додан, омӯзонидан, таълимдиҳии бозиҳои ангуштӣ ҳамчун додани аввалин таҷрибаи иҷтимоӣ арзёбӣ гардида, он дар раванди фаъолияти якҷояи ташкилкардаи калонсол ба вуқӯъ меояд. Дар ичро гардидани ин амал шакли асосии кор ин махсус ташкилу баргузории маҷмӯи бозиҳое мебошанд, ки майлу рағбати кӯдакро барои бозӣ бо бозичаҳои сода, ҳаракаткунанда, ҷобаҷогузорӣ ва бо ҳам пайваст кардани қисмҳои бозичаҳо, аз қисмҳо сохтани ашё, ҳамчун бозичаҳо ва ғайраҳо равона карда мешавад.

Барои он, ки ашёву бозичаҳои истифодашаванда барои кӯдак дилгиркунанда набошанд, лозим аст, ки онҳо тез-тез иваз карда шаванд, рангоранг ва гуногунҳаҷм бошанд, барои истифодабарӣ ашё мувофиқи мақсаду вазифаҳои таълиму тарбия бошанд.

Дар муассисаҳои томактабӣ тибқи талаботи барнома мураббӣ бо кӯдакони аз 1 солу 6 - моҳа то 3 - солаҳо барои инкишоф додани эҳсос, идрок ва тасаввурот оид ба ранг, шакл, сифату хусусияти ашё, такмилдиҳии ҳаракати дасту ангуштон (муҳарррикҳои хурди ҳаракатӣ) аз тарафи мураббия маҷмӯи махсуси бозӣ-машқҳо, бозӣ-машғулиятҳо, бозиҳои дидактикӣ ба нақша гирифта мешавад. Дар заминаи ин бозӣ ва амалкунӣ ашё бозикунӣ бо бозичаҳою ашёи атроф (минбаъд фаъолияти созандагарои (конструктивӣ), бозиҳои сохтмонӣ, мазмундори нақшофарӣ, саҳнавикардашуда (аз рӯйи мазмуни асарҳои бадеӣ) ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар таълиму тарбияи кӯдакони хурдсол барои инкишоф додани ҳаракати ангуштон, инкишофи нутқ ва амалҳои фикрронӣ, волидайну кормандони муассисаҳои томактабӣ ба ғайр аз бозиҳои ангуштӣ аз воситаҳои дигари дастрас низ истифода бурда метавонанд.

Барои хурдсолон ташкил кардани «Бозӣ-бандакҳо» хеле муҳим аст. Аз нуқтаи назари баъзе калонсолон гузаронидани тугмаҳо, ҳалқаҳо ба ресмони ғафс, бастани банди пойафзол ва ғайраҳо барои кӯдак мушкил аст. Онҳо ба иҷрои ин амал қодир нестанд ва зӯри панҷаҳояшон намерасад. Набояд фаромӯш кард, ки кӯдакон дар ин давра на танҳо кунҷкоб, зираку ҳушёр буда, дар асоси мушоҳида ва таклид иҷрои бисёр амалҳо, аз ҷумла гузаронидани тугма, ҳалқаҳо, бастану кушодани бандҳоро азхуд мекунанд.

Дар машғулиятҳои расмкашӣ пешниҳод намудани тасвири дасту панҷаҳо дар қоғаз (бо роҳи кафи дастро ба рӯйи қоғаз гузоштан) имконият медиҳад, ки шавқи кӯдак бо бозиҳои ангуштӣ бедор карда шавад. Мураббӣ метавонад, аз рӯйи расм муайянкунии ҷойгиршавии ангуштонро номбар карда, онро бо ангуштони дасти худ муқоиса ва монанд намояд.

Дар назария ва амалияи педагогии Мария Монтессорӣ ва пайравони ӯ дар тамоми ҷаҳон исбот гардидааст, ки бозӣ бо рег, об ва дигар маводи табии воситаи муҳимми инкишофи узвҳои сенсорӣ (биноӣ, ламскунӣ), такмилдиҳии муҳаррики ангуштон, донистагирии сифату хусусиятҳои ашёи гирду атроф шуда метавонад. Бинобар ин, дар барномаи кӯдакистон чунин бозӣ ба кӯдакон тавсия карда шудааст.

Ҷамъоварӣ намудани тугмаҳои гуногунҳаҷму ҳарранга ва аз маводи гуногунсохташуда, истифодаи онҳо дар инкишофи нутқ таҷрибаи ҳиссии кӯдакони синни 3-7 сола аз аҳаммият холӣ нест. Ба мадад ва пешниҳоди калонсолон кӯдакон метавонанд тугмаҳоро аз рӯйи ҳаҷм, ранг, маводи сохташуда (пластмасӣ, шишагӣ, металлӣ, чубин) ва номбар кардани хусусият, умумият ва фарқи онҳо гурӯҳбандӣ намоянд. Барои ташаккулдиҳии тасаввурот, маҳорату малакаҳои ҳисобкунии тартибию миқдорӣ, каму зиёдкунӣ дар болои матои ғафси якранг часпонда (дар шакли панно) онҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Барои кӯдакони аз 2-3- сола то мактаб рафтан кошинкорӣ-бозӣ бо мазайкаҳо хеле шавқовар мебошанд. Дар вақти бозии кошинкорӣ ҳамоҳангарии ҳаракати дасту панҷаҳо бо фаъолияти фикрронӣ (монанду муқоисакунӣ, таҳлилу таркиб намудан), маҳорату малакаҳои эҷодкорӣ, зебоиофарӣ, сифатҳои таҳамммулпазирӣ, сабру тоқат, ба охир расонидани корӣ оғозкарда ва ғайраҳо шакл мегиранд. Махсусан, нусхабардорӣ аз дастурҳо-намунаи пешниҳодшудаи бозии кошинкорӣ ба рушди хотира, мутамарказ шудани диққат, сифатҳои ақлию зеҳнӣ хеле муҳим аст, ва ин маҳорату қобилиятҳо дар таҳсилоти мактабӣ ба кӯдак хеле зарур арзёби мегарданд.

Ташкилу баргузории бозӣ-машқҳо, бозиҳои дидактикӣ барои кӯдаконе, ки онҳо диққати худро идора карда наметавонанд (гиперактив), хеле муҳим аст. Онҳо метавонанд шавқу рағбати кӯдакро ба худ ҷалб намоянд ва воситаи муҳимми тарбияи зеҳн гарданд.

Бозии дидактикии чопии руимизӣ, ки дар ҷараёни бозӣ интихоб кардан, бо ҳам мувофиқ сохтану ҷобаҷогузории расмҳо дар инкишофи нутқ, тарбияи фикрӣ ва такмилдиҳии ҳаракати ангуштон аҳаммияти калон дорад. Ба монанди, бозиҳо бо расмҳои ҷуфт ва буррида (1/4, 1/8), домино, лабиринт (дар давраи омодагӣ ба мактаб) бозии пазлҳо, кошинкорӣ ва ғайраҳо аҳаммияти калон дорад. Афзалияти ин бозиҳо боз дар он аст, ки дар кӯдакон сабру тоқат, иҷрои амалҳои фикрӣ тарбия карда мешаванд.

Сангчабозӣ ба гурӯҳи бозиҳои ангуштии миллӣ мутааллиқ аст, ки он иҷрои амалу ҳаракатҳои гуногун: тела додан, ба як ҷо ҷамъ овардан, ба баландӣ ҳаво дода, дошта гирифтани сангҳо, аз дарвозаи рамзӣ, ки бо ангуштон сохта шудаанд, гузаронидани сангҳо ва ғайраҳоро талаб мекунад, дохил шуда метавонанд. Дар ин бозӣ, ки он одатан аз 5 дона сангҳои ҳаҷман ва шаклан (гирдшакл) бо ҳам монандро дар бар мегирад, аз бозингар бо чашм идора кардани самти ҳаракати сангчаҳо ва иҷрои амалҳо бо онҳо (дошта гирифтан, дона дона ҷамъ овардан, якчанд донаро тела додан ва ғайраҳо) талаб карда мешавад. Иҷрои ин ҳаракату амалҳо ба кӯдак имконият медиҳад идоракунандаи кафи даст ва ангуштони худ

бошад, аз як зина ба зинаи баландтари инкишофи имкониятҳои аҚлию ҷисмонии худ барояд, донишу маҳорат ва малакаҳои ҳаётан заруриро такмил диҳад.

Бозиҳои ангуштиро дар машғулиятҳои таълимӣ дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии кӯдакистон истифода бурдан мумкин аст. Масалан, дар машғулиятҳои ташаккулдиҳии тасаввуроти аввалини математикӣ бо ёрии ангуштон ҳисобкуниро ёд додан мумкин аст. Дар омӯзонидани амалҳои каму зиёд намудани ашё ва истифодаи маводи таълимии тақсимшаванда (шаклҳои геометрии ҳаҷму рангашон гуногун, бозичаву маводи табиӣ ва ғайраҳо) низ аз бозиҳои ангуштӣ истифода бурдан мумкин аст. Набояд фаромӯш кард, ки дар мардуми тоҷик буғум, ангушт ва ваҷаб, қулоч ченаки дарозӣ, мушт, каф, ченаки маводи пошхӯрда (хок, биринҷ, гандум) ва моеъ (об, шир) қабул шудаанд, ки онҳоро низ дар бозиҳои ангуштӣ истифода бурдан мумкин аст. Махсусан, ҳангоми ёддиҳии шумурдани тартибӣ-бо хобондан ва бардоштани ангуштон, ки ҳар яки онҳо номи худро доранд: нарангушт -яъне ангушти аз ҳама аввал, ғафс; дуюм ишоратӣ; сеюм-дароз; чорум-беном ва охирон, панҷум майдача аз аҳаммият холӣ нест. Худи донистани номи ангуштон мувофиқи ҷойгиршави, иҷрои вазифаҳо, масалан, ишорати будани ангушти дуюм, беном будани ангушти чорум ба кӯдакон шавқовар аст. Хуб мешуд масъалаи усули истифодаи мафҳумҳои ифодакунандаи ченакҳои миллӣ дар ҷараёни таълим мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор гирад.

Дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ, имкониятҳои омӯзишӣ ва шавқу рағбати кӯдакон ба истифодаи бозиҳои ангуштӣ ба калонсол риоя кардан ба талаботҳои муайяни педагогӣ пешниҳод карда мешавад.Талаботи асосӣ барои омӯзонидан ва самарабахшии бозиҳои ангуштӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- калонсол бо кӯдак бозӣ карда истода, дилбастагии худро ба ӯ ва бозӣ нишон диҳад;
- ҳангоми бозӣ матн, калимаву ибораҳои ҳамқофияро аз аввал то охири бозӣ якчанд маротиба такрор намояд, то кӯдак онҳоро азхуд кунад ва минбаъд мустақилона аз онҳо истифода бурда тавонад;
- калонсол бояд бозиҳои ангуштӣ, матну ибораҳои ҳамқофияро бо мурури замон иваз намояд ва такмил диҳад;
- иҷрои ҳаракати дасту ангуштон, азхудкунии тарзи иҷрои амалҳо, матни калимаҳо, ибораҳо, қофибозӣ бо имконияту тавонӣ, синну соли кӯдак мувофиқ бошад;
- бозии ангуштии дилписанду маъқулшударо такрор кардан зарар надорад;
-кӯдакро барои бозӣ маҷбур кардан мумкин нест. Сабаби рад намудани бозиро муайян намуда, онро бо дигар бозӣ иваз кардан хубтар аст;
-ба кӯдак иҷрои машқҳои мушкил, бозии давомнокро пешниҳод кардан мумкин нест. Давомнокӣ ва ҳаҷми диққати кӯдак маҳдуд аст. Иҷрои машқи душвор ва вақти тӯлонии бозӣ шавқу завқи ӯро аз фаъолият дур месозад.

Риоя намудан ба талаботи педагогӣ оид ба ташкилу роҳбарӣ бо бозиҳои ангуштӣ имконият медиҳад, ки ҳаёти кӯдакон гуворою рангин гардад, иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ мувофиқи имкониятҳои синнусолӣ ва талаботи барномавӣ роҳандозӣ карда шавад. Албатта бозиҳои ангуштӣ аз нигоҳи фарҳангӣ, психологӣ, педагогӣ, тиббӣ солимгардонӣ таҳқиқу баррасии илмию амалии худро талаб менамоянд.

АДАБИЁТ:

1. Дидактические игры и занятия с детьми раннего возроста. /Москва, 1982. -160 с.
2. Кукушкин В.С. Этнопедагогика./ Москва, 2002.-262с.
3. Маҷидова Б. Фаъолиятҳои кӯдакон./ Душанбе, 2015.-180с.
4. Павлова Л. Фольклор для маленьких. Дошкольное воспитание./ Москва, 1990, №4. 43-48.
5. Развитие личности ребенка. От рождения до трех. / Екатеринбург. 2014.-528с.
6. Современный ребенок. Эциклопедия взаимопонимания. Под. ред. Вари. Москва. 2006. - 604с.
7. Шермухаммадов Б. Назми бачагони халқи тоҷик./ Душанбе. 1973.-158с.

КИТОБИ «ХОТИРОТИ ХОНАНДА»

АМОНӢ С. *– мудири шуъбаи фанҳои филологӣ ва забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *h.amoni @mail.ru, тел.: +(992) 90 790 90 62.*

Аз назари муаллифи мақола хондани китоб ба мо сабақи дӯстиву бародарӣ, накукорӣ ва созандагӣ медиҳад, раҳму шафқатро дар диламон ҷой мекунад. Дар дақиқаҳои танҳоӣ ҳамдаму ҳамроз гашта, роҳу равиши дурустро нишон медиҳад, дардҳоро шифо мебахшаду ранҷҳоро сабук мекунад, зиндагиро ширину одамонро ба оянда хушбин месозад.

Чунин андешаҳо дар мақола ҷой дошта, тарзи китобхонӣ ва феҳристи адабиёт барои хонандагони синфҳои 1, 2, 3 ва 4 пешниҳод шудааст.

Вожаҳои калидӣ: *китоб, адабиёти бадеӣ, хондан, дустиву бародарӣ, хонандагон, муассисаи таълимӣ, омӯзгор.*

ДНЕВНИК ЧИТАТЕЛЯ

АМОНИ С. *– зав. отделом филологических наук и государственного языка для нацменьшинств Института развитии образования имени А. Джами АОТ, г. Душанбе, ул. Айни 45.* ***E-mail:*** *h.amoni @mail.ru, тел.: +(992) 90 790 90 62.*

По мнению автора статьи, чтение книг воспитывает детей в духе дружбы и братства, благодеяния, созидательности и доброты. В минуты одиночества она становится близким другом, указывает правильный жизненный путь, облегчает болезни и лечит раны, повышает чувство оптимизма и жизнедеятельности.

Учитывая возрастные особенности детей при чтении книг в статье указаны способы чтения, книга памяти и список художественной литературы для учащихся 1, 2, 3 и 4 классов.

Ключевые слова: *книга, художественная литература, чтение, дружба и братство, учащихся, образовательное учреждение, учитель.*

PUPIL'S MARK BOOK OF THE READER

AMONI S. *– Head of the Philological Sciences and the State Language for National Minorities Department of the Education Development Institute named by A. Jami. Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail:*** *h.amoni @mail.ru, mob.: +(992) 90 790 90 62*

According to author's opinion, reading books helps to children on creating of friendship and brotherhood, good deeds, creativity and kindness. During moments of loneliness, reading books becomes a close friend, indicates a regular life path, facilitates illness and heals wounds, increases feelings of optimism and vitality.

Taking into account these ideas the author offers the maimn methods of reading anr the list of literature for 1, 2, 3 and 4 grades.

Keywords: *book, fiction, reading, friendship and brotherhood, students, educational institution, teacher*

Инсон аз овони хурдӣ бо китоб ошно мешавад ва китоб инсонро тамоми умр ҳамроҳӣ менамояд, дар ҳалли масоили душвор кумак карда, чун роҳнамо хизмат мерасонад. Китоб барои мо даричаеро ба ҷаҳони бузургу нав боз месозад. Ба ҷаҳони беканоре, ки моро ба оғӯши худ фаро мехонад. Аз ин рӯ, ҳама гуна китоб муфид ва дӯстдоштанист.

Осори таърихӣ аз корномаи гузаштагони мо ҳикоят мекунанд ва барои баҳо додан ба вазъиятҳои гуногуни кунунӣ ёрӣ мерасонанд.

Мо дар паси мизи мактаб нишаста, ба омӯзиши адабиёти илмӣ машғул мешавем. Китобҳои дарсии фанни адабиёт, забони модарӣ, физика, химия, биология…моро

роҳнамоӣ мекунанд. Китобҳо хомӯшанд, вале чӣ асрореро дар худ ниҳон медоранд ва чӣ шодиву суруреро барои мо эҳдо мекунанд. Мо танҳо бояд хондану дарёфти арзишҳои онҳоро ёд бигирем.

Осори бадеӣ моро водор месозанд, ки кулбор баста, ба дунёи худ сафар кунем. Мо ҳамроҳи қаҳрамонон нафас мекашем, шодӣ мекунему ғамгин мешавем ва ҳамеша анҷоми неки ҳаводиси ҷолибро чамшдорем.

Китоб ба мо сабаки дӯстиву бародарӣ, накукорӣ ва созандагӣ медиҳад, раҳму шафқатро дар диламон ҷой мекунад. Дар дақиқаҳои танҳоӣ ҳамдаму ҳамроз гашта, роҳу равиши дурустро нишон медиҳад, дардҳоро шифо мебахшаду ранҷҳоро сабук мекунад, зиндагиро ширину одамонро ба оянда хушбин месозад.

Китоб воқеан, дӯсти беғараз ва боэътимодест. Дари дилу дидааш ҳамеша ба рӯйи мо боз аст. Ҳар чи мехоҳӣ бипурс, посухи дилхоҳ хоҳӣ гирифт. Магар фарҳангҳову қомусҳо чунин нестанд?

Нақши китоб дар ҳаёти инсон хеле бузург аст. Бе китоб на илм асту, на фарҳангу на осоиш. Хирадномаи аҳли замонаҳо ва нӯшдоруи ҳама дардҳову ҳама ранҷҳост. Пас, биёед, соате боз китоб бихонем.

Чаро хонанда бояд китоби хотирот дошта бошад ва он барои чӣ зарур аст? Яке аз вазифаҳои асосии хонандаи хурдсол инкишоф додани техникаи хониш аст, ки пайомадҳои зиёде ба он вобастагӣ доранд. Масалан, тарзи ташаккули шахсият, қобилияти таҳсил, муносибат нисбат ба омӯзгор, дӯстон, падару модар, атрофиён ва худшиносиро метавон ба ин даста пайомадҳо шомил кард.

Аз ин рӯ, ташкил намудани тарзи муносибати хуби кӯдак ба китобхонӣ, ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ оид ба донистани техникаи китобхонӣ вазифаи асосӣ ва муҳимми ҳар падару модар ба шумор меравад.

Чун кӯдак бисёр китоб хонду ба хондан одат кард, барои ӯ тартиб додани китоби «Хотироти хонанда» ниҳоят муҳим аст. Аз рӯйи қоида баробари ба охир расидани соли таҳсил кӯдакон ба таътил мебароянд ва барои дар давраи дамгирӣ китоб хондан ба онҳо рӯйхати асарҳои бадеӣ пешниҳод карда мешавад. Албатта кӯдак пас аз фориғшавӣ аз таҳсил намехоҳад, ки боз бештар китоб хонад вале ба ҳар ҳол бояд кӯшиш кард, ки китобхониро фаромӯш накунад. Кори аввалине, ки дар ин давра мо бояд анҷом диҳем, барои вай тартиб додани рӯзнома ё китоби хотирот аст. Ӯ бояд фаҳмад, ки китобхонӣ барояш кори муҳим аст, вагарна чаро ҳар рӯз дар дафтари махсус фаъолияташ қайд карда мешавад.

Тартиб додану ба кор бурдани рӯзнома, яъне китоби хотирот чӣ зарурате дорад? Чун кӯдак китоб мутолиа мекунад, ӯ бояд ба мазмуни он сарфаҳм равад ва борои худ чизе кашф намояд. Зеро ин донишҳо ба ӯ дар оянда зарур мешаванд. Масалан ҳангоми таҳсил, дар маҳфилу суҳбатҳо маводи хондааш ба хотираш мерасад ва бо ифтихор аз он истифода мекунад.

Агар кӯдак китобро хондаву мазмуни онро фаромӯш карда бошад, пас, беҳуда хондааст. Маҳз ба хотири он ки чунин заҳмати тӯлонӣ беҳуда набошад, ба китоби хотирот зарурат пайдо мешавад. Бисёре аз падару модарон қайд кардаанд, ки кӯдакони синфҳои 1-2 дар таҳлили матн ва истифодаи китоби хотирот душворӣ мекашанд ва бе кумаки калонсолон муваффақ намешаванд. Хушбахтона ин мушкил дар синфҳои 3-4 ҳал мешавад ва хонандагон озодона матнро таҳлил намуда, андешаҳои заруриро дар дафтарашон қайд мекунанд. Фаҳмидан худ як падидаи олист, вале боз онро полуда, дар дафтар қайд намудан, яъне навиштан аҳаммияти вижа дорад. Чизеро дарк кардану дар ҷойе навиштан боиси таҳвияти малакаҳои ҷиддии эҷодӣ ва таҳқиқӣ мегардад, ки шахсият ба онҳо имрӯз беш аз ҳар вақт ниёз дорад.

Асарҳо барои синфи 1.

1. Ҷӯра Ҳошимӣ. Сурудаке дар бораи ҳарфи «О». Душанбе: Маориф, 2015.
2. Муҳаммад Субҳон. Рӯбоҳ ва гурги нодон. Душанбе: Маориф, 2015.
3. Убайд Рачаб. Гулрӯ. Душанбе: Маориф, 2015.
4. Муҳаммад Субҳон. Рӯбоҳ ва хирси нодон. Душанбе: Маориф, 2015.

5. Муҳаммад Субҳон. Нолаи харгӯшоча. Душанбе: Маориф, 2015.
6. Начмиддин Салоҳиддинзода. Кори имрӯзаро ба фардо магузор.Душанбе: Маориф, 2015.
7. Афсонаи халқи тоҷик. Нафс-заҳр. Душанбе: Маориф, 2015.
8. Афсонаи халқи тоҷик. Иттифоқ . Душанбе: Маориф, 2015.
9. Афсонаи халқи тоҷик. Харҷи се танга. Душанбе: Маориф, 2015.
10. Афсонаи халқи тоҷик. Давлат чист? Душанбе: Маориф, 2015.

Падару модарон ва омӯзгорони муҳтарам!

Шумо метавонед илова бар феҳристи пешниҳодшуда боз асарҳои муносибу дархӯри матлабро интихоб намоед.

Китоби хотироти хонандаи синфи 1 ба фикри шумо бояд чӣ гуна бошад? Барои китоби хотироти хонандагони синфҳои 1-2 ҳамагӣ панҷ-шаш сутун кифоя аст: «Номи асар», «Муаллифи асар», «Қаҳрамонони асосӣ» «Мазмуни асар» – хеле мухтасар, дар ҳаҷми 1-3 ҷумла, «Андешаи хонанда дар бораи асар» ва ҷой барои тасвирҳо оид ба мазмуни асар. Агар кӯдак расмкаширо дӯст дорад, метавонад, ки мазмуни маводи хондаашро дар варақи алоҳида тасвир намояд ва он ба саҳифаи рӯзнома ширеш карда мешавад. Агар кӯдак расм кашида натавонад, шумо метавонед ба ӯ иҷозат диҳед, то болои тасвири китоб коғази нусхагузарон гузошта, суратро нусхабардорӣ кунад. Ин таҷриба кӯдакро ба расмкашӣ ва истифодаи воситаҳои самарабахш дилгарм месозад. Танҳо тарзи истифодаи безарари онро ба кӯдак таъкид бояд кард, то варакҳои китобу рӯзномаашро чиркин накунад. Ҳамин тавр кӯдак метавонад расмҳои заруриро дар саҳифаи дафтараш озод, бе истифодаи васоити ёрирасон тасвир намояд. Аз ин хотир, дар саҳифаи китоби хотирот барои тасвир каме ҷой мондан ҳам мумкин аст.

Намунаи китоби «Хотироти хонанда» барои синфи 1

Номи муаллиф _____

Номи асар _____

Қаҳрамонои асар:

Мусбат_____

_____

Манфӣ_____

_____

Мазмуни асар_____

_____

_____

Фикри шахсии шумо доир ба мазмуни асар

_____

_____

Тасвирҳо оид ба мазмуни асар _____

_____

Имзои падару модар_____

Таърихи рӯз_____

Асарҳо барои синфи 2.

1. Афсонаи халқи тоҷик. Нахӯдак. Душанбе: Маориф, 2015.
2. Ҳабибулло Имодӣ. Мошон. Душанбе: Маориф, 2015.
3. Афсонаи халқи тоҷик. Ақлро Худо барои чӣ додаст? Душанбе: Маориф, 2015.
4. Мавҷуда Ҳакимова. Кӣ хушрӯ? Душанбе: Маориф, 2015.
5. Наримон Бақозода. Озода шав. Душанбе: Маориф, 2015.
6. Начмиддин Салоҳиддинзода. Муқаддасоти Ватан. Душанбе: Маориф, 2015.
7. Муҳаммад Субҳон. Гурги зард. Душанбе: Маориф, 2015.
8. Муҳаммад Субҳон. Хирси малла. Душанбе: Маориф, 2015.
9. Кароматуллоҳи Мирзо. Қаҳрамон. Душанбе: Маориф, 2015.
10. Кароматуллоҳи Мирзо. Гӯшвора. Душанбе: Маориф, 2015.

Китоби хотироти хонандаи синфи 2 бояд чӣ тавр бошад? Онро ба шакли зайл метавон тартиб дод: «Номи муаллиф», «Номи асар», «Жанри асар», «Номбар кардани қаҳрамонони асосӣ ва маълумоти мухтасар оид ба онҳо», «расмҳо», «Тасвири мазмуни мухтасари асар», «Тасвир намудани мазмуни асар тавассути «Назари ман (хонанда) дар бораи асар». Ҳар як падару модар метавонанд ҳамроҳи кӯдак боз роҳҳои дигари сохтани чунин рӯзномаро пайдо кунанд. Хонандаи синфи 2 метавонад, ки мустақилона шакли дилхоҳашро интихоб намояд. Дар ҳар сурат хотираномаҳо як хел шуда наметавонанд, вале мавридҳои асосӣ ва умумӣ дар онҳо ҷой доранд.

Намунаи китоби «Хотироти хонанда» барои синфи 2

Номи муаллиф_____

Номи асар_____

Жанри асар_____

Қаҳрамонии асар:

Мусбат_____

_____

Манфӣ_____

_____

Мазмуни асар_____

_____

_____

Фикри шахсии шумо доир ба мазмуни асар _____

_____

_____

Тасвирҳо оид ба мазмуни асар _____

_____

Имзои падару модар_____

Таърихи рӯз_____

Китоби «Хотироти хонанда»-и хонандаи синфи 3 бояд чӣ тавр бошад? Барои хонандаи синфи 3 метавон супоришҳоро каме мураккабтар намуд. Барои ӯ дар хотир нигоҳ доштани номи нависандаи китоб хеле муҳим аст, зеро донистани ному насаби муаллиф ба хонанда имкон медиҳад, ки дар бораи асарҳои дигари ӯ иттилоъ пайдо намояд. Пайдо намудани иттилооти зеҳнӣ дар маҷмӯъ ба ташаккул ва рушди маҳорату қобилиятҳои эҷодӣ ва салоҳиятҳои гуногуни иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Бартар аз ҳамаи ин муҳаббат ба китобхонӣ дар ниҳоди кӯдак хона карда, ба рӯҳу равонаш равшанӣ мебахшад. Тавре ки пештар ёдовар шудем, тарзи таҳияи китоби хотирот талаботи ягона надорад ва омӯзгорон ҳар кадоме ба таври хеш онро тавсия медиҳанд. Мақсади ҷорӣ намудани он зиёд кардани сарбории хонанда ва падару модарон набуда, балки ба хонандагон ёд додани хулосакунӣ ва инкишофи маданияти нутқ аст. Аксари падару модарон аз дӯконҳо китобҳои хотиранависии тайёр мехаранд, вале он китобҳо ба талаботи гузоштаи омӯзгорон мутобиқат намекунанд.

Дар ин сурат мо метавонем дафтари калонҳаҷми одиеро гирифта, мувофиқи гуфтаҳои омӯзгор дар саҳифаҳои он хат кашида, сутунҳоро ҷудо кунем. Барои навиштани фикру андешаҳо дар китоби хотироти хонандаи синфи 3 ҷойи бештаре (назар ба дафтари хонандаҳои синфҳои1-2) гузоштан лозим аст, зеро онҳо бояд бисёртар нависанд.

Муқоваи онро тавассути расму тасвирҳо оро додан низ мувофиқи мақсад аст. Барои падару модарон донистани жанри дилхоҳ ва дӯстдоштаи кӯдакашон тавассути чунин дафтарҳо хеле осон мегардад.

Асарҳо барои синфи 3.

1. Убайд Рачаб. Шамол хунук мехӯрад? Душанбе: Маориф, 2015.

2. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Искандар ва кафи холӣ. Душанбе: Маориф, 2015.

3. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Зангӣ ва оина. Душанбе: Маориф, 2015.

4. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Яхфурӯш ва гармо. Душанбе: Маориф, 2015.

5. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Рӯбоҳи пир ва Нома. Душанбе: Маориф, 2015.

6. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Дӯстӣ ва қарз.Душанбе: Маориф, 2015.

7. Муҳаммад Субҳон. Гусола «Бе» гуфт. Душанбе: Маориф, 2015.

8. Афсонаи халқи тоҷик. Писараки хуб. Душанбе: Маориф, 2015.

Шумо метавонед маслиҳату тавсияҳои моро ба этибор гирифта, дафтари хотироти кӯдакатон (хонандаи синфи 3)-ро бо салоҳдиди хеш тартиб диҳед. Дар муқова: «Китоби хотирот», дар саҳифаи дуюм: «Расми хонанда, ному насаб, рӯз, моҳ ва соли таваллуд ва маълумоти мухтасар дар бораи худ» Дар саҳифаи сеюм: «Рӯйхати адабиёт барои мутолиа» ва ғайра…

Барои ҳар як саҳифа расм ё тасвири алоҳида интихоб кардан низ аз фоида холӣ нест. Зеро аз рӯйи тасвир ёфтани саҳифаи даркорӣ осон мегардад. Китоби хотиротро бо ранги кабуд хонапурӣ карда, сарлавҳаҳоро бо рангҳои дигар навиштан мумкин аст. Китоби хотирот саҳифагузорӣ карда мешавад ва дар охири он феҳристи матолибро ҷой донан зарур аст. Хонанда пас аз анҷом додани мутолиаи китоби навбатӣ унвони онро дар феҳрист ҷой мекунад.

Инчунин дар китоби хотирот саҳифае ҷудо кардан даркор аст, ки дар он суръати хониши хонанда дар як дақиқа нишон дода шавад. Баъди саҳифаи «Рӯйхати адабиёт…» меъёрҳои суръати хонишро ҷой додан лозим аст.

Меъёрҳо:

Синфи 1– 25-30 калима дар як дақиқа

Синфи 2– 40-50 калима дар як дақиқа

Синфи 3– 65-75 калима дар як дақиқа

Синфи 4– 85-95 калима дар як дақиқа

Суръати муқаррарии хониш барои одамон 120-150 калима дар як дақиқа муътадил дониста шудааст.

Ҳамин тариқ, китоби хотироти хонандаро барои синфҳои дигар низ тартиб додан мумкин аст. Чунин китоби хотиротро дар шакли электронӣ хам сохтан мумкин аст, ки бо кумаки падару модарон ороиш ва рангу бори саҳифаҳо шавқовартар мегардад.

Саранҷом бояд қайд намуд, ки китоби хотироти хонанда дар мақоми хеш ниҳоят муҳим ва зарур дониста мешавад. Китоби хотирот ба ғайр аз аҳаммияте, ки ҳар рӯз дорад, боз пас аз гузаштани корвони вақт ва фосилае аз умр ширинихои кӯдакӣ ва ҷавонии тифли шумоpo ба хотир меорад. Агар имрӯз фарзанди шумо бо кумаки шумо китоби хотирот мураттаб карда бошад, пас, мутмаин бошед, ки ояндаи неку ӯро интизор аст, фақат назоратро суст накунед.

Намунаи китоби «Хотироти хонанда» барои синфи 3

Санаи оғози мутолиа_____

Санаи анҷоми мутолиа_____

Номи муаллиф _____

Номи асар _____

Соли таълифи асар (нашриёт)_____

Жанри асар_____

Ҳаҷми асар (…саҳ.)_____

Вазъи короии китоб ҳангоми ба дасти шумо расидан (нав (олӣ), хуб, қаноатбахш, фарсуда (ғайриқаноатбахш))_____

Мансубияти асар (шахсӣ, моли китобхонаи мактаб, китобхонаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ….) _____

Арзиши асар_____
Қаҳрамоноии асар:
Мусбат_____
_____
Манфӣ_____
_____
Мазмуни асар _____
_____
_____
Фикри шахсии шумо доир ба мазмуни асар _____
_____
_____
Тасвирҳо оид ба мазмуни асар _____
_____

Имзои падару модар_____
Таърихи рӯз_____

Адабиёт барои синфи 4.

1. Аз ҳикоёти Бӯстони Саъдии Шерозӣ (Бозгӯйи Гулназар). Зоғ ва каргаси лофзан. Душанбе: Маориф, 2015.
2. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Шакарфурӯш ва харидори аблаҳ. Душанбе: Маориф, 2015.
3. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Зани додхоҳ ва Султон Маҳмуд. Душанбе: Маориф, 2015.
4. Аз осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (Бозгӯйи Гулназар). Марди кӯр ва гавҳар. Душанбе: Маориф, 2015.
5. Кароматуллоҳи Мирзо. Маоши аввал. Душанбе: Маориф, 2015.
6. Кароматуллоҳи Мирзо. Одами нағз. Душанбе: Маориф, 2015.
7. Кароматуллоҳи Мирзо. Хонаи бобо. Душанбе: Маориф, 2015.
8. Афсонаи халқи тоҷик. Аҷоибот. Душанбе: Маориф, 2015.
9. Афсонаи халқи тоҷик. Хаёлпараст. Душанбе: Маориф, 2015.

Талаботи ба китоби «Хотироти хонанда»-и синфи 4 айнан мисли талаботи синфи 3 буда, танҳо каме васеътар гузошта шудааст. Зеро хонандаи синфи 4 метавонад доир ба мазмуну муҳтавои китоби хондааш бештар мустақилона изҳори андеша намояд ва ба муаллиф баҳо диҳад. Ӯ агар муаллифро шиносаду бо ӯ вохӯрда бошад, низ метавонад таассуроташро дар як гӯшаи китоби хотироташ қайд намояд.

Намунаи китоби «Хотироти хонанда» барои синфи 4

1. Китоби хотирот ҳар рӯз хонапурӣ карда мешавад ва хонанда бояд ҳар рӯз пайваста мутолиа кунад;
2. Ҳатман бояд қайд карда шавад:

- Таърихи мутолиа (агар бо сабаби ҳаҷман калон будани асар барои мутолиаи он вақти бештаре сарф гардида бошад, санаи оғоз ва анҷоми мутолиаро нависед);
- Муаллифи асар;
- Номи асар;
- Қаҳрамонони асосӣ:

-қаҳрамонони мусбат
-қаҳрамонони манфӣ

3. Баёни мазмуни мухтасари асар (5-6 ҷумла);
4. Баёни андешаи шахсӣ дар бораи идеяи асар (4-5 ҷумла);
5. Имзои падару модар дар охири қайдҳои ҳаррӯза;
6. Гузоштани ҷой дар ҳар саҳифа барои расмкашӣ оид ба мазмуни маводи мутолиашуда;

7. Гузоштани баҳо барои муваффақияти ҳаррӯзаи хонанда вобаста ба матни хондашуда;

8. Ҷадвали қайдҳо оид ба техникаи хониш дар шароити хона ҳафтае як маротиба;

9. Давомнокии китобхонӣ дар як рӯз (на камтар аз як соат бо шумули тафреҳот)..

Ҷадвали қайдҳо оид ба техникаи хониш

Ёддошт:

1. Кӯшиш намо, ки ҳангоми китобхонӣ нигоҳат аз болои сатрҳо гузарад.

2. Агар дар ҷумлаи китоб ҳамаи калимаҳо бароят фаҳмо бошанд, онро такроран нахон.

3. Ҳангоми хондан ба ҳар як калима диққат бидеҳ.

4. Кӯшиш кун,то маънии матни хондаатро фаҳмӣ.

5. Ҳангоми китобхонӣ агар тавонӣ, ғоза (сақич), шириниҳо ва донагиҳоро истифода набар, зеро онҳо гуворо бошанд ҳам,таваҷҷуҳи асосиро аз мутолиа дур мекунанд.

6. Тарзи дурусти вақгардон кардани китобро риоя кун (бо ду ангушт аз тарафи рости оғози саҳифа ҷудо кардани он) ва ҳеҷ гоҳ ангуштатро ба оби даҳон тар карда, варақ нагардон, зеро ҳам ба саломатиат зарар дораду ҳам китобро ифлос мекунад.

7. Ҳангоми хондан хатбаракро истифода намо.

8. Ҳар рӯз китоб бихон: беовоз,боовоз.

Меъёри ситоиш бар суръати хониш:

Муъҷиза! 131-140

Хеле олист! 121-130

Хуб аст! 111-120

Офарин! 101-110

Қобилак! 90-100

Мешавад! 70-89

Беҳтар! 50-69

Бад нест! 40-49

Эҳ, камтар шудааст! 29-39

Ҷадвали суръати хониш:

Таърих	Номи асар ва номи муаллиф	Суръати хониш	Имзои падару модар	Имзои омӯзгор

Хотироти хонанда (синфи 4)

Санаи оғози мутолиа_____

Санаи анҷоми мутолиа_____

Номи асар_____

Номи муаллиф_____

Соли таълифи асар (нашриёт)_____

Жанри асар_____

Ҳаҷми асар (…саҳ.)_____

Вазъи короии китоб ҳангоми ба дасти шумо расидан (нав (олӣ), хуб, қаноатбахш, фарсуда (ғайриқаноатбахш))_____

Мансубияти асар (шахсӣ, моли китобхонаи мактаб, китобхонаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ….)

_____

Арзиши асар_____

Қаҳрамоноии асар:

Мусбат_____

_____

Манфӣ_____
_____

Мазмуни асар _____
_____
_____

Фикри шахсии шумо доир ба мазмуни асар _____
_____
_____

Тасвирҳо оид ба мазмуни асар _____
_____

Имзои падару модар_____
Таърихи рӯз_____

Хонандаи азиз! фаромӯш макун, ки дӯстӣ бо китоб беҳтарин анвои дӯстӣ ва китоб ягона дӯсти беғарази туст. Ту агар ин дӯстиро бипазирӣ, дар зиндагӣ ва рӯзгори хеш роҳнамо ва маслиҳатгари хубе пайдо хоҳӣ кард, дар набарди ҳаёт дастболо ва барои ёрону атрофиён азиз хоҳӣ буд.

Ҳама донишҳо аз китоб сарчашма гирифтаанд ва мардуми оқил дар ҷустҷӯйи китобу донишҳои наванд. Бароят комёбӣ мехоҳам.

Наёбад мурод, он ки ҷӯянда нест,
Ки ҷӯяндагӣ айни ёбандагист.

Хоҷӯ

АДАБИЁТ:

1. Ермолаева В. Г. Дневник юного читателя. Издательство Бином / Ювеста, 2016. – 163 с.
2. Селивестрова Н. А. Читательские интересы молодежи // Знание. Понимание. Умение. – 2005, – №4.
3. Узорова О. В., Нефедова Е. А. Новый дневник юного читателя. Издательство АСТ, 2014. – 243 с.

МАСОИЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР «АХЛОҚИ НОСИРӢ»-И ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

УМАРОВА Б. *– ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45, тел: +(992) 91 553 15 31*

Муаллиф дар мақола дар мавриди ақидаҳои Хоҷа Насируддини Тӯсӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдакон, даврaҳои таълиму тарбия, барномаҳои таълимӣ, ки дар китоби арзишманди «Ахлоқи Носирӣ»-и вай баён шудаанд, изҳори андеша намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки осори бузургони гузаштаи миллатамон саросар дорои арзишҳои тарбиявӣ буда, метавонанд воситаи муҳимми парвариши наслҳои созанда бошанд.

Вожаҳои калидӣ: *Насируддини Тӯсӣ, Ахлоқи Носирӣ, таълим, тарбия, барнома, таҳсил, илм, дониш, муаллим.*

ПРОБЛЕМЫ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В «ПОВЕДЕНИЕ НОСИРИ» ХАДЖА НАСИРУДДИНА ТУСИ

УМАРОВА Б. *– ведущий научный сотрудник отдела педагогики, психологии и инклюзивного образования Института развития образования имени А. Джами АОТ, г. Душанбе, ул. Айнӣ 45, тел: +(992) 91 553 15 31*

В данной статье говорится о понимание Хаджа Насируддуна Туси в воспитание и обучение детей, период обучения и воспитания, образовательные программы, которые изучаются и находится в его великой книге «Поведение Носири». Также подчеркнута роль творческих наследий таджикских мыслителей в воспитании нового молодого здравомыслящего поколения.

Ключевые слова: *Насируддин Туси, Поведение Носири, обучение, воспитание, программа, образование, знание, учитель.*

THE PROBLEM OF TEACHING AND EDUCATION IN NOSIRI'S "BEHAVIOR" BY KHOJA NASIRUDDIN TUSI

УМАРОВА Б. *– Leading researcher of the department of pedagogy, psychology and inclusive education Institute for the Development of Education named after A. Jami AOT, Dushanbe, 45 Ayni str., mob: +(992) 91 553 15 31*

This article talks about the concept of Khoja Nasiruddun Tusi in the upbringing and education of children, the period of education and upbringing, the educational programs that are being studied, and is in his great book "Behavior of Nosiri". Majesty of creative legacies of the Tajik thinkers in education of the new young sensible generation is also underlined.

Keywords: *Nasiruddin Tusi, Behavior Nosiri, education, upbringing, program, education, knowledge, teacher.*

Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан, маъруф ба Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (1200-1273) сиёсатмадор, шоир ва яке аз олимони маъруфи энсиклопедисти қарни дувоздаҳуми форс-тоҷик буда, доир ба илмҳои гуногун, аз қабили нуҷум, риёзиёт, тиб, фалсафа, мантиқ, адабиёт, сиёсат, ахлоқ ва ғайра беш аз 200 асари хурду бузург таълиф намудааст. Дар миёни ин осори гаронбаҳо китоби «Ахлоқи Носирӣ»-и вай, ки ба номи ҳокими Қаҳистон Носируддин Абдулраҳим таълиф гардидааст, мақому манзалат ва шуҳрати хос дорад.[1]

«Ахлоқи Носирӣ» ҷомеътарин асар дар риштаи ҳикмати амалӣ буда, муаллиф дар он дар баробари дигар масоили муҳим ақидаҳои худро доир ба таълиму тарбия баён намудааст. Ин асар дар соли 1235 бо истифода аз осори донишмандони бузурге, чун Абунасри Форобӣ, Абуалии Мискавейҳ ва Абуалӣ Ибни Сино дар муқаддима ва се мақола (боб) ба риштаи таҳрир кашида шудааст. Қисми аввали «Ахлоқи Носирӣ» дорои ҳафт фасл ва қисми дуввуми он дорои даҳ фасл мебошад.

Ақидаҳои Насируддини Тӯсӣ доир ба омӯзишу парвариш бештар дар боби дуввуми китоб зикр шудаанд. Вай ба тарбияи ахлоқӣ аҳам ияти зиёд дода, онро асоси омӯзишу парвариш медонад. Вай дар тарбияи ахлоқӣ ба муҳити парвариши кӯдак аҳаммияти бузург медиҳад.

Дуввумин назари ӯ ин аст, ки амали тарбия дар кӯдакӣ осон аст. Вай кӯдакро шабеҳ ба шохаи тару нозуки дарахт карда, ки рост кардани он ба осонӣ даст медиҳад.

1.Биҳиштӣ М., Абуҷафъарӣ М., Фақеҳӣ А. Орои донишмандони мусулмон дар таълиму тарбият ва мабонии он. – Теҳрон, 2000.-с.116.

Манзур аз таълиму тарбия, ба ақидаи Хоҷа Насируддин, дарки саодат аст. Барои расидан ба ин манзур кӯдакро чунон тарбият бояд кард, ки «фазоилро дӯст бидорад ва аз разоил дурӣ ҷӯяд ва дар баробари лаззат ва шаҳват забти нафс кунад».

Аз назари Насируддини Тусӣ макони аввалияи тарбия хона, сипас мактаб аст. Муаллим бояд оқил, ширинсухан, бовиқор ва бомурувват бошад. Дар навбати худ донишомӯз бояд ҳурмати муаллимро нигоҳ дорад.

Насируддини Тӯсӣ мақому мартабаи муаллимро бартар аз мартабаи падар медонад. Зеро муаллим зиндагӣ, ҳаёти маънавӣ ва фарогирро муҳайё месозад ва падар заминаи ҳаёти моддии кӯдакро фароҳам меоварад.

Аз назари Хоҷа Насируддини Тусӣ барномаи таҳсил бояд шомили маводи зайл бошад: омӯзиши асосҳои дин, таърих, беҳдошт, ҳифз намудани ашъор, ахлоқ, одоб, илму санъат, варзиш. Дар ин барнома вай ба омӯхтани ҳунар аҳаммияти зиёд медиҳад.

Аз ҷумла, мегӯяд: чунин менависад: «Бояд, ки бисёр нагӯяд ва сухани дигаре ба сухани худ қатъ накунад. Ва ҳар ки ҳикояте ё ривояте кунад, ки ӯ бар он воқиф бошад, вуқуфи худро бар он изҳор накунад, то он кас он сухан ба итмом расонад. Ва чизеро, ки аз ғайри ӯ пурсанд, ҷавоб нагӯяд. Ва агар суол аз ҷамоате кунанд, ки ӯ дохили он ҷамоат бувад, бар эшон сабқат нанамояд. Ва агар касе ба ҷавоб машғул шавад ва ӯ бар беҳтар аз он ҷавобе қодир бувад, сабр кунад, то он сухан тамом шавад. Пас, ҷавоби худ бигӯяд, бар ваҷҳе, ки дар мутақаддим таън накунанд ва дар муҳовароте, ки ба ҳузури ӯ миёни ду кас равад, хавз нанамояд. Ва агар аз ӯ пӯшида доранд, истироқи самъ накунад ва то ӯро бо худ дар он сари мушорикат надиҳанд, мудохила накунад.

Ва овоз на баланд дорад ва на оҳиста. Балки эътидол нигоҳ медорад. Ва агар дар сухани ӯ маънӣ ғализ афтад, дар баёни он ба мисолҳои возеҳ ҷаҳд кунад ва илло шарти эҷоз нигоҳ дорад. Ва алфози ғариб ва киноёти номустаъмал ба кор надорад ва то сухане, ки ба ӯ тақрир мекунанд, тамом нашавад, ба ҷавоб машғул нагардад. Ва то он чӣ хоҳад гуфт, дар хотир муқаррар нагардонад, дар нутқ наёрад ва сухан муқаррар накунад, магар ки ба д-он муҳтоҷ шавад. Ва агар ба д-он муҳтоҷ шавад, қалақ ва зачрат нанамояд ва фаҳш ва шатм бар лафз нагирад. Ва агар ба иборати аз чизе фоҳиш музтар гардад, бар сабил таъризи киноят кунад аз он ва мазоҳ мункар накунад».[1]

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи Насируддини Тӯсӣ қарор дорад, тарбиятпазирӣ, минҷумла тарбиятпазирии кӯдакон мебошад. Вай бар ин бовар аст, ки тарбиятпазирии кӯдакон ва навҷавонон нисбат ба ҷавонон ва миёнасолон бештар аст. Дар робита ба ин Насируддини Тӯсӣ аз ҳаёти файласуфи Юнони қадим Суқрот (469том.- 399том.) мисол оварда, чунин менависад: «Ба ӯ (яъне Суқрот) гуфтанд: Чаро маҳфили ту бештар бо навхостагон ва навҷавонон аст? Ӯ посух дод: Зеро шохаҳои тар ва нозуки дарахт чун каҷ шавад, ба осонӣ метавон онро рост кард. Вале чӯбҳои сахт ва хушк аз таровату шодобӣ холианд, ҳаргиз ба пойдорӣ ва истиқомат нагароянд»[2]. Бинобар ин тарбиятпазирии кӯдак корест муҳим, ки ҳаргиз набояд мавриди ғафлат қарор гирад ва бояд ба ин кор саъю кӯшиши зиёде ба харҷ дод ва аз ибтидо рӯҳи кудаконро аз меҳру муҳаббат сероб сохт, ҳамзамон бояд аз муоширати кӯдакон бо ашхоси бадгуфтору бадрафтор ҷилавгирӣ кард.[3]

Насируддини Тӯсӣ марҳилаи таълиму тарбияро ба панҷ давраи зерин тақсим кардааст: ширхорагӣ, адабомӯзӣ, омӯзиши ахлоқ, омӯзишҳои такмилӣ ва машғул шудан ба кор. Марҳилаи ширхорагӣ аз рӯзи таваллуди кӯдак то дусолагии онро фаро мегирад. Дар ин давра вазифаи падару модар ин аст, ки барои фарзанди худ номи нек ва зебо интихоб кунанд. Зеро, агар номи номуносиб бар ӯ ниҳанд, дар тӯли умр

1.Тӯсӣ, Насируддин. Ахлоқи Носирӣ.-Теҳрон, 1990.- С.184.

2.Ҳамон ҷо. – С. 229.

3.Тӯсӣ, Насируддин. Оғоз ва анҷоми ҷаҳон. –Теҳрон, 1987.- С.59

аз ин ном ранҷур ва озурдахотир боқӣ мемонад.Ҳамчунин дар сурати интихоби доя барои кӯдак волидайн шахсеро ба ҳайси доя интихоб намоянд, ки дорои ахлоқи шоиста ва соҳибистеъдод бошад. Агар доя шахси бадгуҳар ва бефаҳму фаросат бошад, ин сифатҳо аз тариқи шир бар кӯдак асари бад мегузоранд.

Пас аз поён ёфтани давраи ширхорагӣ бояд тарбияи кӯдак оғоз ёбад. Дар ин давра падару модар бояд пеш аз ҳама кӯшиш намоянд, ки фарзандашон бо шахсони ноаҳл ҳамнишин ва ҳамбозӣ нагардад. Зеро дар ин синну сол кӯдак аз ҳамсолон, ҳамбозиҳо ва ҳамнишинони худ бисёр таъсирпазир аст.[1]

Вақте кӯдак омодаи аз худ намудани донистаниҳо ва донишҳо шуд, пеш аз ҳама бояд ба ӯ ахлоқро таълим дод ва ба хислатҳои неку писандидаи ахлоқӣ ошно сохт. Насируддини Тӯсӣ таъкид менамояд, ки дар ин марҳила бояд кӯдакро аз одоби бад ва зиштиҳо боздошт. Зеро кӯдак дар оғози рушд бештар ба бадиҳо рӯй меоварад.

Насируддини Тӯсӣ тавсия менамояд, ки пас аз таълими ибтидоӣ бояд таълимоти такмилӣ, яъне пурра кардани дониш оғоз шавад ва аз он ҷо, ки ин марҳала поёни давраи кӯдакӣ аст, барномарезии таълимӣ ва тарбиятии дақиқро талаб мекунад. Аз ин рӯ, бо таваҷҷуҳ ба истеъдод ва ишқу алоқаи шахс ин барномарезӣ бояд воқеъбинона бошад. Дар сурате, ки агар навҷавон ба омӯзиши илм алоқаманд аст, дар оғоз бояд илми ахлоқро биомӯзад ва пас аз он илмҳои ҳикмати назариро фаро гирад. Дар ин марҳала лозим аст ӯро бо одоби муоширати иҷтимоӣ ва омилҳои созгории иҷтимоӣ ошно сохт.

Вақте давраи такмилии омӯзиш ба поён расид, бояд заминаи кор ва шуғли ҷавон фароҳам шавад ва аз ин роҳ ширинии кор ва иштиғолро биёбад ва бо заҳмати худ умр ба сар бурданро омӯзад.[2]

1.Тӯсӣ, Насируддин. Ахлоқи Носирӣ.- Теҳрон, 1990.- С.222.

2.Биҳиштӣ М., Абуҷаъфарӣ М., Фақеҳӣ А. Орои днишмандони мусулмон дар таълиму тарбият ва мабонии он. – Теҳрон, 2000. – С.150.

Хуллас аз ошноӣ бо ин асари гаронбаҳои Насируддини Тӯсӣ бармеояд, ки масоили таълиму тарбияи инсон, пеш аз омӯзишу парвариши кӯдакон, навҷавонон ва ҷавонон дар тарбияи ахлоқии ин донишманди энсиклопедисти халқи тоҷик мавқеи бисёр волоро дорад.

АДАБИЁТ:

1. Биҳиштӣ М., Абуҷаъфарӣ М., Фақеҳӣ А. Орои донишмандони мусулмон дар таълиму тарбият ва мабонии он // - Теҳрон, 2000. – 187 с.

2. Диноршоев М. Философия Насириддина Туси // – Душанбе, 1968. – 177 с.

3. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. – Душанбе, 2007. – 67 с.

4. Мамедбейли Г. Д. Основатель марагинской обсерватории Насирэдина Туси // – Баку, 1961. – 189 с.

5. Нуралӣ М., Комилов Р. Фарҳанги мухтасари ҷаҳонбинӣ // – Душанбе, 2002. – 73 с.

6. Разавӣ М. Аҳвол ва осори Насируддинм Тӯсӣ // – Теҳрон, 2007. – 183 с.

7. Тӯсӣ К. Ахлоқи Носирӣ // – Теҳрон, 1990. – 367 с.

8. Тӯсӣ Н. Асос-ул-иқтибос // – Теҳрон, 1947. – 141 с.

9. Тӯсӣ Н. Оғоз ва анҷоми ҷаҳон // – Теҳрон, 1987. – 213 с.

10. Энциклопедияи советии тоҷик. ҷ. 5.- Душанбе, 1984. – 467 с.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ РУССКОГО ЯЗЫКА В РАЗВИТИИ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ

БОБОЕВА Д. Ю. *– старший преподаватель кафедры культуры предпринимальства и языка Института предпринимательства и сервиса, г. Душанбе, пр. Борбад 40, тел.: 237 19 49*

КАРИМОВА Л. А. *– старший преподаватель кафедры культуры предпринимальства и языка Института предпринимательства и сервиса, г. Душанбе, пр. Борбад 40, тел.: +(992)90 719 33 88*

Русский язык широко используется в различных сферах жизни современного общества. Главное значение русского языка в современном мире инновационных технологий состоит в том, что каждое программное обеспечение, несмотря на то, что программные коды написаны на английском языке, переведены на русский язык, так как русский язык один из международных языков, признанный в ООН.

Использование новых информационных технологий в обучении на занятиях по русскому языку позволяет рассматривать студента, как центральную фигуру образовательного процесса и ведет к изменению стиля взаимоотношений между его субъектами. При этом преподаватель перестает быть основным источником информации и занимает позицию человека, организующего самостоятельную деятельность учащихся и

управляющего им. Его основная роль состоит теперь в постановке целей обучения, организации условий, необходимых для успешного решения образовательных задач.

Ключевые слова: *образования, язык, предмет, оценивание, речевая деятельность, говорение, аудирование, чтение, письмо.*

МАҚОМ ВА АҲАММИЯТИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТ

БОБОЕВА Д. Ю. *— устоди калони кафедраи фарҳанги соҳибкорӣ ва забони Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 40, тел.: 237 19 49*

КАРИМОВА Л. А. *— устоди калони кафедраи фарҳанги соҳибкорӣ ва забони Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 40, тел.: +(992)90 719 33 88*

Забони русӣ дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷаҳони муосир истифода бурда мешавад. Моҳияти аслии он дар ҳолатҳои мухталифи дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ дар робира ба технологияи инноватсионӣ беш аз пеш ҳамчун воситаи баёни матлаб арзёбӣ мегардад.

Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дар дарсҳои забони русӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯ ҳамчун нақши марказии раванди таҳсилот муносибати худро бо субъектҳои иҷтимоӣ тағйир диҳад. Ҳамзамон омӯзгор аз мақоми расонандаи иттилоот канор рафта, нақши мушоҳид ва назораткунандаро мебозад. Вазифаи асосии ӯ ташкил намудани шароит барои фаъолияти мустақилона ва эҷодкорӣ буда, дар айни ҳол таъкид бар иҷрои супоришҳои таҳсилӣ дониста мешавад.

Вожаҳои калидӣ: *таҳсилот, забон, фан, баҳогузорӣ, фаъолияти нутқ, гуфтан, шунидан, хондан, навиштан.*

THE ROLE AND IMPORTANCE OF THE RUSSIAN LANGUAGE IN INNOVATIVE TECHNOLOGIES DEVELOPMENT AND THEIR USE IN EDUCATION FIELD

BOBOEVA D. Yu. *– Senior Lecturer of the Entrepreneurship Culture and language Department, Business and Service Institute. Dushanbe, 40 Borbad str., mob.: 237 19 49*

KARIMOVA L. A. *– Senior Lecturer of the Entrepreneurship Culture and language Department, Business and Service Institute, Dushanbe, 40 Borbad str., mob.: +(992)90 719 33 88*

Russian language is widely used in various spheres of modern society. The main significance of the Russian in the modern world of innovative technologies is that every software, despite the fact that the software codes are written in English, has been translated into Russian, since Russian is one of the international languages recognized by the UN.

The use of new information technologies in Russian teaching allows the student to be viewed as the central figure of the educational process and leads to a change in the style of the relationship between its subjects. At the same time, the teacher ceases to be the main source of information and takes the position of a person who organizes the independent activity of students and their manager. The teacher's main role will be consisting of setting the goals of training, organizing the necessary conditions for the successful solution of educational problems.

Keywords: *education, language, subject, evaluation, speech activity, speaking, listening, reading, writing.*

В условиях глобализационных процессов в современном мире значительно возросла роль русского языка, который после распада СССР не только сохранил свое лингвистическое влияние на просторах СНГ, но и расширил свое поступательное распространение по планете. Сегодня он, наряду с английским языком, является одним из распространенных в мире языков. В Таджикистане согласно ст.2 Конституции статус русского языка возведен до уровня языка межнационального общения, что связано с

общим историческим прошлым русского и таджикского народов. Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, отметил: «Русский язык помогает нам изучить достижения русского народа в области науки и техники, познакомиться с новейшими технологиями для развития Республики Таджикистан.»

Русский язык широко используется в различных сферах жизни современного общества. Главное значение русского языка в современном мире инновационных технологий состоит в том, что каждое программное обеспечение, не смотря на то, что программные коды написаны на английском языке, переведено на русский язык, так как русский язык один из международных языков, признанный в ООН. Например, операционная система Windows, к которой мы привыкли и хорошо с ней знакомы, переведена на русский язык. При этом около 75% людей, которые пользуются операционной системой Windows, работают по русской версии. Другой пример это всемирная паутина «интернет», к которому все привыкли, с помощью которого мы оперативно получаем необходимую информацию различной направленности практически по всем областям знаний. В интернете можно найти интересующую нас книгу. Здесь следует упомянуть также об офисных и рабочих программах типа «MicrosoftWord», «Photoshop», «MyTestStudent» «GoogleChrome» и многие другие программы на русском языке. Этими программными обеспечениями пользуются, все кто знаком с современными технологиями, чтобы облегчить и улучшить нашу жизнь.

Русский язык является одним из самых богатых языков в мире. Он заслуживает очень вдумчивого и серьезного изучения. Высокое достоинство русского языка создано благодаря его огромному словарному запасу, широкой многозначности слов, богатству синонимов. Это неисчерпаемая сокровищница словообразования, многочисленность словоформ, особенность звуков, подвижность ударения, четкий и стройный синтаксис, разнообразие стилистических запасов.

Кроме основных функций, которые присущи каждому языку, русский язык имеет еще одно очень важное назначение, он является объединяющим звеном многих народов и наций. В условиях современных глобальных процессов данное обстоятельство имеет важное значение с учетом тех интеграционных процессов, которые происходят сегодня на пространстве бывшего СССР в экономической, политической и социальной сферах жизни общества.

Включение в образовательной процесс информационных и коммуникативных технологий на русском языке является средством обучения, воспитания и развития технологий. Обучение на русском языке позволяет лучше изучить информационные технологии в сфере робототехники, способствует ускорению развития медицины и улучшает экономику всех государств.

Значение русского языка обусловлено и тем, что он помогает нам приобщиться к достижениям России в области науки и техники, познакомиться с ее технологиями для их использования во благо экономического развития Республики Таджикистан. Владение русским языком не только позволяет пользоваться не только печатными, но и электронными средствами массовой информации, а также новыми технологиями. Следует отметить, что, по мнению американских студентов, русский язык для изучения выбирают те, кто стремится преодолевать препятствия и трудности.

Для нашей республики актуальность знания русского языка обусловлена сложившейся ситуацией в экономике, когда сотни тысяч таджикистанцев вынуждены выезжать в трудовую миграцию в Россию в поисках лучшей доли. Нахождение в России таджикских трудовых мигрантов требует необходимости знания русского языка для того, чтобы адаптироваться к новой языковой и культурной среде. Безусловно, те мигранты, которые не владеют русским языком, чувствуют себя в России дискомфортно, т.к. они не могут в полной мере реализовывать себя.

Знание русского языка необходимо в обычной повседневной жизни. Когда мы идем к доктору на обследование, он назначает нам лекарства, инструкции к употреблению

которых, как известно, написаны на русском языке. Знание русского языка способствует улучшению качества человеческой жизни на территории СНГ.

Своеобразие XXl века состоит в том, что студенты сегодня обучаются в период развития компьютерной коммуникации и интерактивных технологий. Важно заинтересовать студента или ученика на занятии и уроке, привлечь его внимание, мотивировать его стремление к овладению знаниями. Как это сделать, если игра на телефоне интереснее, чем процесс занятия? На наш взгляд, на помощь педагогам могут прийти, как бы к этому не относились, все те же злосчастные мобильные телефоны. Например, на занятии русского языка изучается тема: «Лексика», которая предполагает найти значение того или иного слова. Почему бы не попросить студентов или учеников не убирать телефоны подальше, а наоборот, достать и на протяжении всего занятия ими пользоваться «конечно же, если их модели позволяют выйти в интернет». Можно попросить студентов открыть электронные словари и найти нужное значение слова. То есть таким способом, используя инновационные технологии, легче понять изучаемую проблему на занятиях русского языка.

Использование новых информационных технологий в обучении на занятиях русского языка позволяет рассматривать студента как центральную фигуру образовательного процесса и ведет к изменению стиля взаимоотношений между его субъектами. При этом преподаватель перестает быть основным источником информации и занимает позицию человека, организующего самостоятельную деятельность учащихся и управляющего ею. Его основная роль состоит теперь в постановке целей обучения, организации условий, необходимых для успешного решения образовательных задач.

Таким образом, студент учится, а преподаватель создает условия для учения. Авторитарная по своей сути классическая образовательная технология принуждения трансформируется в личностно-ориентированную. Обучение предполагает общение на занятии как между преподавателем и студентами, так и общение студентов друг с другом. Использование информационных компьютерных технологий позволяет погрузиться в другой мир, увидеть его своими глазами, стать как бы участником того или иного события.

По данным исследований в памяти человека остается 1/4 часть услышанного материала, 1/3 часть увиденного, 1/2 увиденного и услышанного, 3/4 части материала на русском языке для народов СНГ, только, если, обучающийся привлечен в активные действия в процессе обучения.

Обучение этому языку стало модным и популярным, разные страны мира ввели его в курс общеобразовательных специальных школ. Говоря языком цифр, русский язык занимает третье место в ряду мировых языков (среди общего числа говорящих). Такие авторитетные международные организации, как ОБСЕ, ЮНЕСКО, МАГАТЕ, ООН считают русский язык официальным языком. Такая популярность русского языка обусловлена желанием объединить людей различных национальностей, тем более, что язык очень удобен, доступен и понятен в изучении.Это дает возможность, выезжая в деловую командировку в зарубежные страны, не переводить документы, например, такие, как деловой контракт или доверенность на ту или иную недвижимость.

Сегодня престижно разговаривать на красивом русском языке. Также к людям приходит понимание того, что хорошее знание русского языка-важный признак профессионализма людей разных специальностей. В Республике Таджикистан экономическая стабильность государства обеспечивает стойкие позиции и благоприятные условия для функционирования и развития, как государственного языка, так и русского языка, являющегося в нашей стране языком межнационального общения.

Развитие диалога культур на пространстве СНГ, прежде всего в условиях тесных языковых контактов в пределах одного или группы многонациональных государств, занимает сейчас одно из центральных мест в процессе формирования цивилизованных норм взаимопонимания и сотрудничества народов, связанных давними традициями совместного проживания, взаимодействием в духовной, социальной и экономической сферах. Наш народ всегда проявлял большой интерес к русской культуре и русскому языку.

Мы изучаем этот прекрасный язык для того, чтобы прикоснуться к шедеврам русской классической литературы и приобщиться к достижениям современной русской культуры.

Один из выдающихся представителей таджикского просвещения XlX века Ахмади Дониш видел в русском языке и литературе мощное средство, способствующее развитию таджикской национальной культуры и литературы. То, о чем говорил и мечтал Ахмади Дониш, сбылось после победы Великой Октябрьской социалистической революции. В советский период, когда Таджикистан был частью огромного союзного государства, взаимовлияние русской и таджикской литературы позволило создать замечательные произведения, обогатившие советскую многонациональную культуру. В период существования СССР были переведены на русский язык произведения классиков таджикско-персидской литературы, а также поэтов и писателей советского периода. Имена таких выдающихся поэтов классического периода, как Рудаки, Абдулкосим Фирдоуси, Омар Хайям, Саади Шерози, Хафиз хорошо известны русским читателям. Хорошо знают в России таких поэтов и писателей советского периода, как Садриддин Айни и Мирзо Турсунзаде. В свою очередь таджикские читатели хорошо знают Пушкина, Лермонтова, Гоголя, Достоевского, Тургенева, Льва Толстого, Некрасова, Чехова, Горького, Шолохова.

Деловая речь – это один из основных компонентов в любой профессии, это же касается и автоматизации любого дела на компьютере или деловых предложений и заключения сделки на создание какого-нибудь проекта. Например, Туркменистану понадобился сайт с системой безопасности, мы, в свою очередь, заключаем деловой контракт на год для создания и обслуживания сайта, или мы создаем архитектурный план новой фондовой биржи с хорошей системой безопасности. Мы разрешаем, им пользоваться нашей системой безопасности или сайтом, заключив сделку на год. Документ естественно будет на русском языке, так как русский язык-это межнациональный язык народов СНГ и членов ООН. Согласно этому документу туркмены переведут деньги на наш счет в банк. Когда мы поедем в Узбекистан, не зная узбекского языка, мы можем снять нужную нам сумму денег, и в этом поможет нам русский язык.

Бизнесмены XXl века работают в своей сфере деятельности при помощи интернет-магазинов и заключают деловые предложения через компьютер. Это значительно облегчает работу бизнесменов нашего времени. На сегодняшний день технологии высоко продвинулись вперед. Это такие технологии, как нано-технологии, робототехника. В сфере образования преподаватели широко используют возможности современных технологий, например, проведения лингафонных занятий английского и русского языка в школах и вузах.

Таким образом, где и в какой бы профессии не трудился человек, для него важно знание русского языка. И как следует из сказанного, человеку, не владеющему русским языком, довольно трудно жить в современном информационном обществе, т.к. знание русского языка позволяет ему свободно работать с робототехникой, без которой, в свою очередь, невозможно эффективно управлять экономическими процессами, а, следовательно, невозможно создать экономическую систему адекватную потребностям современного общества.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Белоусов В.Н. Об основных тенденциях употребления русского языка в странах СНГ // Русский язык как государственный. - М., 1997. – 231 с.

2. Бердичевский А.Л., Колларова Э. Русист XXI века: кто он? Диалог методиста и культуролога о наболевшем [Электронный ресурс] – www.etnosfera.ru

3. Быстрова Е.А. Диалог культур в преподавании русского языка в национальной школе // Межкультурная коммуникация: к проблеме формирования толерантной языковой личности в системе вузовского и школьного лингвистического образования. Материалы Всероссийской научно-практической конференции. Часть I. - Уфа: Изд. БашГУ, 2001. – 274 с.

4. Костомаров В.Г. Без языка общее образовательное пространство - иллюзия // Язык, культура и образование: статус русского языка в странах мира. - Москва, Вашингтон, 1997. – 274 с.

5. Костомаров В.Г., Прохоров Ю.Е. Национально-культурная специфика речевого общения и ее роль в диалоге культур // Русский язык и литература в Азербайджане. - Баку, 1998. – 137 с.

6. Челышев Е.П. Культура России в мировом контексте // Образ России. Русская культура в мировом контексте. - М., 1998. – 245 с.

НЕТРАДИЦИОННЫЕ СПОСОБЫ И ПРИЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ОРФОГРАФИЧЕСКОЙ ГРАМОТНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ПРОВЕДЕНИИ ПИСЬМЕННЫХ РАБОТ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

ДЖАЛИЛОВА С. Х *– учительница русского языка среднего общеобразовательного учреждения №8 района Исмоила Сомони, города Душанбе, ул. Сомони 1, тел.: +(992)88 444 14 41*

В данной статье отмечается, что изучение русского языка в общеобразовательных учреждениях направлено основной цели – практическому овладению русским языком. В ней рассмотрены способы и методы улучшения письменной грамотности учащихся. Она направлена на развитие у школьников самостоятельного мышления, воображения и контроля над своими ошибками, а так же формирования способностей их исправления и предупреждения.

Ключевые слова: *русский язык, билингвизм, методика преподавания, орфографическая зоркость, правописание, диктант, текст, упражнение, домашнее знание.*

ТАРЗУ УСУЛИ ҒАЙРИРАСМИИ ТАШАККУЛИ САВИЯИ ДОНИШИ ИМЛОИИ ХОНАНДАГОН ҲАНГОМИ КОРҲОИ ХАТТӢ АЗ ЗАБОНИ РУСӢ

ҶАЛИЛОВА С. Х *– омӯзгори фанни забони русӣ муассисаи таълимии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ ш. Душанбе, кӯчаи Сомонӣ 1, тел.: +(992)88 444 14 41*

Дар мақола қайд мегардад, ки мақсади асосии омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ба тарзи амалӣ истифода бурдани забони русӣ мебошад. Тарзу усули беҳтаргардонии нутқи хаттии хонандагон пешниҳод карда мешавад. Ташаккули малакаҳои мустақилона фикр намудан, хатоиҳои худро зери назорат гирифта тавонистан, онҳоро мустақилона ислоҳ намудан нишон дода мешавад.

Вожаҳои калидӣ: *забони русӣ, дузабонӣ, усули таълим, зиракии орфографӣ, қоидаҳои имло, имло, матн, машқ, вазифаи хонагӣ.*

NONTRADITIONAL WAYS AND METHODS OF FORMING ORPHOGRAPHIC LITERACY OF STUDENTS IN CONDUCTING WRITING WORKS IN RUSSIAN LESSONS

DZHALILOVA S. KH. *– Russian Language Teacher of the Secondary General Education School N 8, Ismoili Somoni district, Dushanbe. 1 Somoni str., mob.: +(992)88 444 14 41*

This article notes that the study of the Russian language in general education institutions is subordinated to the main goal - the practical mastery of the Russian language. It examines ways and methods of improving the written literacy of students. It is focused at developing independent thinking, imagination and control over their mistakes among schoolchildren, as well as the creation of their ability to correct and prevent them.

Keywords*: Russian language, bilingualism, teaching methods, spelling, dictation, text, exercise, knowledge.*

Владение русским языком дает определенные преимущества титульным нациям в повышении специального и образовательного уровня. Мощный поток научный

информации, обусловленный научно-техническим и общественным прогрессом человечества, настоятельно требует знания языков, на которых можно найти максимальный доступ к нужной информации. В пределах советского многонационального государства долгое время таким языком был русский язык, на котором печатается более половины издаваемой в мире литературы по научным и другим проблемам.

Государственная политика Таджикистана в языковой сфере базируется на принципах равноправия всех языков, независимо от их численности и характера расселения носителей языка. Созданы определенные условия для взаимодействия таджикского языка с другими языками, функционирующими в стране. Наиболее важными сферами общества являются, как известно, система образования, наука, средства массовой коммуникации, административная деятельность, сфера обслуживания, социально-политическая сфера, суд и судопроизводство. Из закона о языке Республики Таджикистан следует, что функции русского языка достаточно четко определены во всех основных сферах жизни общества русский язык вполне по своему правовому статусу может функционировать наряду с государственным языком.

Именно на развитие таджикско-русского билингвизма направлен Указ Президента РТ Э.Ш. Рахмонова «О совершенствовании преподавания русского и английского языков в Республике Таджикистан».

Содержание образования в настоящее время изменяется достаточно быстро благодаря использованию новейших информационных технологий. Новые знания по различным учебным дисциплинам школьной программы должны быть в кратчайшие сроки осмыслены, систематизированы педагогами и преподнесены обучаемым на каждой ступени образовательной системы в доступной форме.

Безусловно, в сфере образования, и в частности в области преподавания русского языка, делается немало. Но все же этого недостаточно, чтобы в данной отрасли работать не в режиме выживания, а в условиях нормального рабочего ритма, нацеленного на накопление методического потенциала, его совершенствования, на повышение качества работы учителя, педагога.

С каждым годом увеличивается количество абитуриентов для поступления в Российские вузы, улучшение качества преподавания русского языка является одной из самых актуальных проблем нашего общества. Разработано много современных учебников по русскому языку для средних общеобразовательных школ, ориентированных на активные методы обучения, на практическое овладение русским языком. Осознавая, что от качества изучения русского языка зависят важные навыки устной и письменной речи, аудирования и обучаемости в целом, учителя отмечают, что нужно обновить методы обучения в соответствии с Национальной концепцией образования в Республике Таджикистан. Необходима подготовка и издание учебно-методических пособий по русскому языку с учетом перспективы образовательных процессов и системного языкового образования. Для выполнения этой работы необходимо время, опытные и квалифицированные специалисты в области методики преподавания русского языка. Одной из ключевых проблем, стоящих перед школой и волнующих многих ученых, психологов, методистов и творчески работающих учителей, является орфографическая грамотность учащихся. В изучении русского языка овладение орфографией является неотъемлемой частью одной из важнейших задач. Разнообразие видов письменных работ, упражнений, диктантов способствуют совершенствованию правописания, чтения, обогащению словарного запаса учащихся.

Диктанты применяются в школе часто, но, как правило, это диктанты без изменения текста, служащие только целям правописания. Психологи считают, что даже если преследуются орфографические цели, чисто орфографическими упражнениями обучение не должно ограничиваться, потому что эти упражнения, начиная со списывания с подчеркиванием и кончая самостоятельным диктантом, заключают в себе условия, искусственным образом облегчающие применение правил. Одних правописных упражнений недостаточно и для выработки навыка: для его автоматизации необходимо замещать простые действия действиями более сложными и общими. Еще М.В Ушаков рекомендовал, шире практиковать промежуточные виды письменных работ, которые

одновременно служат и орфографии, и развитию речи. Такими промежуточными видами письменных работ и являются диктанты с изменением текста.

Диктантом с изменением текста называется любой диктант, при записи которого продиктованный текст изменяется по заданию учителя: выбирается указанный материал, изменяются конструкции продиктованных предложений, вставляются новые слова или словосочетания.

Выборочный диктант. Это письменная работа, в процессе которой школьники из продиктованного текста выбирают и записывают слова, словосочетания или реже предложения на закрепляемое правило. Цель его: проверить, опознают ли школьники только что изученное лингвистическое явление. Этот диктант дает возможность записать большее количество слов, словосочетаний и предложений на изучаемую тему, чем другие диктанты. В результате проведения выборочного диктанта происходит достаточно прочное закрепление изучаемых орфограмм, вырабатывается орфографическая зоркость и повышается грамотность ученика.

Например, в начале изучения глагола в VI классе можно провести выборочный диктант по тексту «Ночь в Мурманске». Объявляется задание: из продиктованного текста выписать все глаголы. Учитель спрашивает, как дети будут узнавать глаголы, на какие вопросы отвечает эта часть речи. Дается предложение, в котором дети находят глаголы и объясняют, как они это сделали. После этого учитель предлагает прослушать текст и найти в нем глаголы. Затем читается текст диктанта:

Ночь в Мурманске

Наступает полночь. Солнце скрылось за горой, но скоро оно опять запылает над Кольским полуостровом.

В Доме культуры окончился спектакль, и людской поток растекается по площади. Группа моряков с черноморского парохода остановилась на площадке.Моряки с удивлением осматриваются. Ведь на их родине сейчас стоит глубокая ночь, а здесь на улицах толпятся отдыхающие. В городском саду соревнуются физкультурники: над волейбольной сеткой летит мяч. И все это происходит ночью, а не днем.

После чтения учитель выясняет, все ли понятно в тексте; если необходимо, дает пояснения. Затем он предлагает достать контрольные (сигнальные) карточки с цифрами дает задание: прослушав каждое предложение, нужно поднять карточку, чтобы показать, сколько в нем глаголов. Учитель читает предложение, школьники поднимают карточки. Если кто-либо определил количество глаголов неправильно, учитель может спросить, какие глаголы нашел ученик, и привлечь ему на помощь других учащихся. После этого преподаватель предлагает положить карточки, еще раз прослушать предложение, повторить про себя имеющиеся в нем глаголы и записать их. При третьем чтении предложения каждый из учащихся проверяет сам, все ли глаголы он выписал. Затем происходит считывание (проверка) текста. Оно может быть заменено чтением выписанных глаголов из учеников.

Распределительный диктант. Когда дети научаться узнавать изучаемое и объяснять его, можно включить материал, с которым легко спутать изучаемое. Цель распределительного диктанта разграничивать материал. Распределительный диктант- это письменная работа, в процессе которой ученики записывают весь диктуемый текст, распределяя его по группам. Чаще всего материал распределяется по указанию учителя. Текст для распределительного диктанта может состоять из слов, словосочетаний, предложений и быть связным. Примерные задания: распределить имена существительные по склонениям; записать в один столбик слова с проверяемыми безударными гласными, а в другой – с непроверяемыми; выписать один столбик предложения с двумя главными членами, а в другой – с одним.

Рассмотрим, как можно провести распределительный диктант при изучении сложного предложения в V классе. Учитель сообщает о предстоящей работе и дает задание: выписать в один столбик простые предложения, а в другой – сложные. Затем предлагается

прослушать текст и постараться определить тип каждого предложения в нем. Читается текст диктанта:

Хлеб

Нелегко давался хлеб нашим предкам, поэтому они относились к нему с уважением и любовью. Хлеб – это жизнь. Хлеб – это дар земли, которая зовет пахаря на розовой заре. Хлеб –это горячий пот, который заливает глаза в жаркую косовицу. Хлеб это ночные смены комбайнеров. Хлеб это частица души и тела человека.

После чтения выясняется, все ли понятно в тексте. Учитель выписывает на доске слова: нелегко, заря, горячий. Затем ученики слушают первое предложение и определяют его тип. При чтении предложения по частям записывают предложение в нужный столбик, при третьем чтении его проверяют. После записи всего текста учащиеся читают сначала простые предложения, затем сложные. Если необходимо, учитель отвечает на вопросы о правописании отдельных слов.

Свободный диктант. Свободный диктант позволяет непосредственно перейти от диктанта к изложению, являясь промежуточной работой между ними. С диктантом его сближает то, что текст прослушивается учащимися не только целиком, как в изложении, но и по частям. С изложением – то, что он не записывается под диктовку, а пересказывается свободно.

Начинается он с выбора текста, который должен легко делиться на части в 30-45 слов. Как показал наш опыт, в V – VIII классах отрывки могут быть примерно одинаковыми: ученики V класса, механическая память которых лучше развита, запоминают текст даже легче, чем их более старшие товарищи. Трудность запоминания текста зависит от типа речи: лучше всего запоминаются повествовательные отрывки, труднее – рассуждения, хуже всего запоминаются описания, особенно тексты, состоящие из нескольких описаний. Такие тексты следует разбить для диктовки на небольшие части.

Посмотрим, как провести свободный диктант по картине А.К. Саврасова «Грачи прилетели» (1871 г.) в VIII классе при повторении сложных предложений.

Во вступительном слове учитель сообщает, что будет проведен свободный диктант по картине известного русского пейзажиста Алексея Кондратьевича Саврасова, и дает некоторые биографические данные: художник родился 24 мая 1830 г. в Москве в семье небогатого купца, окончил училище живописи, имел звание академика живописи (1854 г.). Перестав угождать вкусам великосветских заказчиков, был уволен из Училища живописи, лишен квартиры. Скончался 26 сентября 1897 г. в отделении для бедных Второй городской больницы. Затем учитель предлагает рассмотреть репродукцию и представить, как сами школьники описали бы ее, на что обратили бы внимание, какие изображенные предметы выделили. В слабом классе можно и выслушать ответы на предложенные вопросы. Затем предлагается прослушать, как описал эту картину искусствовед.

«Грачи прилетели»

Подойдите ближе, и вы услышите, как звучит картина. Ваш слух уловит музыку весны, звон капели, журчание воды в проталинах, шорох ветвей берез, грачиный гомон, скрип сверкающего наста, шелест весеннего ветра.

Время оставило свои следы в выщербленных кирпичах колокольни, в отсыревших досках заборов, в покосившихся домах. Кричат грачи, вьется сизый дымок из трубы деревянного домика, мерцает весеннее солнце.

Весь холст полон удивительного внутреннего движения. Бегут, бегут тени по снегу, дрожат отражения в темных проталинах, еле колышутся голые ветки берез, неспешно плывут перламутровые облака. Мерцают дали, кое-где поблескивая старым серебром.

Прослушав текст, учащиеся 1 – 2 минуты осмысливают его, сравнивая описание с содержанием картины. Анализ и картины, и текста можно провести по вопросам: все ли ясно в тексте? Что является предметом описания в нем? Удачно ли, по-вашему, описана

картина? На какие предметы и краски обратил внимание искусствовед при описании картины? Что помогает художнику подчеркнуть прелесть русской природы?

Диктант по аналогии – это такая творческая работа, в процессе которой ученик прослушивает читаемый учителем текст, а затем описывает самостоятельно составленный связный текст, сходный с продиктованным по композиции и грамматической структуре, но отличающийся от него по содержанию.

С диктантом этот вид работы сближает то, что ученики слушают предлагаемый им текст не только целиком, но и по предложениям. С сочинением – то, что записываемый школьниками текст, составляется ими совершенно самостоятельно.

Диктант по аналогии является хорошим подготовительным упражнением к сочинению по аналогии и отличается от последнего тем, что учитель дает образец для подражания не только целиком, как в сочинении по аналогии, но и по отдельным предложениям. При этом диктуемый текст подсказывает только форму изложения мыслей и подсказывает ее ненавязчиво, а мысли ученик излагает собственные, используя свои знания, воспоминания и наблюдения.

Покажем на примерах методику проведения диктантов по аналогии с различными заданиями в разных классах.

В V классе при изучении имени существительного можно провести диктант по аналогии по тексту «Норка». Учитель сообщает, что текст будет прочитан о лисе, а написать нужно о другом животном по своему выбору. Беседа проводится примерно по таким вопросам:

1. О каком животном вы хотели бы написать?
2. Откуда появилось это животное?
3. Каков был его возраст?
4. Как выглядело животное?
5. Имело ли оно кличку или вы дали ее ему сами? Какую именно?
6. Куда вы поместили своего питомца?
7. Понравилось ли ему это место?
8. Чем вы кормили своего подопечного?

Так как школьники будут описывать разных животных, необходимо ответы на каждый вопрос выслушать у нескольких учеников: это покажет разные варианты выполнения задания. После беседы учитель предлагает прослушать текст и обдумать как описать свое животное.

Норка

Лису мне подарили совсем маленькой. Она еще плохо стояла на своих слабых ножках. Дали ей кличку Норка. Скоро Норка окрепла и через неделю уже резко бегала по комнатам.

Первое время она питалась молоком, а затем стала есть хлеб и различные супы, но больше всего она любила сырое мясо. Постелил я ей в уголке, но она перебралась на диван.

После чтения учитель спрашивает, все ли понятно, и в случае необходимости отвечает на вопросы учащихся. Можно прочесть отдельно каждое из сложных предложений и попросить учащихся определить, как расставлены знаки препинания.

Диктанты с изменением текста помогают организовать самостоятельную работу, показать практическую значимость изучаемого материала, развивают познавательную активность и познавательный интерес учащихся. Применение диктантов с изменением текста помогает поддерживать эмоциональный тонус урока. Диктанты с изменением текста способствуют развитию творческих способностей школьников. Связные тексты, по которым проводятся такие диктанты, дают возможность не только развивать речь учеников, но и оказывать на них воспитательное воздействие.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Проблемы функционирования русского языка в Республике Таджикистан / Х. Д. Шабмезода; И. М. Дубовицкая; Т.В Гусейнова и др. - Душанбе, 2006. – 263 с.

2. Диктанты с изменением текста. / З.Ф Ульченко. Пособие для учителей // Москва “Просвещение” 1982. – 136 с.

3. Сборник диктантов по орфографии. / Н. Д. Знаменская. - Издательство “Просвещение” Москва – 1964 . – 145 с.

4. Программа по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения (2-11 классы). / Душанбе: POLYGRAPI-GROUP, 2008.

5. Портал “Образование на русском” www.pushkininstitute.ru

МАВҚЕИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ОСОРИ УСТОД АЙНӢ

АМИНОВ С. *– узви вобастаиАТТ, номзади илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45. тел.: +(992) 90 500 45 08*

Муаллифи мақола бар асоси осори поягузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ оид ба касбу ҳунарҳои мардумӣ, ки дар Бухорои амирӣ роиҷ буданд, маълумот медиҳад. Ӯ «Ёддоштҳо»-и устодро хазинаи ҳунарҳои мардумӣ меҳисобад, зеро ҳам хонандаи синну соли мактабӣ ва ҳам хонандаи калонсоли осори устод Айнӣ тавассути он ба касбу ҳунарҳои фаровони мардумӣ ошно мегарданд. Метавон гуфт, ки омӯзиши осори устод хонандагонро барои касбу ҳунарҳои мардумиро омӯхтан ҳидоят мекунад.

Вожаҳои калидӣ: *ҳунарҳои мадумӣ, эҷодиёт, омӯзгор, касбу ҳунар, дуредгарӣ, кандакорӣ, рангсозӣ, омӯзиш, муассисаи таълимӣ.*

МЕСТО НАРОДНЫХ РЕМЕСЕЛ В ТВОРЧЕСТВЕ УСТОДА АЙНИ

АМИНОВ С. *– член-корреспондент АОТ, кандидат педагогических наук, учёный секретарь Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айнӣ 45. тел.: +(992) 90 500 45 08*

Как указывает автор статьи, на уроках литературы при изучении «Ёддоштхо» основоположника таджикской современной литературы Садриддина Айни, можно предложить учащимся более подробно рассмотреть жизнь и быт народа Бухары, развитие народных промыслов. Автор считает, что изучение народных ремесел в творчестве устода Айни, может вызвать большой интерес у читателей и желание заняться в будущем каким-либо из них.

Ключевые слова: *народные ремесла, творчество, учитель, профессия, плотник, резьба по дереву, моляр, изучение, образовательное учреждение.*

THE PLACE OF NATIONAL HANDICRAFTS IN THE AYNI'S WORKS

AMINOV S. *– Corresponding Member of TEA, Candidate of pedagogical sciences, Scientific Secretary of the Tajik Education Academy. Dushanbe, 45 Ayni str., mob.: +(992) 90 500 45 08*

The author of the article points out that by teaching the "Yoddoshtho" (Memories) of the founder of the Tajik modern literature Sadriddin Aini, we can attract students to study the history of Bukhara Emirat, the life and traditions of the people, development. It should be mentioned that the learning of the folk crafts in Ayni's works leads readers to be master of the folk crafts.

Keywords: *folk crafts, creativity, teacher, profession, carpenter, wood carving, molar, study, educational institution.*

Устод Садриддин Айнӣ яке аз забардастарин адибони даврони навини адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳам дар назм ва ҳам дар наср қувваозмоӣ карда, дар ҳар ду комёб шудааст. Ҳанӯз яке аз шеършиносони ҳамон давра Садри Зиё дар «Тазкори ашъор»-и хеш ба қудрати шоирии устод Айнӣ баҳои баланд дода буд. Ӯ чунин нигоштааст:

Яке аз наҷибони равшанравон,
Ки дорад ватан Хиттаи Ғиҷдувон
Ба фазлу ҳунар шуҳраи хосу ом,
Лақаб Айниву Садриддинхоҷа ном…
Ба мулки сухан Айнии хушбаён,
Чу шамъ аст урёну равшанзабон.

Ба назму ба насри сухан довар аст,
Зи насраш вале назми ӯ хуштар аст…
Суханҳои Айнист хуштар зи ҷон,
Агар боварат не, биёву бихон.

Баъдтар дар таълифи осори насрӣ маҳорату истеъдоди устод Айниро пас аз мутоилаи мактуби навиштаи ӯ дақиқан пай бурда, Садри Зиё соли 1902 ҳангоми дар Каркӣ қозӣ буданаш хитобан ба устод мегӯяд: «Ман дар тазкираи худ (ӯ тазкираи шуарои манзум навишта буд) туро дар назм муқтадир, аммо дар наср қувват надорад, аммо Мирзо Абдулвоҳидро дар наср муқтадир ва шеъраш суст аст, - гуфта баҳо дода будам. Маълум шуд, ки ман хато карда будаам. Ту ҳам дар назм ва ҳам дар наср аз вай муқтадиртар будаӣ, - гуфт» (Кул.,ҷ. 1,1958, саҳ. 57).

Аз навиштаҳои нависанда маълум аст, ки авлодан соҳиби савод буда, баробари он дар ҳунарҳои дастӣ, дӯконбофӣ, дуредгарӣ, сангиосиётарошӣ, нақкошӣ, кандакорӣ ва ғайраҳо шуғл меварзидаанд. Нависанда дар «Ёддоштҳо» чунин ишора мекунад: «Назар ба нақли падарам, Сайидмуродхоҷа - падари ӯ Сайид Умархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ дӯконбофӣ ва дуредгариро хуб медонистааст. Хусусан дар дуредгарӣ шуҳрататаш дуруст будааст»(Кул., ҷ. 6, 1962, саҳ 12).

Айёми кӯдакию хурдсолии ӯ дар деҳаҳои Соктаре ва Маҳаллаи Боло гузаштааст. Худи адиб ин нуктаро борҳо зикр кардааст: «Ба ҳамин тариқа, таваллуди ман дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиждувон воқеъ шуда, айёми бачагии томактабиам тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст» (Кул., ҷ.6,1962, саҳ. 15).

Устод Айнӣ зеҳни тез дошта, аз хурдиаш басо кунҷков будааст, ҳар як чизи намефаҳмидаашро борҳо пурсида мегирифтааст ва ин хислати худро то охири умр нигоҳ доштааст. Ин нуктаро зимни суҳбат бо падар, Устоамак ва дӯстонаш пай бурдан мумкин аст.

Тавассути осори устод Айнӣ хонандаи зирак на танҳо ба таърихи Бухорои амирӣ, балки бо зиндагии мардум, расму одатҳои он, ҳунару касб ва пешаҳои маъмули мардумӣ, тарзу тариқаи зиндагии аҳолӣ, вазъи таълиму тарбия дар мадрасаҳои он даврон, зулму ситами амирони манғит ба аҳолӣ, қашшоқию бенавоии мардуми заҳматкаш, дар сатҳи паст қарор доштани саводнокии аҳолии Бухорое, ки як вақтҳо мардум онро маҳди илму фарҳанг меҳисобиданд, ошноии комил пайдо мекунад. Азбаски давраи тифлию наврасии ӯ, тавре ки ишора шуд, дар деҳот сипарӣ шудааст, қариб тамоми ҳунарҳои мардумиро, ки бештар дар деҳот роиҷ будааст, дар осораш инъикос намудааст. Дар қадами аввал дар асарҳои таълимиаш хонандаи хурдсолро тавассути матнҳои сохтааш бо касбҳо ошно месозад ва аҳамияти онҳоро бисёр дар шакли муҷаз баён медорад. Масалан, дар китоби дарсии «Духтарбача ё ки Холида» худ матнҳои хурд таҳти унвони «Холида» ҳунари дастиро меомӯзад», «Холида - дӯзанда», «Ҳаёти якшабонарӯзии Холида -ро сохтааст, ки духтарбачаҳоро ба фаро гирифтани ҳунари дӯзандагӣ ҳидоят мекунанд.

Ҳамин тариқа, зина ба зина ин корро дар асарҳояш устод Айнӣ идома дода, дар «Ёддоштҳо» ба авҷи аъло расонидааст, яъне маҷмӯи ҳунарҳои мардумиро ба таври фаровон тасвир кардааст.

Дар адабиёти тоҷик ёддоштнависӣ таърихи куҳан дорад, ки «Сафарнома» - и Носири Хусрав, «Бадоеъ – ул - вақоеъ» - и Зайниддин Восифӣ, «Наводир – ул -вақоеъ» - и Аҳмади Дониш, «Субҳи ҷавонии мо» - и Сотим Улуғзода намунаи барҷаста мебошанд. Дар асарҳои зикршуда ҷо – ҷо ҳунарҳои мардумӣ, махсусан дар «Бадоеъ – ул - вақоеъ» бештар инъикос шудаанд. Дар муқоиса бо он асарҳои ёддоштӣ «Ёддоштҳо» - и устод Айнӣ ба куллӣ фарқ мекунад. «Ёддоштҳо» - и устод Айниро қомуси «ҳунарҳои мардумӣ» номем, ҳеҷ муболиғае нахоҳем кард.

Устод Садриддин Айнӣ шояд ин корро ба хотири он карда бошад, ки, аввалан, хонандаро бо ҳунарҳои мардумии дар Бухоро ва туманҳои он роиҷбуда ошно созад. Сониян, барои ҳар инсони оқилу бофаросат гӯшзад менамояд, ки «ҳунар чашмаест зоянда ва давлатест поянда», солисан, соҳибҳунар будани мардуми тоҷикро новобаста ба мушкилоти сунъии эҷодкардаи амирони давр нишон додааст ва, ниҳоят, ба хотири ин ки

ин ҳунарҳои мардумӣ гумном нагарданду минбаъд ривоҷ ёбанд ва наслҳои минбаъда донад, ки аҷдодонаш чӣ ҳунарҳоеро доро будаанд, дар осораш баъзан муфассал шарҳ додааст.

Агар устод Айнӣ дар шаҳр ба дунё меомаду бузург мешуд, шояд аз дастёбии иттилооти густурда доир ба ҳунарҳои мардумӣ ва баъзе расму одатҳои хуби миллӣ, ки имрӯз онҳоро бо номи анъанаҳои миллӣ ё ҳунарҳои мардумӣ ном мебаранд, бебаҳра мемонд. Ин корро танҳо Айнии зираку мушоҳидакор ва кунҷков анҷом дода метавонисту бас. Дар ин гуфта бояд тардиде набошад, зеро аксари адибон, ба хусус адибони дар деҳот ба воярасида, номи гулу гиёҳҳои одиро намедонанд ва ташхис карда ҳам наметавонанд.

Устокории устод Айнӣ дар ин кор он аст, ки он амалро , яъне тарзи сохтану пухтан ва тайёр кардани таҷҳизот, хӯрок, бозиҳои мардумӣ ва амсоли инҳоро чунон ба қалам медиҳад, ки аз рӯйи навиштаҳояш ҳар як шахси болиғ метавонад, онҳоро худ таҳия намояд. Масалан, оид ба тарзи таҳияи пиёба (пиёзоба) чунин навиштааст: «Пирамард: Мақсудҷон! – гӯён садо кард. - Ту писарам, ба дег як – ду қошуқ равған андохта, доғ кун ва дар вай ду сар пиёзро пора карда бирён кун, баъд аз сурх шудани пиёз ду – се коса об андохта, дар вай чор дона қаламфур ҳамроҳ карда ҷӯшон, ки як пиёбаи (пиёзобаи) тунд шавад. Ба бемор дар ҳамин вақт аз ин беҳтар даво нест ва аз ин хубтар хӯрок ҳам нест. Дар ин ҳавои гарм барои худамон ҳам таоми хубе мешавад» (Кул., ҷ. 7, 1962, саҳ.215). Ва ё дар бораи «байтбарак», ки миёни мардуми мо қаблан роиҷ буда ва имрӯзҳо низ дар макотиб ба таври фаровон истифода мешавад. Ба итминони комил метавон гуфт, ки ин анъанаи миллии мо ҳисоб меёбад. Аз рӯйи ин шарҳ чӣ будану чӣ тавр гузаронидани «байтбарак» - ро пурра дарк кардан ва ба роҳ мондан мумкин аст:

« - Байтбарак чист? – Ман аз ӯ пурсидам.

Ӯ баъд аз он ки ба ман бодиққат нигоҳ кард:

- Савод дорӣ? – гуфта пурсид.

- Каме хонда метавонам.

- Аз ёд байт медонӣ?

- Якчанд байт медонам.

- Байтбарак ҳамин аст, ки ман як байт аз ёд мехонам, охири он байт бо кадом ҳарф, ки тамом шавад, ту дар ҷавоб байте мехонӣ, ки аввали он бо он ҳарф сар шавад ва баъд аз он ман ба ту ҷавоб медиҳам. Ҳар кас ки ҷавоб дода натавонад, банд шудагӣ – бой додагӣ ҳисоб меёбад.

- Ин тавр бошад, сар кунед.

Ӯ хонд ва ман хондам, тахминан 50 – 60 байт бо ҳам баҳсу ҷавоб кардем. Ӯ дар охир дар «Ж» банд шуд…» (Кул., ҷ.1, 1958, саҳ.26).

Воқеан, бо гузашти рӯзгор ва дигар гаштани сохтори ҷомеа муносибат бо анъанаҳо, расму одатҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дигар шудааст. Як муддат шиорҳои меҳнат шараф аст, садо медод. Ҳоло аглаби мардум (чи пиру чи ҷавон) роҳи ба осонӣ ба даст овардани маблағро меҷӯянд. Технологияи навин ҷойи таҷҳизоту маводи миллиро маҳдуд мегардонад ва мардумро аз ҳунарҳои дастии миллӣ дур месозад.

Ба хотири пешгирии ин амал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш аз 22 декабри соли 2017, соли 2018 – ро дар кишварамон Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон доштанд. Ҳамзамон таъкид карданд, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорону ҳунармандон тавассути фонди дастгирии соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок ба роҳ монда шаванд. Инчунин ба мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати дар хона истеҳсол кардани молҳои ниёзи мардум ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо озод карда шавад. Ин пешниҳоду тадбири андешидашуда басо саривақтист. Имкон фароҳам меоварад, ки бисёр ҳунарҳои мардумии фаромӯшгашта аз нав эҳё гарданд, соҳибкорон дар рушди он ҳиммат гуморанду ҳам ба фоидаи хеш ва ҳам ба манфиати кишвар содиқона фаъолият кунанд ва дар маҷмӯъ сармояи худ ва хазинаи давлатро ғанӣ гардонанд.

Чунон ки дар боло ишора гашт, осори устод, ба хусус «Ёддоштҳо» - и Садриддин Айниро қомуси касбу пеша ва ҳунарҳои мардумӣ номидан муболиғае наҳоҳад буд. Дар осори ӯ оид ба касбу пешаҳои гуногун: тоқиядӯзӣ, гачабозӣ, шоҳибофӣ, кафшдӯзӣ, рехтагарӣ, пиёбапазӣ, савтхонӣ, байтбарак, гир - гиракбозӣ, подшоҳбозӣ, ҳалвопазӣ, ҳалвои қоқтипазӣ, ҳалвои собунпазӣ, сандуқсозӣ, дарздӯзӣ, шустагарӣ, шиннипазӣ, чархиосиётарошӣ, найи оташпуфкун, косагарӣ, чилликресӣ, дуредгарӣ,бофандагӣ, чархресӣ, чӯбтарошӣ, кандакорӣ, наққошӣ, дарсозӣ ва ғайраҳо маълумот пайдо кардан мумкин аст, ки ҷумла ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб мегарданд.

Чун муште аз хирвор баъзе порчаҳо – матнҳоро дар шакли мухтасартар манзур месозем, то ки барои ҳамагон ошкор гардад, ки асарҳои устод Садриддин Айнӣ мубаллиғи беҳтарини касбу пеша ва ҳунарҳои мардумианд.

Устод Айнӣ ҳалвои қоқтипазии модарашро бодиққат нигариста, дар «Ёддоштҳо» бо тамоми ҷузъиёташ чунон тасвир менамояд, ки ҳар як хонанда онро мутолиа карда, чунин ҳалво мепазад: «Модарам ҳалвои қоқтӣ пухт, ман ба ӯ дар оташмонӣ ёрӣ додам: аввал як миқдор ордро дар дег бо равған бирён карда гирифт. Баъд аз он аз шиннии тут, ки аз Соктаре пухта оварда буд, як коса барин дар дег андохта қиём гирифт. Вақте ки ғафсии шиннӣ атола барин шуд, орди бирёнро дар вай ҳамроҳ карда лат зад. Баъд аз лат задан орду шиннӣ хамир барин шуд. Пас аз он бар рӯйи лаълӣ орд пошида, он хамирро ба рӯйи вай гардонида паҳн кард ва баъд аз сард ва сахт шудан аз вай як порча бурида ба дасти ман дод, дигарашро порча – порча бурида, ба рӯяш орд пошида, дар қуттӣ чида монд» (Кул.,ҷ.6,1962, саҳ. 26).

Дар повести «Ятим» чилликресиро ин тавр тасвир кардааст: «Соро ба рӯйи як баландии бомчамонанд нишаста, ба чилликресӣ даромад. Чиллики ӯ бисёр сода буд, ӯ як қайроқи дарозрӯяро ёфта, ба вай як чӯбчаро кӯндаланг баста буд.

Ӯ дар домани худ пашмҳои ғозу шонакардаи бузро дошта, аз он пашм як ҳовучашро ба мушташ гирифт, як тарафи он пашми дар мушташ будагиро ресмонмонанд тофта, ба нӯги чӯбчаи чиллик баст ва дасти пашмдорашро баланд бардошта, бо дасти дигараш қайроқро гирд гардонда сард од. Ҳар боре ки чиллик гирд мегардид, пашм пеш – пеш тоб хӯрда ресмон мегашт.

Ҳар вақт ки як мушт пашм ёзида, борик шуда, чиллик ба замин мерасид, Соро ресмони тобхӯрдаро ба қайроқ чапучилеб карда мепечонд ва боз як мушт пашм гирифта кори худашро давом медод» (Кул.,ҷ. 4, 1961, саҳ. 216).

Бозиҳои мардумро, ки бо номи «Гачабозӣ» ва «Подшоҳбозӣ» ёд мешаванд, шарҳ додааст. Масалан, оид ба гачабозӣ чунин омадааст:

Гачабозӣ ҳамин буд, ки аҳли маҷлис ду тақсим шуда, рӯбарӯи ҳам менишастанд, як сангча ё шабаро гача ном медоданд, одамҳои як тарафи муқобил гачаро дар байни худ гирифта, дастонашонро дар зери кӯрпаи сандалӣ медаровардaнд, яке аз он одамҳо гачаро дар мушти худ пинҳон мекард, аммо ҳамагӣ муштҳояшонро гиреҳ карда, аз зери кӯрпа бароварда, ба тарафи муқобил дастҳояшонро дароз карда, бо як овоз фарёд кардан мегирифтанд.

Гача дар дасти ман аст!
Ба кадом дасти ман аст!

Одамҳои тарафи муқобил дастҳои дарозшударо ягон – ягон гирифта дошта, ба чеҳраи онҳо бо диққат чашм медӯхтанд. Дар охир яке аз онҳо ба кадом даст будани гачаро тахмин кунад, он дастро маҳкам дошта фарёд мекард:

Гача дар дасти ту аст!
Ба ҳамин дасти ту аст!

Ин одам агар ҳақиқатан гачаро ёфта бошад, тарафи ӯ бурдагӣ, вагарна бой додагӣ ба шумор мерафт. Агар шумораи бурди як тараф ба сад расад,марра пурра ва бозӣ тамом мешуд ва тарафи бурдагӣ аз тарафи бой додагӣ ду танга (30 тин) мегирифт. Маглубшудагон ин пулро аз байни худ ғундошта медоданд. Аммо бойбурдагон ин пулро дар байни худ тақсим карда нагирифта, саҳари ҳамон шаб ба вай аз нахӯдпазӣ шӯрбои

нахӯд харида оварда, ғолиб ва мағлуб дар як ҷо бо ҳам мехӯрданд (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 110 – 111).

Дар мавриди тарзи пухтани ҳалвои собунии Шофиркомӣ чунин маълумот додаст: «Ҳалвои собунӣ ҳалвоест, ки онро аз орд, равған ва шакар пухта, ба лундаҳои чормағзмонанд ҷудо карда,ба фурӯхтан ва хӯрдан тайёр мекунанд. Ин гуна ҳалвои собуниро дар Бухоро, Самарқанд ва ҳар ҷойи Осиёи Миёна, ки ҳавлогарӣ бошад, мепазанд.

Ҳалвои собунии шофиркомӣ ҳам айнан аз ҳамон масолеҳ, яъне аз орду равған ва шакар тайёр карда мешавад, аммо тарзи пухтани он дигаргуна буда, ин корро дар райони Шофирком баъзе одамони махсус медонанд… Ҳалвои собунии Шофиркомро ба лундачаҳо ҷудо намекарданд, дар вақти гармиаш ба табақчаҳои сафолии бесири нав мерехтанд ва баъд аз сард шуда бастанаш дар миёна як порча қоғази сафед монда, ҳар ду табакро ба рӯйи ҳам мегардонанд ва ба ҳар кучо баранд ҳам, ҳамин тарз табақҳоро ҷуфт – ҷуфт мебурданд». (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 286).

Ҷойи дигар устод Айнӣ мефармояд, ки устоҳо танҳо ба фаро гирифтани як касб қаноат намекарданд. Барои ҳамеша бо кор таъмин кардани худашон чанд пеша - касбро ёд мегирифтанд. Ӯ зиндагию кори Устоамакро чунин тасвир кардааст: «Устоамак ғайр аз кандакории худ ба устохонаҳои дигар ҳам нақшҳои шинам кашида медод, аз ин ҷумла косагарон, читгарон ва гилкорон барои кори худ ба ӯ нақшҳо фармуда мегирифтанд. Ӯ барои косагар ё читгар дар қоғаз нақшаҳои муносиб мекашид ва атрофи ҳар гул ва нақшаро сӯзан мезад. Онҳо он нақшаро бурда ба рӯйи кори худ монда, аз рӯйи коғаз хокаи ангишт мезаданд ва баъд аз он қоғазро аз рӯйи кор бардошта гирифта, ҷойи хокаи ангишт нишонкардаро, ба тарзе ки дар коғази нақша ишора шудааст, бо рангҳои гуногун нақш мекарданд» (Кул.,ҷ.6, 1962, саҳ.101).

Устод Айнӣ зимни шарҳи дуредгарии Устоамак таъкидҳое дорад, ки ҳар як хонандаро ба фикру андеша кардан во медорад, яъне шогирд танҳо побанди таълими омӯзгор нагардад, ӯ бояд ҳамеша дар такмили чизи омӯхтааш бошад, бияндешаду мустақилона амал намояд:

«Рӯзе ман аз вай (Устоамак) пурсидаам:

- Амак: Шумо ин қадар ҳунарро ба ки шогирд шуда омӯхтед?

- Ӯ ҷавоб дод:

- Хешовандони мо ҳама дуредгариро медонанд. Намебинӣ, ки падарат усто, амакат усто, амакбобоят ҳам усто буданд, бобо ва бобокалонҳои мо ҳам усто буданд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба касе шогирд нашудаанд ва аз якдигар дида омӯхтаанд, баъд аз он мувофиқи қобилият ва ғайрати худ баъзеҳояшон бисёр ҳунарманд ва баъзашон камҳунартар шуда мондаанд. Ман ҳам тешазаниро ба кори падару бобо нигоҳ карда омӯхтам. Баъд аз он ақли худро кор фармуда, ҳунари худро пеш бурдам. Дар кандакорӣ ман аввалин намунаҳоро аз сангҳои мазори худамон гирифтам ва баъд аз он бо ақли худ нақшҳои шинами хушнамо ёфтам.

Устоамак як нақшро, ки дар коғазе кашида шуда буд, ба ман нишон дода гуфт:

- Ин нақшро дувоздаҳгирех меноманд, - ва қоғази дигареро ба ман нишон дода давом намуд: - ин ҳам дувоздаҳгирех аст, фарқ дар ин ҷост, ки дар ин коғаз дар байни гирехҳои дувоздаҳгона ситораҳо ва бодомчаҳо нақш ёфтаанд. Мебинӣ, ки ин дувоздаҳгирех назар ба он дувоздаҳгирехи қадимӣ чӣ қадар хушнамо ва назаррабо шудааст. Ана ҳамин майдакориро ба дувоздаҳгирехи қадимӣ ман аз ақли худ бароварда ҳамроҳ кардам.

Устоамак қоғазҳоро, ки онҳоро худ андоза меномид, ба чузгири чармини худ гузошт ва боз сухани худро давом дод:

- Агар шогирд танҳо ба омӯхтани ҳунари устои худ қаноат мекард, дар дунё ҳеҷ ҳунар пеш намерафт, ривоҷдиҳандаи ҳунарҳо он шогирдон мебошанд, ки аз ақли худ чизҳо ёфта, ба ҳунари устои худ зам мекунанд, - гуфт ва баъд аз он: - исто – исто, ман ба ту як чизи ғалатӣ сохта диҳам, - гӯён аз ҷояш хеста ба ҳавлии дарунаш даромад ва аз он ҷо як

най гирифта баровард, ки ним метр дарозӣ дошт ва сӯрохии дарунаш ҳам тахминан ним сантиметр меомад» (Кул.,ҷ.6,1962, саҳ.66-67).

Ҷойи дигар усули дигари пухтани шиннии кӯзагиро ин тавр нигоштааст:

«Мӯйсафед ба пухтани шиннии кӯзагӣ сар кард: ӯ шарбати софи аз ҷувол гузаштаро бо як ёми шарбати софи дигар, ки вай аз лойи шарбатҳои кулӯхзада ба воситаи аз ҷувол гузаронидан тоза карда монда шуда будааст (дар ин бора махдум ба ман маълумот дод), дегҳои шиннипазиро пур кард ва Тоҳирҷон оташ мондан гирифт. Мӯйсафед ин шарбатро ба дараҷае ҷӯшонд, ки ҳубобҳои дар вақти ҷӯшиш бар рӯйи шиннӣ пайдошуда ба дараҷаи калонии чашми шутур расиданд. Ранги ин шиннӣ ҳам аз ранги шиннии аввалӣ фарқ дошт: шиннии аввалӣ сиёҳчатоб буд, ин шиннӣ ранги тиллоӣ пайдо кард» (Кул., ҷ.7, саҳ. 221).

Навиштаи зерини устод Айнӣ аз дақиқбаёниаш шаҳодат медиҳад. Ҳиндуҳои дар Бухоро зиндагидошта нӯшокие бо номи «Сабзоб» таҳия мекарданд ва устод тарзи тайёр кардани онро хеле равшану возеҳ шарҳ додааст.

«Сабзоб як нӯшокии масткунанда буд, ки ҳиндуҳо вайро аз алафи барги канабмонанд мекашиданд. Ин алафро тар карда, дар ӯғурча кӯфта, монанди оби кӯкнор аз латтаи софӣ мегузарониданд ва баъд он оби софкардашударо дар қадаҳҳои филизии (металли) ҳиндустонӣ рехта менӯшиданд» (Кул., ҷ.7, 1962, саҳ. 57).

Ва ё аз чӯби гуҷум дарсозии Устохоҷаро ин тавр тасвир кардааст: «Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвончае дарсозӣ мекард: дарҳое, ки вай месохт, аз чӯби гуҷум буд. Ӯ тахтаи чӯби гуҷумро чунон сайқал мезад, ки акси ҳар чиз хира бошад ҳам, аз вай намуда меистод. Дар он тахтачаҳои сахт, ки онҳоро «тахтаҳои оҳанин» номидан мумкин аст, бо қаламҳои пӯлодини худ кандакорӣ мекард (Кул., ҷ. 6, 1962, саҳ. 65).

Ва ё саҳҳофи ҳунарманд будани Миродилро хеле хуб ба риштаи таҳрир кашидааст: «Миродил аз ҳунармандтарини саҳҳофон аст. Ӯ ҳарчанд коғазпорчаҳоро бо ҳам часпонда қаламдон месозад, чунон ҳунар ба кор мебарад, ки монанди чӯб сахт ва обногузар мешавад. Коғази рӯяшро аз қоғази равғании Самарқанд мекунад, ки ин коғаз обу намро ба худ намегирад» (Кул. , ҷ. 6, 1962, саҳ 115).

Ҳамин тариқ, осори устод Айнӣ, ба хусус «Ёддоштҳо» - и ӯ, оид ба бисёр касбу ҳунарҳои мардумӣ маълумот медиҳанд, ки онро аз асарҳои адибони дигар пайдо кардан мушкил аст. Дар ин асарҳо борҳо таъкид шудааст, ки дар интихоби касб ва фарогирии ҳунарҳои мардумӣ нақши падару модар басо бузург асту дар асл ин кор рисолати падару модар маҳсуб мегардад. Касбу ҳунарро аз хурдӣ ба бачагон бояд омӯхт. Рисолати падару модар аст, ки ба фарзандон аз тифлӣ талқин намоянд, ки «ҳар як дониш мисли ҳар як касбу ҳунар муқаддас ва сазовори ситоиш аст». Чун падари устод Айнӣ «Дар рӯҳ ва дили фарзандон таҳкурсие гузошт, ки ҳеҷ яке аз зарбаҳои тақдир ба он рахнае зада натавонад». Ана ҳамин таъкиду ҳидоятҳои падар буд, ки устод Айнӣ ба чунин мартаба расид. Яъне ҳамаи кори таълиму тарбияро ба дӯши мактаб гузоштан корест ношуданӣ. Бунёдгузори асосии кори таълиму тарбия оила маҳсуб мегардад. Оилаҳо рисолати хешро ҳам дар назди фарзандон ва ҳам дар назди давлат содиқона бояд иҷро намоянд. Агар имкони иқтисодӣ даст надиҳад, шиори «Фарзанд камтар – зиндагӣ беҳтар» -ро сармашқи кори хеш намоянд. Бебозгашт рафт, он давлате, ки барои серфарзандон нақлиёти махсус ва кумакпулиҳо ҷудо мекард. Сохтори ҷомеаи кунунӣ дигар аст.

Месазад, ки ин паҳлуҳои осори устод Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқони ҷавон ба таҳқиқ гирифта шава

АДАБИЁТ:

1. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллоев //Душанбе-2015. – 704 с.

2. Сулаймонӣ С. Маънавиёт ва мушкилоти омӯзишу парвариш: маҷмӯаи мақолоти илмӣ / мураттиб /С. Сулаймонӣ // Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ.-Душанбе: Ирфон, 2008. – 379 с.

3. Рачабов, М. Пажӯҳишшиносӣ дар илмсанҷӣ / М. Рачабов// зери назари С. Сулаймонӣ; Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 160 с.

НАЗАРЕ БА ДУНЁИ САНГТӮДА
(Сангтӯда ҳам метавонад мавзеи сайёҳӣ гардад!)

МИРЗОЕВА Р. Б. *– ходими калони илмии шуъбаи фанҳои филологӣ ва забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ. ш. Душанбе, к. Айнӣ 45, тел.: (992) 98 537 66 46*

Моро зарур аст, ки ба масъалаи муҳимми рӯз, таълиму тарбия, ки аз дӯстдории Модар – Ватан оғоз мегардад, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем, то ин ки ҳар як кӯдаку ҷавон, ҳар як фарди ватандор ба қадри сарзамини хеш бирасад.

Чун имрӯз ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас бар асоси корбурди муносибати босалоҳият сурат мегирад, дарку фаҳми дурусти мазмуни фаъолияти омӯзишӣ ба хулосабарории дуруст ва амалкарди мувофиқи хонандагон дар шароити иҷтимоии ҷомеа мусоидат намуда, боиси покии андеша ва сайқали завқу зеҳн мегардад.

Вожаҳои калидӣ: *Ватан, таърих, фарҳанг, қаҳрамонӣ, тарбия, муассисаи таълимӣ, хонанда, осорхона, осори таърихӣ.*

ВЗГЛЯД В МИР САНГТУДЫ

МИРЗОЕВА Р. Б. *– старший научный сотрудник отдела филологических наук и государственного языка для нацменьшинств Института развития образования имени А. Джами АОТ, г. Душанбе, ул. Айни 45, тел.: +(992) 98 537 66 46*

Нам необходимо сосредоточиться на самой важной проблеме образования воспитание в духе патриотизма и любви к Матери - Родине, к родным местам. Изучение и знание истории, культуры, обычаев, героизма и мужества народа воспитывает молодое поколения в духе патриотизма, отмечается в статье.

Так как в систему образования внедряется обучение на основе компетентностного подхода формирование активной творческой личности учащихся в условиях социального развития общества, способствует развитию интеллекта, восприятию культурных ценностей.

Ключевые слова: *Родина, история, культура, героизм, воспитание, образовательное учреждение, ученик, музей, историческое наследие.*

A VIEW OF SANGTUDA'S WORLD

MIRZOEVA R. B. *– Senior Researcher of the Philology and State Language for National Minorities Department, Education Development Institute named by A. Jami. Dushanbe, 45 Ayni str., mob.: +(992) 98 537 66 46*

According to author's opinion, we need focus on the most important problem of education which is educating students on the spirit of patriotism and love for the Motherland, homeland. The study and knowledge of history, culture, customs, heroism and courage of the people educates the younger generation in the spirit of patriotism.

Since the training based on the competence approach is implementing in education system, the formation of an active and creative personality of students in the conditions of social development of society, promotes the development of intelligence, the perception of cultural values.

Keywords: *homeland, history, culture, heroism, education, educational institution, pupil, museum, historical heritage.*

Боиси хушнудист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон дар ҳама самтҳои зиндагӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, рӯз ба рӯз бо роҳи пешгирифтаи худ бо қадамҳои устувор ба мақсадҳои деринтизору ҳаёти шоистаи мардумаш наздик шуда истодааст.

Яке аз самтҳои асосии тараққиёти бемайлони кишварҳои пешрафта дар ҷаҳони муосир ин инкишофи соҳаи сайёҳӣ, нишон додани макону имкониятҳои сайёҳии онҳо

мебошад. Боиси хурсандист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми хеш, санаи 22 декабри соли 2017 ба моҳияти ин масъалаи ниҳоят муҳим рӯшанӣ андохта, соли 2018 - ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуд. Чун Тоҷикистони азиз сарзамини бостонист, таваҷҷуҳ ба ин масъала ба манфиати мардумаш хоҳад шуд.

Акнун фурсате расидааст, ки бо истифода аз имконоти дастрас кӯшиши кунем, то гиреҳҳо боз гарданду розҳо ифшо шаванд ва одамон дар шинохту бузургдошти макони поки хеш муваффақ бошанд.

Дар кишвари азизи мо аксари ҷойҳо чун далеле аз фарҳанги бостон ва гузаштаи пурасрору рангин шаҳодат медиҳанд. Ин моро муваззаф месозад, ки рӯйи ин мавзӯъ жарф андеша намуда, бозёфту дастовардҳои илмиро фаротар аз коғазу маҷолиси илмӣ дар хизмати мардум қарор бидиҳем.

Моро зарур аст, ки ба масъалаи мубрами рӯз, таълиму тарбия, ки аз дӯстдории Модару зодгоҳ, Ватан оғоз мегардад, таваҷҷуҳи бештар диҳем, то ҳар як кӯдаку ҷавон, ҳар як фарди ватандор ба қадри сарзамини хеш бирасад.

Чун имрӯз ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас бар асоси корбурди муносибати босалоҳият сурат мегирад, дарку фаҳми дурусти мазмуни фаъолияти омӯзишӣ ба хулосабарории дуруст ва амалкарди мувофиқи хонандагон ба шароити иҷтимоии ҷомеа мусоидат намуда, боиси покии андеша ва сайқали завқу зеҳн мегардад.

Ҳарчанд, ки тараққиёти бемайлони техникӣ шароити омӯзиши осону имкониятҳои зиёдеро ба миён овардааст, вале боз аз ҷониби дигар, миёни инсонҳо тафриқа бунёд карда истодааст. Дунёи нав бо вуҷуди пешрафт гурӯҳҳоеро ба миён овардааст, ки дар байни ин ё он давлатҳои абарқудрат ҷанг андохта, бо баҳонаҳои касношунид фарҳангу таърихи кишварҳои қадимаро аз миён бурда истодаанд. Ба ин давлатҳои Сурия, Афғонистон, Ироқ, Ливан ва дигарҳо мисол шуда метавонанд.

Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии пурмуҳтавои худ доир ба ин маъалаи муҳимми давру замон зикр кардаанд: **«Тамоили ҷаҳонишавии фарҳанг ба яке аз проблемаҳои глобалии асри 21 табдил ёфта, талабот нисбат ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ба зимаи онҳо гузошта хоҳад шуд, торафт меафзояд.**

Дар ин марҳилаи муҳим мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаю муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстию ватандорӣ, инчунин, дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад».

Дар ин робита таъкид гардид, ки доир ба сарватҳои табиӣ, тамаддуни бостонӣ ва фарҳанги миллии кишварамон таҳқиқоти ҷиддӣ ва густурда анҷом дода шавад.

Соли 2008 китоби банда низ бо номи «Назаре ба дунёи Сангтӯда ва олиҳаи он – Охшо (Вахш)» аз чоп баромад, ки дар он оид ба таъриху тамаддуни Сангтӯдаи бостонӣ сухан меравад. Чанд сол аст, ки китоби мазкур ҳамчун маводи иловагӣ барои омӯзиш ба донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав пешниҳод шудааст ва мавриди ошноӣ қарор дорад.

Китоб роҷеъ ба таърихи корҳои бостоншиносӣ дар шинохти деҳаи Сангтӯда нақл намуда, далелу бурҳонҳои ҷолибу муътамадро пешниҳод менамояд. Чун Сангтӯда (бо номи Вахш) аз қадим макони тамаддуну илму ҳунар будааст, бо дарёфти нишонаҳои таърихӣ, имкон пайдо кардем, ки бори дигар инро тасдиқ намоем. Ҳамчунин, он қалъаву кушкҳое, ки бо номҳои тоҷикии асили худ мондаанд (қариб, ки ҳамаи онҳо аз беаҳаммиятӣ ва каммасъулиятӣ хароб шудаанд), он нақбҳои азиме, ки дар зери деҳаи Сангтӯда то ҳол мавҷуданд ва он бузургоне, ки махсус Сангтӯдаро макони охирини худ ихтиёр намудаанд, бешубҳа далели дурустии ин гуфтаҳо ҳастанд.

Қабл аз он ки дар бораи Сангтӯдаи бостонӣ ва мавзеъҳои таърихии он ҳарф занем, лозим шуморидем, барои асоснок намудани навиштаҳоямон қисме аз ҳисоботи гурӯҳи

кории бостоншиносони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро (аз ҳафриёти соли 2006, ки дар деҳаи Сангтӯда гузаронида шудааст), пешкаш намоем (Ҳисобот аз асл ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидааст).

Моҳи октябр - ноябри соли 2006 бар асари кофтуковҳои бостоншиносӣ дар роҳи дарғоти Неругоҳи «Сангтӯда -1», дар қабристони назди он дар чуқурии 2,4 м, марқади андозааш 3х4м ёфт шуд, ки ба асри биринҷӣ тааллуқ дорад.

Аз қабрҳо кӯзачаҳои гилин, табари сангини нақшунигоркардашуда дарёфт карда шуд, ки аз тамаддуни қадимаи Вахш дарак медиҳанд. Дар миёни бозёфтҳо зерсутунҳои сангини манзили истиқоматӣ хеле ҷолиб буданд. Чизи дигари қобили таваҷҷуҳ қайроқсанги кабуди нақшини нӯгтез аст, ки аслан дар гӯри шоҳон мегузоранд.

Тавре ки маълум аст, дар асрҳои 4-1 пеш аз милод дар ин ҷо кушониён умр ба сар мебурдаанд, ки қасри калоне дар мавзеи Сари Кӯпрук (Ҳоло дар он ҷо дарғоти Неругоҳи «Сангтӯда - 1» бунёд шудааст) сохта будаанд. Бозёфтҳои минбаъда аз бунёди ибодатгоҳу дигар биноҳои ҷамъиятию маъмурӣ дарак медиҳанд. Дар сохтмони биноҳо сангу масолеҳи хосси ороишӣ низ истифода шудааст.

Пажӯҳишоту ҳафриёт дар Қалъаи Ҷир -Ҷирак, ки дар тарафи рости дарёи Вахш ҷойгир аст, низ натиҷаи хуб дод. Зеро ин қалъа 3 км дуртар аз Дарғоти Сангтӯда-1 ҷойгир буда, дар баландии 50 метр аз сатҳи дарёи Вахш сохта шудааст ва ба се қисм тақсим мешавад. Дар қисми якум дидбонгоҳ сохта шудааст. Маркази Қалъа чоркунҷашакл буда, гирдогирд бо девори сангини бараш 1,5 м иҳота карда шудааст. Хонаҳои истиқоматӣ гирдогирд сохта шуда, дар марказ майдонча будааст. Дар қисми ақибгоҳи қалъа тарҳи хонаҳоеро пайдо кардем, ки росткунҷа буда, зинаҳои сангин доранд.

Хонаҳо аз лой буда, бо истифода аз сангрезаҳои калон ва реги сурх сохта шудаанд. Ғафсии деворҳо 70-80 см.- ро ташкил мекунад. Замини хонаҳо ҳамвор ва сахт буда, қумпошӣ шудааст. Дар хонаҳо се навъ танӯрро дидан мумкин аст: танӯр барои сандалӣ, танӯр барои нонпазӣ ва танурҳои сангини дар девор мустаҳкамкардашуда, ки печро ба хотир меоранд.

Аз байни бозёфтҳо, махсусан зарфҳои гилинро қайд кардан бамаврид аст, аз қабили: коса, пиёла, гулдон, кӯзаи обгирӣ ва табақ. Тобасанги гулобӣ дарёфт гардид, ки чуқуриҳои доирашакл дорад ва ба қанддон ё мевагирак монанд аст. Диққати моро санге ба худ ҷалб намуд, ки дар он муҳра тайёр мекардаанд. Аз ин маълум мегардад, ки дар Қалъаи Ҷир -Ҷирак на танҳо мардум ба рехтагарӣ машғул будаанд, балки аз пораҳои сафоли гудохташуда маълум мегардад, ки дар ин ҷо маҳсулоти шишагӣ низ истеҳсол карда мешудааст, вале афсус онҳоро дарёфт карда натавонистем. Фақат якчанд ашёи суфтаи хурд ёфт гардид. Буҷули сангин низ дар миёнашон буд.

Ковишҳо дар минтақаи Анористон нишон доданд, ки қабристони давраи биринҷ дар он ҷо набуда, кӯрғонҳо низ вуҷуд надоштаанд. Аммо оид ба он ки дар ин ҷо ҳаёти асри сангӣ вуҷуд дошт, ҳаминро бояд гуфт, ки ҳангоми кандани 5 чуқурӣ (масоҳати 3х4м, чуқуриаш аз 1,2 то 2м) қабати хок мушоҳида нашуд. Дар қисми болоии ҳамаи чуқуриҳо хоки регдор пайдо гардид, ки ҳангоми омадани сел биноҳои давраи сангро вайрон намудааст. Аз ин рӯ, чизҳои ёфтшуда дар минтақаи харобгардида аз давраи неолит-охирҳои ин аср (6-4 ҳазораи то милод) дарак медиҳанд.

Баҳорак, дар тарафи рости дарёи Вахш ҷойгир аст. Қабрҳо дар гӯристон баланд набуда, (0,3 ва 0,4м) масоҳати 2,5х1,5 м - ро ташкил медиҳанд ва хоки он дурушту ҷумолуда мебошад. Чуқурии қабрҳо 1,3 м аст. Як чиз боиси ҳайрат аст, ки устухонҳои маит бо тартиби табиӣ ҷойгир нашудаанд. Шояд тибқи ақоиду боварҳо мурдаро аввал ба қисмҳо ҷудо карда, баъд дафн мекардаанд.

Ҳангоми кофтукови мавзеи Газако дар масоҳати 2 га се пораи тобасанг дарёфт гардид, ки 3 сӯрохии калон доштанд. Ҷутри ҳар як сӯрохӣ то ба 15-20 сантиметр мерасид.

Кофтуков маълум намуд, ки дар ҳақиқат тобасангҳо ба оташкада тааллуқ доранд.

Ғайр аз ин дар мавзеи Катасанг харсангҳои бузургеро дидан мумкин аст, ки дар миёни худ сӯроҳҳои калон доранд ва маркази онҳо чун истеҳкоми ҷангӣ аз худ дарак

медиҳад. Дар маркази майдон се тӯдаи харсангро дидан мумкин аст, ки онҳо аз кӯҳи Сарсарак афтидаанд. Чунин харсангҳои сӯрохкардашударо дар ду тӯдаи харсангҳо – марказ ва қисми шимол дидан мумкин аст. Яке аз харсангҳо «Санги курсӣ» -ро мемонад, ки маркази он ҳам сӯрох аст. Ҷамъи харсангҳои тарафи шимолӣ, нақши паноҳгоҳро бегуфтугӯ бозӣ мекардаанд ва 3 адад буда, монанди ҳарфи «П» ҷойгир шудаанд, ки охири онҳо бо сангпораҳои майда дароз карда шудааст. Дар зери сангпораи марказӣ, ки болопӯшро ташкил мекард ва ба таври амудӣ ҷойгир аст, сӯрохии чуқуре вуҷуд дорад.

Дар танаи харрсангҳо машъалҷо дида мешавад. Дар маркази харсангҳо майдони масоҳаташ ба 10 х 3 м ҳаст, ки аз сатҳи майдони асосӣ ним метр паст буда, фарши сангкорӣ дорад.

Ин бозёфтҳо ва боз 87 номгӯи ашёи дигар мутааллиқ ба асрҳои 6 - 4 то милод дониста мешаванд.

Бозёфти дигар дар хамгашти дарғоти Нерӯгоҳ ёфт гардид, ки ҳоло дар ин ҷо қабристон аст.

Дар ҷойи Дарғоти Нерӯгоҳи «Сангтӯда-1», дар он ҷое, ки нақб ва идораи Нерӯгоҳ ҷойгир аст, осори давраи кушониён пайдо карда шуд (асрҳои 3-1 то милод).

Минтақа Эшонобод ном дорад, ки макони одамони муқаддас дониста мешавад. Мазори ҳазрати Хоҷаи Зинда бар он далолат мекунад.

Дар масофаи 700 м аз Бунгоҳи назоратӣ, дар дуроҳаи Данғараву Қӯрғонтеппа марқади рамзӣ (кенотафӣ) – е ёфт шуд, ки дар дохилаш маит надорад ва он ба асри биринҷ (ҳазораи 3-2 то милод) мансуб дониста шуд, ки яке аз бозёфтҳои нодиртарини қисми Ҷанубии Тоҷикистон шуморида шуд. Боварӣ ҳаст, ки дар ин мавзеъ қабристони калони он замон низ вуҷуд дорад.

Қалъаи Сари Кӯпрук макони тобистонаи ҳокими Вахшонзамин ба ҳисоб меравад, ки маркази онро шаҳри Ҳеловард – ҳозира ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ҳисобидаанд.

Қалъа дар тобазамин қарор дошта, дар соҳили дарёи Вахш ҷойгир шудааст. Ҳоло ин мавзеъ ё соҳил, маркази сохтмони дарғоти нерӯгоҳи «Сангтӯда-1» ба ҳисоб меравад. Вақти ковиш қисме аз соҳил пурра вайрон шуда буд. Як тарафаш тамоман фурӯ рафта ва қисми ҷанубии онро қир рехтаанд. Қисми марказиашро бошад, роҳ гирифтааст. Барои ҳамин ҳам, ковишҳо дар қисми шимолӣ ва марказӣ гузаронида шуданд.

Дар натиҷаи ҳафриёт маълум гашт, ки дар ин ҷо анборҳои маҳсулоти хоҷагӣ ҷойгир будаанд. Сақфи анборхонаҳо ё калотҳо (искалотҳо) ҳамвор буда, деворҳои онҳо сангинанд. Дар дохили ҳар яке хумҳои бузург барои нигоҳ доштани ғалладона ба тартиби муайян чида шудаанд. Дар паҳлуи онҳо асбоби ғаллатозакуниро низ пайдо кардем.

Қалъа ду давраро аз сар гузаронидааст – қисми поёнӣ ба давраи Кӯшониён (4-3 то милод), қисми болоӣ ба асрҳои аввали миёна (6-8 ҳазораи милодӣ) тааллуқ дорад, ки он ба давраҳои асосии давлатдории тоҷикон ва пойтахти Ҳеловард рост меояд. Қисми поёнии он дар чуқурии 3 - 4,5 м (товасанг) ҷойгир буда, якчанд қишр дорад. Даромадгоҳаш дар қисми марказии девори ғарбӣ буда, пайроҳаи дохил аз тобасангҳо сохта шудааст.

Дар натиҷаи ковишҳо миқдори калоне аз зарфҳои гилин: мисли кӯза, пиёла, коса ва ҷомҳо ёфт шуданд. Дар Қалъа на танҳо зиндагӣ мекарданд, балки бо ҳунармандӣ низ машғул будаанд. Онҳо матоъ ва гилемҳои ҳархела мебофтаанд, ки дастгоҳҳои бофандагӣ ва ресандагӣ, ҳаллоҷӣ ва сангҳои бофандагии бозёфтшуда, аз он дарак медиҳанд. Санъати устухонтарошӣ низ тараққӣ карда будааст. Дар сатҳи замини асримиёнагӣ низ шохҳои бузи кӯҳӣ дарёфт гардид. Ҳатто шохҳои калоне дарёфт гардиданд, ки аз калла ҷудо карда нашуда буданд. Қисми дигарашон ҷудо ва ҳамвор карда шудаанд, ки шояд барои дастаҳои корд ва ханҷару шамшерҳо истифода мегардиданд.

Оҳансовҳо ҳам дарёфт гардиданд, ки нишоне аз тараққии оҳангарӣ ва оҳангудозӣ ба шумор мераванд.

Тасвири бозёфтҳо аз ковишҳои бостоншиносии мавзеъҳои Баҳорак, Газако, Сари Кӯпрук, Қалъаи Ҷир -Ҷирак, Катасанг ва Эшонобод:



Сангтӯда ба ғайр аз он ки дар боло иброз доштем, боз бисёр мавзеҳои дигари таърихӣ низ дорад, ба монанди: қадамҷойҳои ҳазрати Хоҷаи Зинда, Хоҷа Абу Тоҳир, Хоҷаи Қошғарӣ (Хоҷа Қушқор), Хоҷаи Сабзпӯш («Шамси Табрезӣ бо номҳои Шамсиддин, Шамсулҳақ, Шамси Табрезӣ, Шамси Парранда ва **Шамси Сабзпӯш** машҳур мебошад. Баъзе таърихнигорону тазкиранависон, аз ҷумла Давлатшоҳи Самарқандӣ гузаштагони ӯро аз Хуросон донистаанд, ки бо мақсади тиҷорат ба Табрез омада, дар ин ҷо ба таври доимӣ сукунат ихтиёр мекунад. Чун то ба имрӯз оромгоҳи Шамси Табрезӣ, ки мегӯянд ногаҳон аз Қуния ғайб зад, дақиқан муайян нашудааст (Аз китоби «Чеҳраҳои мондагор»- и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Саҳ. 250)». Боиси хушнудист (гарчанде касе аз таърихи пайдоиши ин қадамҷо чизе намедонад) мазори ҳазрати Сабзпӯши Сангтӯда, ки ҷойи зиёрати мардуми ҷумҳурист, побарҷост ва аҳли илм метавонанд таҳқиқот баранд ва ин масъалаи баҳсталабро низ ҳаллу фасл намоянд.), Мазори Симолӣ, Мазори Шунго, Чилламазор, Бибӣ Рӯшноӣ, Биби Ширбибӣ, Ҳазрати Имон, ҳамчунин кӯҳи Тарноз, Қалъаи Сангтӯда (бозгӯйи даврони мирии Сафобӣ), Сангтӯп (Чунон ки медонем номи деҳаи Сангтӯда аз сангтӯпи он гирифта шудааст, ки сангтӯп монанд аст ба Аҳромҳои Миср, яъне секунҷашакл ва шояд асроре нуҳуфтааст зери сангҳои он, ки бузургтарин сангтӯп аст дар марзи Тоҷикистон. Сангҳои қисми болоии он оташзадаанд. Тибқи ривоятҳо болои он тӯйи арӯсию домодии Рухшона ва Искандари Мақдунӣ гузаштааст. Чун аз таърих медонем Рухшона духтари ҳокими Вахш – Оксиарт (Вахшварт) мебошад. Ҳамчунин, ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки сангтӯпи Сангтӯда мумкин аст мавзеъи дини масҳабии давлату мардуми кадом даврае бошад. Гузаронидани таҳқиқоти бостоншиносии амиқ ҷавобе мегардад ба ҳамаи ин саволҳою эҳтимолиятҳо.), дараи Қалоқ, Дарвоза (ин дар кӯҳи Сарсарак аст), мавзеъҳо ва деҳаҳои таърихии Баҳорак, Катасанг, Санҷити обхӯрак,

Қалъаи дев, Беборонак, дараи Қурум, Дашти кӯлак, Испаддара, Суми дулдул, чашмаи Оби Зард, оби Қутурбулоқ, Темуртакон, Почаки Ҳасан, зиндони Ҳасанпаҳлавон, Қазонгузар, қабристони Тӯғаи калон, Ҷилдара, Чакак, Кӯҳи Ширбибӣ, Туббак, Ҷаннат, Маҳаттон (шояд он Маҳаттоне бошад, ки бо намаки беҳамтояш дар ҷаҳон машҳур буд), Масҷиди Сангин, султони кӯҳҳо - Сарсарак, Хоҷамастон, Бурчуқур, Хушкадара, Қимишлиқ, Тутбулоқ, Анҷир, Тошқутан, Қарачоч, Беобак, Кони санг, Майдон, Яхдон, Паталик, санги Душох, Боғлиқ, Қарабош, Новбулоқ, Қамав, Навобод, Мулло Амон, чашмаи Найзабулоқ, Обиборик, кӯҳӣ Қира, Саросёб, Терак, чашмаи Дамбӯс, Пехо, Шибонсой, Калфи Оқсоқ, Чимилиқ, Марғак, Шайдон, Оби Чол, Ҳичроқ, Оби Ҳуппа ва ғ.. Қиссаю ривоятҳо нисбат ба шахсиятҳои таърихиаш: Тарноз, Ҳасанпаҳлавон, Рухшона, Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ, Мир Сафобӣ, Камуш, Юсуф паҳлавон, Шоҳмаҷнун, Домулло Гулмуҳаммад, Ҳасани Майсара, Суфи Калдам, Мӯсо паҳлавон, Зебои ҷасур ва дигарон, ки ҳар яке ниёз ба ковишҳои бостоншиносӣ ва тадқиқоти илмӣ доранд.

Нишонаҳои қадимати Сангтӯда:

1) ***Қалъаи Сангтӯда*** ва роҳҳои зеризаминии он, яъне нақбҳое, ки зери деҳа бо мақсади эмин шудан аз душману муборизa бурдан бо онҳо сохта шуда буданд, ки албатта мероси гаронбаҳои таърих ба ҳисоб мераванд. Шояд ин нақбҳо аз ҷумлаи камшумортарин нақбҳо дар Осиёи Миёна бошанд, ки ҳам маҳорату санъати роҳсозии он давра ва ҳам моҳияти стратегӣ доштани чунин меъморию шаҳрсозии мардуми тоҷикро бори дигар исбот менамоянд. Мутаассифона, аз беаҳамиятии бархе аз роҳбарони даврони Шӯравӣ ва кунунӣ дар Сангтӯда ҳам худи Қалъа ва ҳам қалъаҳои гирду атрофии он, ки қалъаҳои муҳофизатӣ ба шумор мерафтанд ва ҳама он нақбҳое, ки зери деҳа мавҷуд ҳастанд, қариб, ки ба нестӣ рафта истодаанд.

2). ***Ба қавле ватани достони «Гӯрӯглӣ» будани Сангтӯда***. Яъне барои рӯшанӣ андохтан ба ин масъалаи пурбаҳси давру замонҳо якчанд мисолро пешниҳод менамоям.

Воқеаҳои достон дар Чамбули Мастон сурат мегирад. Чамбули Мастон, шояд Хоҷа Мастон бошад. Дуюм, аз далерию шуҷоати Ҳасан ном паҳлавони тоҷик миёни мардуми Сангтӯда қиссаҳо ва ривоятҳо боқӣ мондааст ва дар деҳаҳои Қазонгузару Булакдашт нишонаҳои ин паҳлавонро бо номҳои Почакии Ҳасан, охури хари Ҳасан (охур аз санг тарошида шудаасту мутаассифона дар мавзеи Нерӯгоҳи «Сангтӯда 2» аз он ним мондааст, ки 1м дарозӣ ва 1м паҳноӣ дорад), зиндони Ҳасан (он ҳам вақти тарконидани маҳалли роҳи оҳани Сангтӯда нобуд гардидааст) дидан мумкин аст. Ҳамчунин, он Қалъаи соҳили рости дарёи Вахш, ки бо санъати нотакрор сохта шудаасту Қалъаи Даҳана ном дошта, тибқи ривоятҳо мансуб ба Тарноз ном шоҳдухтар будааст. Ба ривоятҳои то ба мо расида, Ҳасан аз тарафи чапи дарё парида як пояшро ба санги азими (почакии) миёни дарё ва пойи дигарашро ба соҳили рости дарё монда, ба назди дӯстдоштааш Тарноз рафта, бо ҳамин роҳ боз бармегаштааст.

3). ***Кӯҳи Тарноз ва асрори он.*** Маликае, ки бо номаш кӯҳе ёдгорист ва ба ҷуз он (ин ҳам дар Сангтӯда боқӣ мондааст), нишонаи ин маликаро дар дигар ҷой намебинем. Бисёр хуб мешуд, агар Қалъаи Тарноз - яъне боқимондаҳои Қалъаи Даҳана ва худи кӯҳи Тарноз мавриди таҳқиқоти бостоншиносон қарор мегирифт, чунки Қалъа бо як санъати бениҳоят махсус, ки шояд дар дунё нодиртарин бошад, бо омехта кардани лою пахта сохта шудааст. Бояд гуфт, ки пахта барои он бо лой ҳамроҳ карда шудааст, ки овози баланди дарё, ки тибқи ривоятҳои то ба мо расида, Вахш дарёи бениҳоят саркашу пуртуғён будааст, оромии қалъаро халалдор намекардааст. Як қисме аз деворҳои Қалъа, то солҳои 2007 мавҷуд буд, ки бозгӯйи санъати баланди хонасозию деворсозии тоҷикон мебошад.

4). ***Даште, ки дар он ҳарбу зарби достон бояд гузашта бошад.*** Он дашт, шояд дашти Калташӯр бошад ва воқеаҳои достон дар он ҷо гузаштааст. Чун аз таърих медонем, ҷангҳову ҳарбу зарбҳо барои эмин мондани мардуми ҳамон мавзеъ, ҳамеша берун аз шаҳрҳо гузаронида мешуд.

5). ***Шаҳри Леваканд будани Сангтӯда.*** Инро Қалъаи деҳаи Қазонгузар, масҷиди назди он (каме аз он девор ва якчанд қабр то ҳол боқӣ мондааст) аз ҷумла, мақбараи шахсияти бузурге, ки дар дараи Ҷаркескан бо хиштҳои асримиёнагӣ сохта шудааст, тасдиқ хоҳад кард.

6). ***Зодгоҳи Ҷалолиддини Балхӣ будани Сангтӯда***. Муҳаққиқи амрикоӣ Ф. Люис, ки ҳаёти худро ба омӯзишу таҳқиқи зиндагиномаи Ҷалолиддини Балхӣ бахшидааст ва асари ягонаи тарҷумаҳолии падари бузургвори Ҷалолиддини Балхӣ – Баҳоуддини Валадро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосаи амиқе омадааст, ки Мавлавӣ зодаи Вахшонзамин аст ва Вахш дар фаҳмиши ӯ чунин маъно дорад: **«Вахш, ки одатан ҳамчун шаҳри асримиёнагии Леваканд (ё Ловаканд) ё Сангтӯда муаррифӣ мегардад, дохили марзҳои Тоҷикистони муосир, тахминан 65 километр дар ҷанубу шарқи Душанбе, 35 километр дар шимолу шарқи Қӯрғонтеппа ва 500 километр дуртар аз сарҳади Хитой қарор дорад» (Аз китоби Люис Ф. Румӣ. Гузашта ва ҳозира, Шарқ ва Ғарб. Ҳаёт, таълимот ва ашъори Ҷалолиддини Румӣ. – Оксфорд, 2000, саҳ. 47). Дар ҳамин хусус ӯ дар иловаҳо ба татқиқоти фавқуззикри худ харитаи ин мавзеъро низ бо номи «Минтақаи Вахш, ки Румӣ дар он ҷо таваллуд шудааст» меоварад (саҳ. 647), ки ҳоло пешниҳоди шумо менамоем:**



Сангтӯда мулки пурасрор аст. Он бешубҳа осорхонаи зиндаи миллист, ки ҳар сангу кулӯхаш баёнгари саҳнаҳои пурталоши рӯзгори дуру наздик ва нишони зиндагии мардони поку оламгир ба шумор меравад.

Дар ин соли басо таърихӣ - «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бисёр мехостем, ки Сангтӯда минтақаи сайёҳӣ эълон гардад ва нодиртарин ганҷҳои давру замонҳо, ки дар он нуҳуфтаанд, мавриди таҳқиқоти бостоншиносию таърихдонҳо қарор бигиранд, зеро ҳар яке ҳикоёте аз гузаштаҳои дур, аз фарҳангу тамаддуни воло ва созандаанд. Кушодани розу рамзҳои нуҳуфтаи онҳо сарбайти таронаву қиссаву достонҳои талху ширини ниёгони ғаюру сарбаланди миллати тоҷик хоҳад буд.

АДАБИЁТ:

4. Эмомалӣ Раҳмон. «Чеҳраҳои мондагор». Душанбе «ЭР - граф», 2016, саҳ - 250.
5. Мирзоева Р. «Назаре ба дунёи Сангтӯда ва олиҳаи он Охшо (Вахш)». Душанбе, 2008. – 290 с.
6. Люис Франклин. «Румӣ. Гузашта ва ҳозира. Шарқ ва Ғарб. Ҳаёт, таълимот ва ашъори Ҷалолиддини Румӣ». Оксфорд, 2000, саҳ.- 42-56.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе «Шарқи озод», 2017, саҳ. – 29.
8. Достӣ Шариф. «Таърихи Хатлон». Кӯлоб «Сада», 1999. – 163 с.
9. Сайвалӣ Нуров «Мактаби ҳаёт». Кӯлоб «Сада», 1996, саҳ. – 38.

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ХАТТИ РУНӢ

САРВИНОЗ Г. *– магистранти курси якуми ихтисоси забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, к. Борбад 106/2, тел: +(992) 90 566 61 10*

Дар мақола таърихи пайдоиши хатти рунӣ ва навиштаҷоти олмонӣ таҳлил карда шудааст. Инчунин алифбои рунии асосӣ, сеҳри касбии коҳинона, алифбои рунии қадим, рунии ҷадид ва нақши онҳо дар инкишоф ва ташаккули хатти Олмонӣ таҳлил карда шудааст. Аҳаммияти алифбои рунӣ, зуҳуроти грамматикӣ ва фонетикии калимаҳо бозкушоӣ карда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: *хатти рунӣ, алифбои олмонӣ, алифбои рунӣ футарак, алифбои пешинаи руни, калима.*

ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ РУНИЧЕСКОЙ ПИСЬМЕННОСИ

САРВИНОЗ Г. *– магистрант первого курса по специальности английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни г. Душанбе, ул. Борбад 106/2, тел: +(992) 90 566 61 10*

В статье рассматривается история возникновение рунической письменности и футаракского алфавита. Также рассматривается основной алфавит руни футарак, профессиональная тайна жрецов, древний и современный алфавит руни, а также их роль и значимость в развитии письменности Германии. Раскрывается значение алфавита руни, их грамматические и фонетические свойства.

Ключевые слова: *руническое письмо, германский алфавит, рунический алфавит футарак, древний алфавит руни, слово.*

HISTORY OF THE RUNNING OF THE GERMAN WRITTEN

SARVINOS G. *– The First Year Master of English language, Tajik State Pedagogical University named by S. Ayni. Dushanbe, 106/2 Borbad str., mob.: +(992) 90 566 61 10*

The article analyzes the history of the origin of the runic letter, the German writing. Also the Runic Futhark alphabet, the professional secret of the priests, the ancient and modern runic alphabets and their role in the development of the German writing are analyzed. The Runic alphabet's meaning and its grammatical and phonetic phenomenon is came to light.

Keywords: *Runic letter, Germanic alphabet, Runic alphabet futarak, wounded alphabet rune, word.*

Хатти рунӣ яке аз хатҳои қадимтарини олмониҳо ба шумор меравад. Татсит дар китоби худ «Германия» навишта буд, ки олмониҳо ба фолбинӣ ва қуръапартоӣ аҳаммияти зиёд медоданд. Онҳо дар порчаи матоъ чӯбчаҳои дорои аломатҳои махсусро партофта, ибодат мекарданд. Коҳин тахминан се чӯбчаро гирифта, аз рӯйи аломатҳояш фол медид. Ин аломатҳои сеҳдор аввалин ҳарфҳои рунӣ ба ҳисоб мерафтанд. Истилоҳи «руна» аз калимаи готии «**runa**»- «асрор», олмонии «**raunen**» гирифта шуда, маънои «пурасрор ва пинҳон гуфтан»-ро дорад.

Инчунин Татсит дар бораи маросимҳое зикр мекунад, ки хусусияти ҷамъиятӣ дошта, ба манфиати ҷомеа ва хусусан, ба сардори оила равона карда шуда буданд.

Руниҳо афзалияти сеҳрро бо ҳадафҳои динӣ истифода мекарданд. Донистани онҳо сирри махфӣ буда, аз як насл ба насли дигар мегузашт. Ин аломатҳо «Руинхо» ном доштанд ва алифбои аввалини олмониҳо ҳисобида мешуданд. Руинҳо аз 24 аломат иборат буда, 6-тои аввали онро "Футарк" (асосӣ) мегуфтанд. Руинҳоро бо мақсадҳои ҷодуӣ ва иҷтимоӣ истифода мебурданд. Руинҳоро асосан дар чӯби дарахтон, устухон, сангҳо метарошиданд. Каме дертар бошад, дар металл низ, аз ҷумла дар ашёи тилоӣ кандакорӣ карда мешуданд. Шахсе, ки бо худ чунин ашёро дошт, гӯё аз ҳамаи офатҳ нигоҳ дошта мешуд, аз душманон эмин мешуд ва хешу акрабои вай, ки аз дунё гузашта буданд, гӯё дар қабрҳо ором

мехобиданд. Қадимтарин намуди хатҳои олмонӣ, навиштаҳои рунӣ ба шумор мераванд, ки ба асри 3 рост меояд. Зикр кардан зарур аст, ки навиштаҳо дар тоскулоҳ (шлем) низ кандакорӣ карда мешуданд, ки намунаи боқимондаи он то замони мо «тоскулоҳ аз Негау» ба ҳисоб меравад, ки он дорои сана ва баъзе навиштаҷот аст.

Хатти рунӣ дар асоси яке аз алифбоҳои итолёвии шимолӣ ба вуҷуд омада, дар аввалҳои асри пеш аз эраи мо бо кӯчонидани қабилаҳои олмонӣ аз худ карда шуд. Тахмин мекунанд, ки қабилаҳои олмони шарқӣ рунаҳои аввалинро ихтироъ ва паҳн карданд. Аз ҳама қадимтарин намуди хатти рунӣ аз 24 аломати пурра иборат буда, дар санги Клюверӣ (Готланд, Шветсия, солҳои 350-47), Водстенӣ ва Мотоликӣ (Эстереъетланд, Шветсия, солҳои 500-550) ва Барактеатаҳ навишта шуданд:

Навиштаҷоти алифбои рунии асосӣ ба асрҳои 2-7 рост меояд. Онҳо асосан дар ҷануби Шветсия, дар нимҷазираи Ютландия ва Шлезвинг истифода мешуданд. Навиштаҷот бо қолаби чопӣ аз формулаи рамзӣ, номи соҳиб, усто ё номи худи ашё иборат буд. Табиати динии руниҳо на танҳо дар фаровонии намуди формулаҳо, инчунин дар такрори расму оинҳо низ зоҳир мегардид.

Як қатор хатҳои рунии қадим вобаста ба маҳал ба дигаргуншавӣ дучор шуданд, ки дар натиҷа 32-намуди хатти рунии англо-фризҳо ва 16-намуди хати рунии скандинавиягиҳо пайдо шуданд.

Дар хатти рунии ҷадид тағйироти муҳим ба вуҷуд омад. Дар хатти рунии қадим низ як қатор тағйирот дида мешуд, аз ҷумла, садонокҳои қисмати миёна аз байн бурда шуданд, муродифот байни садонокҳои тағйирёбанда ва садонокҳои тағйирнаёбанда вуҷуд надошт.

Содатар кардани алифбо эҳтимол ба таркиби нави овозӣ асос ёфта буд. Маҳдуд кардани миқдори алифбои рунӣ, ки садонокҳоро ифода мекард, эҳтимол бо мустаҳкам кардани алифбои ғайрирунӣ, муайян кардани овозҳо ва бо якҷоя кардани ҳамаи аллофонҳо, ки дар натиҷаи намудҳои мухталифи падидаҳои фонетикӣ ва шикаста талаффуз кардан ба вуҷуд омадааст, вобаста мебошад. Дар системаи ҳамсадоҳо (консонантизм) эҳтимоли ивази муқобилгузорӣ бо садонок /бесадо (мисол**d/t**) дида мешавад. Як қатор хатти рунии ҷадид намуди зеринро дошт:



Бо хатти рунии ҷадид қариб 500 навиштаҷот дар рӯйи сангҳо ва дарҳои калисо то замони мобоқӣ мондаанд.

Дар миёнаи асри 9 дар ҷануби Шветсия ва баъзе қисматҳои Норвегия хатти шведонорвегӣ ё рунаҳои майдашакл ба вуҷуд омад, ки бо пайдо шудани тамоил дар навиштаҷоти оддии рунӣ оварда расонд.

Хатти хелсенкӣ хеле кам истифода бурда мешуд. Дар баробари хатҳои рунӣ, дар матнҳои олмони қадим хатҳои готӣ низ истифода мешуданд. Дар асари 6-и эраи мо ихтирои усқуфи вулфилӣ дар асоси алифбои юнонӣ бо илова кардани баъзе аломатҳо аз алифбои лотинӣ ё рунӣ ба чашм мерасид. Баъди насроникунонии олмониҳо хатти лотинӣ дар шакли минискулӣ, ки дар 2 вариант: инсулярӣ (англо-саксонӣ) ва континенталӣ (умумӣ) вуҷуд дошт, бештар паҳн шуд. Аз асри 12 сар карда, хатҳои готӣ қабул шуд. Дар забони идиш ҷадвали яҳудӣ истифода мешуд.

Дар асрҳои 3-8 қариб 150 ашё бо навиштаҷотҳои рунӣ, ки аксарияташон калимаҳои алоҳида буданд, ёфт гардид. Ҳар як навиштаҷоти рунӣ маънои рамзӣ дошт. Одатан тамоми алифбо ё қисмати он навишта мешуд, ки бояд барор меовард ё аз бадбахтиҳо эмин медошт.

Навиштиҷоти рунии қитъаи олмониҳо асосан ба давраи Меровингҳо тааллуқ дорад. Асосан ин бозубандҳо ва ашё бо ҳарфҳо ва бо навиштаҷоти кутоҳи хосияти рамзӣ дошта тафсир дода мешуданд. Охирин бозёфти бузург соли 1945 дар Калисои Фулда ба қайд гирифта шуда буд, ки ин сабти дастхати футарк мебошад.

Миқдори лаҳҷаҳои рунии англосаксҳо бо хусусияти фонетикии худ 28-торо ташкил менамуданд. Миқдори ин дастхатҳо дар асри 7 бономи «Кодекси Залтсбургӣ» ва дар Англияи қадим «Достонирунӣ» дар асрҳои 9-10 қариб ба 33 навиштаҷоти рунӣ мерасид. Ҳамин тавр, алифбои асосии Англияи қадим ва рианти континенталии васеъшуда ба ҳисоб меравад.

Забони қадимтарини навиштаҷоти рунӣ фосила байни забони олмонӣ мебошад ва шакли асосии таҷдиди ёдгориҳои қадимаи хатҳои халқиятҳои гуногуни олмонро таҷассум мекунад. Дар қадимтарин дастхатҳои куҳнаи готҳо зуҳуроти грамматикии қадим ва қисман, садонокҳо асос пайдо карда, нигоҳ дошта шуданд.

Феъли англисии «**toread**» «хондан» аввал маънои «маълум шудан, ёфта шудан» ва феъли «**towrite**» «навиштан» аввал маънои «харошидан, ханҷол кардан»-ро дошт.

Дар ҷараёни насроникунонии олмониҳо, қабилаҳои олмонӣ бо алифбои лотинӣ ошно мешаванд, ки дар натиҷа давлати Франкҳо дар асари 9 ва дар ҷазираҳои Британия дар асри 11 хатти рунӣ пурра ба алифбои лотинӣ мегузарад.

Дар Скандинавия анъанаҳои рунӣ хеле устувор боқӣ монда буданд, хатҳои рунӣ ба пергамент (пусти ҳайвонот, ки то ихтироъ шудани коғаз барои китобат кардан истифода мешуд) кучонида шуданд ва натанҳо барои мақсадҳои динӣ, ҳатто барои сабти қонунҳо то асри 16 дар Шветия истифода мешуданд.

АДАБИЁТ:

1. Гримм Я. «Грамматика немецкого языка». М., 2012. С. 112-128.
2. Жирмунский В.М. Введение в сравнительно-историческое изучение германских языков. М.; Л., 1964. – 210 с.
3. Жирмунский В.М. История немецкого языка. 5-е изд., испр.М., 1965. С. 1-15.
4. Иванова И.П., Чахоян Л.П. История английского языка. М., 1976. С. 1-44.
5. Илъиш Б.А. История английского языка. 5-е изд.,испр. и доп. М.,1998. С.229-268, 425-473, С. 601-609.
6. История средних веков: В 2 т.: Учебник / Под ред. С.Д.Сказкина и другие 2-еизд., перераб. М., 1977. – 249 с.
7. Левицкий В.В. Введение в германскую филологию: Сб. задач. Киев, 2003. – 235 с.
8. Миронов С.А. Становление литературной нормы современного нидерландского языка (IX-XVI вв.). М., 1973. – 311 с.

ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОДГАРОЙ

НАҚШИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИҲАМИИ МАОРИФ, ДИН ВА ФАРҲАНГИ ҶОМЕА ДАР ПЕШГИРӢ АЗ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ИФРОТГАРОЙӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

БАЙЗОЕВ А. *– сармутахассиси шуъбаи илм ва инноватсияи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *azim_b @mail.ru, тел.: (992) 90 790 70 17.*

Дар макола масъалаҳои марбут ба муайян намудани нақш ва мақоми муассисаи таълимӣ, дин ва фарҳанг дар ташаккули шахсияти наврасон дар заминаи пешгирии гаройиши онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ баррасӣ шудаанд. Ба робитаи байниҳамии ин омилҳо, имкониятҳо ва мушкилоти баҳамойии дин ва низоми таҳсилот дар ҷараёни таълиму тарбия, ҳамчунин таҷдиди назар ба барномаҳои таълим бо назардошти нақши фанҳои мактабӣ (адабиёт ва таърих) дар ташаккули шахсият таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Вожаҳои калидӣ: *экстремизми байналмилалӣ, таълим, тарбия, сиёсат, дин, фарҳанг, барномаҳои таълим, шахсият.*

РОЛЬ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ ОБРАЗОВАНИЯ, РЕЛИГИИ И ОБЩЕСТВЕННОЙ КУЛЬТУРЫ В ПРЕДОТВРАЩЕНИИ ЭКСТРЕМИЗМА И ФАНАТИЗМА СРЕДИ МОЛОДЕЖИ

БАЙЗОЕВ А. *– главный специалист отдела науки и инновации Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45.* ***E-mail:*** *azim_b@mail.ru, тел.: +(992) 90 790 70 17.*

В статье рассматриваются вопросы, связанные с определением роли и места школы, религии и культуры в формировании личности подростков в аспекте предотвращения их слияния в экстремистские группировки. Особое место уделяется взаимоотношению этих факторов, возможностям и трудностямь в сближении религии и системы образовании в процессе обучения и воспитания, а также пересмотра учебных программ с учетом роли школьных предметов (литературы и истории) в формировании личности.

Ключевые слова: *международный экстремизм, обучение, воспитание, политика, религия, культура, учебные программы, личность*

ROLE OF INTERRELATION BETWEEN EDUCATION, RELIGION AND PUBLIC CULTURE ON PREVENTION OF EXTREMISM AND FANATICISM AMONG YOUTH

BAYZOEV A. *- Chief Specialist of the Science and Innovation Department of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail:*** *azim_b@mail.ru, mob.: +(992) 90 790 70 17.*

The main problems connected with definition of a role and a place of school, religion and culture on personality formation of the teenagers are considered In this article in the aspect of prevention of their merge in extremist groups. The special place is given to interrelation of these factors, possibilities and difficulties of rapprochement of religion and education system in the education process, and also revision of curriculums taking into account the role of school subjects (the literature and history) in personality formation.

Keywords*: international extremism, training, education, religion, policy, culture, curriculums, personality*

Руҷӯе ба ҷойи муқаддима

Япония: Ҳама ҳодисаҳои мудҳишу фоҷеабори соли 2011-ро дар Япония шояд дар хотир дошта бошанд, ки дар натиҷаи сунамии азим заминларзаи сахте ба вуқӯъ пайваст ва ҳазорон қурбониву харобиҳоро, аз ҷумла, дар неругоҳи барқи атомии Фукусима, ба бор овард. Он замон ман як мақолаи ҷолиберо дар бораи корҳои барқароркунӣ хонда будам, ки ҳеҷ аз ёдам намеравад: рӯзноманигорон бо тааҷҷуб навишта буданд, ки дар давраи

корҳои барқароркунӣ ягон ҳодисаи дуздиву ғораткунӣ ва авбошӣ ба мушоҳида нарасидааст! **Тасаввур кунед, ки дару тирезаҳои фурӯшгоҳи бузург шикастаасту дар дохили он касе нест, низоми амниятии садоӣ (сигнализатсия) кор намекунад (чунки барқ нест), вале ҳеҷ роҳгузаре ба он ҷо ворид намешавад, ҳатто хурдтарин чизеро бо худ намебарад, чунки хуб медонад: ин моли ӯ нест ва дуздӣ ҳаром асту гуноҳ [2, 72]!**

Тоҷикистон: Рӯзи 22 марти соли равон матлабе дар сомонаи “Азия Плюс” бо чунин мазмун ба табъ расид: дар арафаи ҷашни бошукӯҳи байналмилалии Наврӯз дар боғи Айнии пойтахт аттраксиони ҷолибе бо номи зебои “Дунёи афсона” дари худро барои кӯдакон боз кард. Маъмурияти ҳукумати шаҳр ба хотири болида доштани кӯдакони пойтахт ва меҳмонони он истифода аз аттраксионро дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз ройгон эълон намуд. Аммо ҳамон рӯзи 21 март то нисфирӯзӣ аллакай чанд қисмати ҷонварони маснӯӣ (динозаврҳо) осеб дида, ин макон ба партовгоҳи коғазу салафанпораҳо табдил ёфт ва 15 нафар кормандони боғ ва ба ҳамин шумора кормандони милитсия натавонистанд тартибро нигоҳ доранд [1]. **Саволе ба миён меояд: чаро ҷомеаи мо фарҳанги муносибати эҳтиёткоронаро бо чунин неъматҳо, ки маҳз ба хотири болидарӯҳии худи ҷомеа эҷод шудаанд, надорад? Фарз кардем, ки кӯдакон ҳанӯз омода нестанд ва бисёр чизҳоро дарк намекунанд, аммо падару модарон ва калонсолоне, ки онҳоро роҳнамойӣ мекарданд, кучо буданд?**

Андеша

Дар шароити таҳдиди рӯзафзуни экстремизми байналмилалӣ ва гаройиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ин ду мушоҳидаи ҷолиб касро ба андешаи амиқ водор месозад. **Тибқи эътирофи умум, омилҳои асосии ташаккули шахсият дар ҷомеа маориф, дин ва фарҳанг, пеш аз ҳама, фарҳанги хонаводагӣ аст, ки дар заминаи сиёсати расмӣ фаъолият мекунанд.** Мо ба ҳадафҳои начиби худ дар мавриди бунёди ҷомеаи бофарҳангу солим замоне метавонем ноил гардем, ки муносибати байниҳамии ин омилҳоро ба тавозун орем ва таъсири мусбати байниҳамии онҳоро таъмин намоем. Саволи дигаре, ки аз ин ҷо ба миён меояд, аз як тараф, муайян намудани имкониятҳо ва монеаҳо дар ин самт ва аз тарафи дигар, пайдо намудани роҳу усули ҳалли мушкилот аст.

Оё мумкин аст, ки муаллиму мулло ва мактабу масҷид ба ҳам оянд?

Масъалаи мақом ва нақши дин дар ҷомеаи мо хеле муҳим ва дар айни замон ниҳоят нозук аст. Ҳар як андеша дар ин мавзӯъ метавонад аз ҷониби гурӯҳи муайян хуш пазируфта шавад, аммо дар айни замон ба арзишҳо ва ҳисси диниву ахлоқии қисми дигари ҷомеа халал ворид созад. Ва ин ҳама новобаста ба он ки мо аз оташи имтиҳони гуногуни таърих, аз ҷумла, ҷангҳои байниҳамиву бародаркушӣ гузаштаем.

Ҳама медонанд, ки муаллими ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ шогирди худро дар роҳи бад тарбият намекунад, уламои дин низ фақат маслиҳату насиҳатҳои хуб медиҳанд. Дар мактаб ҳам ба хонандагон кору пиндори нек ва кумаку ёрӣ расонидан ба дигаронро ёд медиҳанд, дар масҷид ҳам ҳамагонро ба зиндагии дуруст ҳидоят мекунанд. Аммо имрӯз дар ҷомеаи мо муаллиму мулло ва мактабу масҷид дар ду ҷониби мухолифи ҳам қарор гирифтаанд. Шояд мо гаштаву баргашта ба худ чунин савол мегузорем: Чаро чунин аст? Чӣ бояд кард, то ки муаллиму мулло, мактабу масҷид (чор ҳарфи «М») ба ҳамдигар халал нарасонида, барҳаксҳамдигарро пурра кунанд? Ҷавоби ин савол шояд осон аст: онҳо бояд ба пешвози ҳам оғӯш кушоянд. Аммо роҳҳои ба ин ҳадаф расиданро дақиқан наметавон пайдо кард.

Барои ҳалли ин муаммо, ба андешаи мо, аҳли ҷомеа бояд чанд чизи аслӣ (принсипӣ)-ро эътироф кунад. **Пеш аз ҳама, дин сиёсат нест. Тамоми таърихи инсоният гувоҳи он аст, ки вақте дин вориди сиёсат мешавад, қабл аз ҳама, симои ҳақиқии худро аз даст медиҳад.** Дин – ин тозагии муқаддас аст (дар идеал), аммо сиёсат вобаста ба омилҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ метавонад тағйир ёбад. **Сониян, дин - ин на фақат фикру зикр оид ба охирату зиндагии ондунёист, балки дирӯзу имрӯзу фардои мо низ аст.** Ва мо бояд на танҳо ба фикри «рӯзи қиёмат», балки ба фикри имрӯзу фардои худ низ бошем. **Сеюм, дар баробари мардумро ба риояи расму оини динӣ даъват намудан, насиҳатҳои волои Китоби муқаддас ва Пайғамбар (дуруди фаровон ба равони поки ӯ бод!)-ро оид ба аҳаммияти илму**

илмомӯзӣ (Аз гаҳвора то ба гӯр илм биёмӯз) ва меҳнати ҳалол (Аз ту ҳаракат, аз ман баракат, Нони ҳаром – душмани имон), эҳтироми дигарон, пеш аз ҳама, падару модар (Падар розӣ, модар розӣ – Худо розӣ ва ғайра)-ро набояд фаромӯш кунем.

Дар ин маврид ёдовар шудан аз як шеъри Муҳаммад Иқбол ба забони урду бо номи «Шиква ва ҷавоби шиква» аз аҳаммият холӣ нест [7, 342]. Мазмуни шеър чунин аст: Мусалмоне ба Худованд муроҷиат намуда, чунин шикоят мекунад: «Худоё! Ман ҳамеша намоз мехонам, рӯза медорам, фақат бо дастуру фармудаҳои Ту зиндагӣ мекунам, фарзандонро дар рӯҳияи эътиқоду имон ба Ту тарбият мекунам, дигаронро низ ба хондани намоз даъват мекунам. Аммо чаро Ту ба дигарон (мардуми Ғарбро дар назар дорад – А.Б.) ин қадар хушиҳои зиндагӣ ва бениёзиро ато фармудиву ману ҳаммаслакони ман дар фақру машаққат зиндагӣ мекунем?» Дар ҷавоб чунин садо меояд: «Эй, бандаи ман! Ман ба ту ақл ато кардам, то ки тавонӣ мустақилона фикр кунӣ, ман ба ту дастони тавоно ато кардам, то ки онҳо кори неку муфид анҷом диҳанд, ман туро пой бахшидам, ки то ки бо роҳи рост равӣ, ман ба ту забони гӯё бахшидам, то ки бо сухани нек ба дили дигарон роҳ ёбӣ, ман чашми туро бино кардам, то ки ба зиндагӣ дуруст нигоҳ кунӣ, ман гӯши шунаво додам, то бишнавӣ ва гӯш кунӣ… Магар ман гунаҳкорам, ту аз ин неъматҳо наметавонӣ истифода кунӣ?»

Нақши тарбияти хонаводагӣ

Ҳеҷ кас, ҳатто шахсе, ки ба атеизм майл дорад, бе хидмати мулло наметавонад зиндагӣ кунад. Ҳеҷ як мулло низ бе дигарон мулло нест. Муҳим он аст, ки ҳар яки мо ҷойи худро дониста бошем ва ҷойу мақоми дигаронро низ эътироф кунем. Муҳим аст эътироф кунем, ки ҳар кас бо рисолати мушаххас зода мешавад, ки Худованд ба ӯ назл кардааст. Ва набояд Худовандро дар замин иваз кунем, аз номи ӯ ҳукм кунем, ки кӣ мусалмон асту кӣ кофар, кӣ ба ҷаннат мераваду кӣ ба дӯзах. Муҳимтар аз ҳама, то вақте ки надонем, фарзанди мо ба чӣ майлу рағбат дорад, ба чӣ бештар қодир аст, чиро бештар дӯст медорад ва медонад, Худованд чӣ рисолатеро барои ӯ муқаррар кардааст, набояд кӯдаки бегуноҳро бо ғуруру ҳавобаландиҳои худ олуда созем, ояндаи қаблан омодакардаи худро ба ӯ бо зӯрӣ талқин кунем.

Кӯдакро набояд дар доираи тасаввуроти худ, мисли «ӯ фарзанди ман аст, чӣ хел шудани ӯро ман муайян мекунам» маҳдуд созем. Масалан, дар баробари насиҳатҳои падаронаи худ оид ба одоби ҳамида, даъват ба риояи расму оини динӣ дар сари дастархон, бояд бо саволҳои таҳриккунанда, аз қабили «Ин пиёла чӣ хел сохта шудааст?» «Медонӣ, ҳамин барқ чӣ хел пайдо мешавад?» «Аввалин бор фурӯзонакро кӣ ихтироъ кард?» ва ғайра ба дилу зеҳни ӯ шавқу рағбати касбу ҳунар ва илм омӯхтанро ҷой диҳем. Танҳо дар ҳамон сурат ақли худодод ба мо ошкор хоҳад сохт, ки рисолати фарзанди мо чист…

Мисоле, ки дар авввали сухан аз ҳодисаҳои Япония овардем, бесабаб набуд. Дар Япония кӯдаконро маҳз дар ҳамин рӯҳия тарбият мекунанд. Фақат ба рушду мустаҳкам намудани ҳамон қобилияту истеъдодҳои ӯ мусоидат мекунанд, ки ба он бештар майлу рағбат дорад. Вазифаи худро дар тарбияи одобу ахлоқи ҳамида медонанд, дар интихоби роҳи зиндагӣ, касбу ҳунар ва ихтисос ба фарзанд шароит фароҳам месозанд, чӣ тарз омӯхтан ва зиндагӣ карданро ба тарзи маҷбурӣ бор намекунанд.

Мо одат кардаем, ки ба шакли зоҳирӣ бештар эътибор диҳем, доир ба либоси ягонаи мактабӣ, ҳиҷобу риш баҳсу мунозиша карданро дӯст медорем, аммо моҳияти масъала – сифати таҳсилот, тозагиву зебоии ботинӣ ва фикру андешаро аз мадди назар дур мекунем. Мо намехоҳем, ё ҳанӯз дарк накардаем, ки барои инсон сифату маҳорати ӯ муҳим аст, на либосу рангу симои ӯ.

Сиёсат ва дин

Саволе ба миён меояд: Оё сиёсат ва дин метавонанд дар ҷомеаи мо дар мувозинату мувофиқат ҳамзистӣ намоянд? Ҳеҷ чизи имконнопазир нест! Гузашта аз ин, мо метавонем танҳо дар ҳамин ҳолат ба муваффақиятҳои намоён дар рушди маънавии насли ҷавон ноил гардем. Ҳоло фарзандони мо аз рӯйи се «барнома» таълиму тарбия мегиранд: барномаи

якумро мактаб пешниҳод мекунад, дар хонавода тибқи «барнома»-и дигар муносибат мекунанд, бо «барнома»-и сеюм дар кӯчаву хиёбон – ҷомеа рӯ ба рӯ мешаванд.

Таҳлили ҷашну маросимҳои таърихии халқҳои ҷаҳон гувоҳи онанд, ки инсоният дорои тамаддуни ягонаи куҳан аст. Аз ҷумла, дар Япония низ рӯзҳои баробаршавии шабу рӯз (март ва сентябр) аз муҳимтарин ҷашнҳои миллист ва бо номҳои «Хигани баҳорӣ» ва «Хигани тирамоҳӣ» ёд мешаванд. Ҷашнҳои сирф миллӣ ҳеҷ гоҳ бо ҷашнҳои динӣ мухолифат намекунанд [2, 76].

Дар муҳити имрӯза хеле муҳим аст, ки ҳамаи мо, беистисно, ҳам ҷашну идҳои таърихӣ, ҳам идҳои Рамазону Қурбон ва ҳам ҷашнҳои нави миллиро яксон – қарину азиз қабул кунем. Хеле мехоҳам, ки дар ҳақиқат, таърихи худро аз замонҳои қадим азизу пос дошта бошем, на аз замони густариши Ислом дар сарзамини мо. Натанҳо арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динии худ, балки арзишҳои нав, дастовардҳои нави замони истиқлолиятро низ ҳифз кунем, густариш диҳем. Агар дар чунин мувозинату мувофиқат зиндагӣ карданро биёмӯзем, итминони комил дорам, ки дар ҳақиқат ба Худованд наздиктар мешавем. Ва Ӯ подоши амали неки моро хоҳад дод!

Бо сабаб бояд мубориза кард, на бо натиҷа

Терроризми байналмилалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун хатари асосии арзишҳои инсонӣ ва амнияти умумиҷаҳонӣ эътироф шудааст. Тибқи маълумоти расмӣ ҳоло бештар аз 1000 шаҳрвандони Тоҷикистон ба гурӯҳҳои гуногуни ифротгаро дар Шарқи Наздик ва Афғонистон ҷалб шудаанд. Барои пешгирии гаройиши насли ҷавон ба ин гурӯҳҳо дар ҳамаи сатҳҳо чораҳои гуногуни зарурӣ андешида мешаванд, семинарҳову мулоқот, корҳои фаҳмондадиҳӣ давра ба давра баргузор мегарданд. Ҳамаи ин хеле зарур аст. **Аммо ба назар чунин мерасад, ки мо мехоҳем бо натиҷа мубориза кунем, на бо сабаб. Мо ин гуна шахсони ба истилоҳ «гумроҳшуда»-ро пайдо мекунем, чораҳо меандешем, зиндонӣ мекунем. Аммо дар масъалаи он ки чаро ва чӣ гуна онҳо ба ин ҳол афтодаанд, сабабҳои ин падида дар кучо ниҳонанд, кам андеша меронем.** Фарзияҳое, ки гунаҳкорони асосӣ дар ин кор диндороне мебошанд, ки барои ҷалби ҷавонон ба муҳити таъсиррасонии худ саъю кӯшиши беандоза мекунанд, бештару бештар садо медиҳад. Чаро чунин ҳодиса рух медиҳад? Табиист, ки сабабҳои ин падидаи номатлуб метавонад гуногун бошад. Мо мехоҳем яке аз муҳимтарини онҳоро, ба андешаи худ, баррасӣ намоем.

Нақши адабиёт ва таърих дар ташаккули шахсияти солим

Асосҳои ташаккули шахсияти наврасон дар оила ва мактаб гузошта мешавад. Вале маҳз дар мактаб хонанлагони наврас моҳияти зиндагиро ба таври худ мефаҳмидагӣ мешаванд. Фикр мекунам, ки ҳама инро эътироф мекунанд. Дар барномаи таълимии мактаб ҳамаи фанҳо муҳиманд, ҳамаи онҳо дар таълиму тарбияи хонандагон мавқеи хосаи худро доранд. Аммо, ба ҳар ҳол, адабиёт ва таърих дар ин ҷода мавқеи хоссатаре доранд. Маҳз тавассути таълиму омӯзиши адабиёт ва таърих мо заминаҳои ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, сабру тоқат, мубориза бо падидаҳои номатлуб дар ҷомеа, умуман, асоси инсониятро дар кӯдакон ҷой медиҳем. Дар ҳоли ҳозир таҳсилоти миёна ба ду сатҳ – асосии ҳатмӣ (то синфи 9) ва миёнаи пурраи ғайриҳатмӣ (синфҳои 10-11) ҷудо шудааст. Тибқи маълумоти расмӣ ҳамасола аз 30% то 40%-и хонандагон таҳсилро пас аз синфи 9 тарк мекунанд [6, 213]. Ҳанӯз аз замони шӯравӣ барномаҳои таълим тарзе таҳия шудаанд, ки таърихи навтарин ва адабиёти муосир дар синфи 11 (пештар – дар синфи 10) хонда мешавад [4; 5]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки ҳамон гурӯҳи бачагоне, ки мактабро пас аз синфи 9 тарк мекунанд, роҷеъ ба таърихи навтарини халқи мо, аз ҷумла, даврони пас аз истиқлолият, маълумоти дақиқ надоранд. Мутаносибан онҳо адабиёти муосирро низ намеомӯзанд. Ин гурӯҳи бачагон маълумотро роҷеъ ба ҳодисаҳо (ҷанги шаҳрвандӣ)-и солҳои навадум ва солҳои аввали барқарорсозии ҳаёти осойишта аз забони падарону тағоҳо (ки аксаран дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва дӯст медоранд, ки дар ҳама мушкилиҳои зиндагии худ дигарон, аз ҷумла, давлату ҳукуматро гунаҳкор кунанд) ва ё аз ҳамон муллоҳое, ки барояшон тарзи дунявии сиёсату идораи давлатдорӣ маъқул нест, мегиранд. Аз ин ҷо саволи мантиқӣ ба миён меояд: Магар беҳтар нест, ки барномаи

таълимро тарзе тағйир диҳем, ки таърихи навтарин ва адабиёти муосир на дар синфи 11, балки дар синфи 9 омӯзонида шавад? Ҳам дар таърих ва ҳам дар адабиёт давраи рушду гулгулшукуфии халқи тоҷик аз ибтидои асри X (давраи Сомониён) оғоз мегардад. Агар омӯзиши таърих ва адабиётро на аз давраҳои қадим, балки маҳз аз ҳамин давра оғоз намоем, курси пурраи онро дар синфи 9 тамом карда метавонем. Давраҳои қадими таърих ва адабиётро метавонем барои хонандагони синфҳои 10-11 пешниҳод кунем. Барои ворид кардани чунин тағйирот маблағҳои иловагии молиявӣ лозим нест. Вале агар таҳсилоти 11-соларо ҳатмӣ эълон кунем (ки он ҳам яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала аст), маблағҳои иловагии молиявӣ лозим мешаванд.

Дар айни замон масъалаи дурустӣ ё оқилона будани тарзи омӯзиши адабиёт дар ҳамон шакле, ки имрӯз ҳаст, таҷдиди назар мехоҳад. Мо на адабиёт, балки таърихи адабиётро таълим медиҳем. Мо бачагонро на ба он хотир дарс медиҳем, ки адабиётро дӯст доранд ва аз он дар зиндагӣ истифода кунанд, балки адабиётшинос шаванд. Дар натиҷа, аз филологи оянда ҳам донистани курси пурраи таърихи адабиётро талаб мекунем, аз физику математики оянда ҳам. Бояд эътироф кард, ки дар китобҳои дарсии адабиёт ба масъалаҳои истифодаи дониши андӯхта дар зиндагии муосир хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, саволу супоришҳо бештар ба таҳлили матн, омӯзиши луғат (ки аксари он имрӯз аз истеъмол баромадааст) ва аз ёд кардани порчаҳои шеърӣ равона шудаанд.

Ба андешаи мо, роҳи бештар оқилона ва самараноки таълими адабиёт дар мактаби миёна таълими он аз рӯйи мавзӯъ аст, на додани маълумоти хронологӣ доир ба ҳар як давраи таърихӣ. Ба норасоиҳои пешниҳоди маводи таълимӣ дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик мо ҳанӯз соли 2013 ишора карда будем [3]. Муҳимтарин мавзӯъҳои ташаккули шахсият – донишандӯзӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳифзи Ватан ва ватандӯстӣ, накукорӣ, эҳтироми волидайн ва калонсолон, васфи ишқи пок, аз як тараф ва танқиди падидаҳои номатлуби зиндагӣ ва муборизаи бо онҳо, аз тарафи дигар, қариб дар эҷодиёти ҳар як адиби барҷастаи классикӣ ва муосир инъикос ёфтаанд. Барои он ки дар зеҳни хонанда, масалан, роҷеъ ба дӯстии ҳақиқӣ тасаввуроти аниқу амиқ пайдо шавад, шарт нест, ки мо васфи дӯстиро дар эҷодиёти ҳар як адиб ба тарзи алоҳида пешниҳод кунем. Агар беҳтарин гуфтаҳои адибонро – чи классикӣ ва чи муосир, дар ин мавзӯъ таҳлил намуда, ба хонандагон пешкаш кунем ва онҳоро ба баҳсу андеша дар атрофи ин масъала водор созем, хонанда мавзӯъро дар шакли пурра аз худ мекунад, андешаи худро баён мекунад, бо дигарон вориди баҳс мешавад, беҳтарин гуфтаҳоро тибқи шавқу завқи худ аз ёд мекунад, дар зиндагии ҳамарӯза истифода мекунад. Омӯзиши муҳимтарин мавзӯъҳои динӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла, хатароти таассуб (фанатизм), боварҳои беасос, таклиди кӯр-кӯрона, ташаккули пуртоқатӣ ва ғайра низ набояд аз мадди назар дур монад. Ҳоло дар барномаи таълими синфҳои болоӣ таълими фанни «Таърихи дин» ҷорӣ шудааст. Дар доираи ин фан гунҷонидани ҳамаи мавзӯъҳои мазкур, ба андешаи мо, мушкил аст. Агар онро «Диншиносӣ», «Фарҳанг ва дин», «Дин ва ҷомеа» ва монанди он номгузорӣ кунем ва моҳияту мазмунашро низ бо ин мақсад такмил диҳем, беҳтар аст.

Ба ҷойи хулоса

Андешаҳои иброзгардида ҳаргиз ба маънои таҳмили андешаҳои худ ба дигарон нест. Ҳадафи асосии мо зикри аҳаммияти мавзӯъ ва табодули назар ба хотири расидан ба ҳадафҳои нақшиби худ аст. Дар ин давраи ҳассос хеле муҳим аст, ки тамоми имкониятҳоро якҷоя ба кор барем, то ки барои насли наврас заминаҳои ҳақиқии ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта ва қавиироданро фароҳам созем. Барои падидаҳои номатлубе, ки аз гурӯҳи муайяни ҷавонон сар мезанад, фақат онҳоро гунаҳкор накунем, балки тафаккуру муносибати худро низ тағйир дода, аз пайи ислоҳи фаъолиятҳои худ низ бошем. Ва инро бояд имрӯз шурӯъ кард, на фардо. Фардо шояд дер мешавад…

АДАБИЁТ:

1. WWW//AsiaPlus.tj

2. Байзоев А. Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана. –Душанбе: Эр-граф, 2016. – 112 с.

3. Байзоев А. Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад. “Адабиёт ва санъат”, №8, 21.02.2013.

4. Барномаи таълими адабиёти тоҷик барои синфҳои V-XI. Мураттибон Шарифов Х., Тоиров У. – Душанбе, 2007. – 80 с.

5. Барномаи таълими Таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Мураттибон Ҳотамов Н., Набиева Р., Ҳокимов Н. -Душанбе, 2016. – 40 с.

6. Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 1. - Душанбе, 2017.- 436 с.

7. Ҷовид Иқбол. Ҷовидон Иқбол. Зиндарӯд. Ҷилди 3. Тарҷумаи форсӣ аз Шаҳиндухт Комрон. Лоҳур: Академияи Иқбол, 1987. – 486 с.

ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТӢ – ТАҚОЗОИ ЗАМОН

ИМОМНАЗАРОВ Д. *– мудири шуъбаи омӯзиши стандарт, нақша, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *idavlat@mail.ru, тел.: +(992) 90 006 61 81.*

Муаллиф дар мақола сабабҳои воридшавии ҷавононро ба гурӯҳҳои терроситӣ баён месозад ва шарҳ медиҳад. Муаллиф дар мақола инчунин мақсаду маромии воқеии гурӯҳҳои террорисӣ, амалҳои ғайриинсонӣ, ифротгароии онҳо маълумот дода, сабабҳои ноором намудани фазои орому осудаи ҷомеа, ба харобазор табдил додани мамлакатҳои гуногун, ҷаҳду талоши баҳрамандиҳои молиявӣ, дастрасӣ ба сармоягузорҳои ғайриқонунӣ муайян месозад.

Вожаҳои калидӣ: *терроризм, ифротгароӣ, муҳоҷират, абарқудрат, халифат, байналмилалӣ, муноқиша, минтақа, ҷавонон, илм, тарбия.*

ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ ТЕРРОРИЗМА – ТРЕБОВАНИЕ ВРЕМЕНИ

ИМОМНАЗАРОВ Д. *– зав. отделом изучения стандартов, учебных планов, госпрограмм и учебников, Института развития образования имени А. Джами АОТ, Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail****: idavlat@mail.ru, тел.: +(992) 90 006 61 81.*

Автор объясняет причины вхождения молодежи в террористических групп. А также, цели и объективные факты их создания, дискриминационные акты и экстремизм, создания хаоса и неуправляемости в разных странах, разрушения благоустройенных городов и целых стран, получение доступа к финансовым рычагам и незаконным инвестициям.

Ключевые слова: *терроризм, миграция, халифат,международный, конфликт, регион, молодежь, наука, воспитание.*

WARNING TERRORISM – TIME REQUIREMENT

IMOMNAZAROV D. *- head of the Department for studying standards, curriculum plans, state programs and textbooks, the Institute for the Development of Education named after A. Jami AET, Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail****: idavlat@mail.ru, mob.: +(992) 90 006 61 81.*

The author explains the reasons why young people enter terrorist groups, the goals and objective facts of creating such groups, discriminatory acts and extremism, creating chaos and uncontrollability in countries, destroying well-maintained cities and entire countries, gaining access to financial levers, illegal investments, etc.

Keywords*: terrorism, migration, caliphate, international, conflict, region, youth, science, education.*

Дар қарни XXI инсоният бештар ба хатари ҷиддӣ, ба монанди, терроризм ва ифротгароӣ дучор гардидааст, ки яке аз падидаи номатлуби замон арзёбӣ гардида, он воқеан, хатари умумиинсониро дар сайёра рӯз аз рӯз бештар гардонидааст. Нигаред, ба муносибатҳои тезу тунди ҷаҳони имрӯза, ки террор ва терроризм, ифротгароӣ дар он чӣ қадар афзудааст ва рӯзе нест,ки хатари он ба мардуми осоиштаи дунё таҳдид накунад. Масалан, амалҳои террористӣ дар давлатҳои гуногуни дунё Британияи Кабир, Ирландия, Испания, Шарқи Наздик, Ҳиндустон, Колумбия, Итолиё, Россия, Амрико, Фронса, Олмон ва ғайра ба назар мерасад, шаҳру минтақаҳои аҳолинишини ободу зебои давлатҳои ҷангзадаи Афғонистон, Ироқ, Сурия ва ғайра ба замин яксон шуда, мардуми зиёди бегуноҳ аз ин кишварҳо фирор кардаанд ва сарсону саргардон, дар муҳоҷират хору зор гардидаанд.

Албатта, шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои терроористӣ сабабҳои худро дорад, аз ҷумла пайвастани ҷавонони каммаърифат ба ин гурӯҳҳост. Яке аз мақсадҳо ин ноором намудани фазои орому осудаи ҷомеа, аз байн бурдани ҳокимияту давлат маҳсуб меёбад. Ҷаҳду талоши гурӯҳҳои мазкур бахрамандиҳои молиявӣ,дастрасӣ ба сармоягузорҳои ғайриқонунӣ, қоеъ намудани маромиманфиатҷуёни хориҷӣ, яъне хоҷагони онҳо мебошад.

Ташкил, роҳандозии амалиёти гурӯҳ ё ҳизбу ҳаракатҳои мазкур ҳамчун василаи фишор ва ***амалисозии манфиат ва талоши давлатҳои абарқудрат*** дар кишварҳои дунё, бахусус, исломӣ мебошад. Мисоли он дар ходисаҳои нанговари давлатҳои Ироқ, Сурия, Лубнон, Яман, Афгонистон ва Покистон бештар ба мушоҳида мерасад. Мутаассифона, мувофиқи маълумот қисме аз ҷавонону наврасони раҳгумзадаи кишвари моро низ аз тарафи гурӯҳҳову шахсони алоҳидаи манфиатҷӯ ба сафи гурӯҳҳои мазкур,аз ҷумла ба гурӯҳҳои террористии ба ном «Давлати исломӣ» шомил мегардонанд ва онҳо дар амалҳои тарроститӣ ширкат доранд.

Дар бораи ташкили «Давлати исломӣ» ҳанӯз дар соли 2014 исломшиноси ироқӣ Абу Бакр ал- Арабӣ, бо исми Абу-Дуа ё халифа Иброҳим (Ал-БаҒдодӣ) низ машҳур аст, хабар додааст. Дар бораи шахсияти ин одам то ҳанӯз иттилооти кам дастрас гардидааст ва ҳатто ба ҷангиёни худӣ низ ӯ «аз таги ниқоб» фармон медодааст. Аслан ӯ шаҳрванди давлати Ироқ буда, тахмин меравад, ки дар аснои воридшавии сарбозони Арико (баъзе муҳаққиқон инро «ташвиқот» мепиндоранд) ба Ироқ ӯ ба ҳайси мударриси масҷид адои вазифа кардааст. Сарбозони Амрико ӯро дастгир карда, ҳамчун яке аз тарафдорони фаъоли террористон ба маҳбас кашидаанд. Баъди аз маҳбас озод шудан ӯ ба қатори фаъолони «Ал-қоида» дар Ироқ пайвастааст. Ӯ баъди захмдор шудан паногоҳ ҷуста, дар шаҳри Мосул ё дар наздикии сарҳадҳои давлати Урдун маскан мегирад.

Абу Бакр ал - БаҒдодӣ «Давлати исломӣ»-ро бо мақсаде бунёд намуд, то ки фармонфармоиро дар ҳудуди вилоят, минтаҷа, кишварҳои забткардааш таҳти назорати «исломиён» қарор диҳад. Аз оғоз силоҳбадастон мехостанд, иттиҳоди неруманди исломиро таъсис диҳанд, ки аввалан, он бояд бар зидди давлати дунявӣ муборизаи бурда тавонанд, баъдан, хилофати умумиҷаҳонӣ, ки аз рӯйи шариат кору фаъолият менамояд, барқарор кунад ва дар навбати аввал бо кулли “мухолифони ислом”ва тарафдорони ИМА муборизаи мебаранд ва давлати Исроилро аз байн барад.

Дар соли 2016 дар рӯзномаи “Ал - Наба”, ки онро “Давлати исломӣ” нашр менамояд, оварда шудааст, ки дар назди онҳо масъалаи барқарор намудани ҳокимияти онҳо дар Ироқ ва Сурия, сонӣ несту нобуд кардани “Ҳукуматдорони бехудо”дар дохили кишварҳои мусулмонӣ меистад.

Буҷети яксолаи «Давлати исломӣ» дар соли 2014 -2 млрд. $-ро ташкил медод ва он сол аз сол аз ҳисоби ғоратгариҳои зиёд, аз ҷумла аз ҳисоби даромади фурӯши нефти тасарруфшуда афзоиш меёбад.

Вале дар муқоиса бо солҳои пешин ташкилоти мазкур ба маротиб пурқувват гардид ва он ба маркази нави тарансмилии террористӣ бо шабакаи калони агентура, ячейкаҳои «хобрафта» ва таҷрибаи ташкили идораи маъмурӣ ва қуввоҳои мусаллаҳи пуртаҷриба, ки

аз рӯйи қобилияти ҷангӣ, нерӯ аз артишҳои доимии кишварҳои Шарқи наздик ба маротиб бартарият дошт, табдил ёфт.

Вобаста ба ҳуҷҷатҳои бадастомадаи «исломиён», пешвоёни «Давлати исломӣ», барои таҳти тасарруф қарор додани ҳудуди давлати Ироқ ҳанӯз дар соли 2015 омодагӣ медиданд. Ба сифати чораҳои пешгирикунанда ва дар ҳолати махфӣ нигоҳ доштани он органҳои паралелии фарҳмондеҳӣ таъсис доданд, ки дар ҷойҳо ба ин гурӯҳҳо барои дар гузаронидани амалиёт мустақилият дода шуда буд.

Амалиёти ҷангии онҳо таҳти шиори «ҳарчанд бадтар, ҳамон қадар хуб» сурат мегирад, ҳар чӣ қадар ҷабрдидагон дар байни аҳолии осоишта зиёдтар бошанд, ҳамон қадар ҷиҳодкунандагон хушҳол мегарданд. Ин далели асосӣ барои фаъолияти ташкилот ва фарох гардонидани доираи «халифат» ва «рушди қуввахои муссалаҳи нерумандҳ» имконияти бештар меовард ва зарари ҷиддӣ ба аҳолии осоишта ва зарари иқтисодӣ ба шаҳру мамлакат мерасонд, ки аз ҷониби террористон он хеле муҳим дониста мешуд.

Ҳанӯз дар моҳи январи соли 2016 «Давлати исломӣ» бештар аз 70 000 м.кв ҳудудуди давлатҳои Ироқ ва Сурияро таҳти тассарруфи худ қарор дод, вале дар охири сол аз он 14% -ро аз даст доданд ва 60 400 м.кв.-ро нигоҳ дошта тавонистанду халос. Гурӯҳҳои террористӣ бо куштору ғоратгариҳои худ дар дили одамони сайёра тарсу воҳимаро ҷой карданд ва аз ҳисоби ҷавонони каммаърифат, ноогоҳ, ҳавобаланду манфиатҷӯ сафи худро зиёд намудаанд. Ҷавонони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, тоҷикон ҳам дар ҳайати онҳо кам нестанд, ба таври фиреб ба доми гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ афтода, дар бораи аҳли оилаи худ андеша намекарданд, онҳоро сарсону саргардон намуда, ба сари падару модарони худ ғаму кулфат оврданд.

Дар солҳои охир «Давлати исломӣ» аз 13 минтақаҳои худэътирофгардида (33 адади онҳо дар Ироқ ва Сурия), ки онҳоро террористон ҳудуди ишғолкардаи худ меҳисобиданд, дар натиҷаи муҳорибаҳо бенасиб гардиданд. Ин аздастдиҳӣ ва мағлубиятҳо гурӯҳҳои террористиро водор сохтанд, ки амалиёти ғоратгаронаи худро ба кишварҳои дигар, ки онҳоро территорияи муҳоҷирон меноманд, гузаронанд.

Аз мактубҳои пешвои гурӯҳи номбурда Абу Бакр ал- Бағдодӣ,ки дар Лубнон ёфт шуданд, маълум мегардад, ки он тарафдоронашро барои ба давраи нави муноқиша дар минтақаҳои дигар ё бар қаламрави муҳоҷирон гузаштан даъват намуда, нияти дорад онҳоро дар амалиёти терростӣ дар Египет, Тунис ва Алҷазоир истифода барад. «Давлати исломӣ» дар баробари он мехоҳад «назорати худро аз болои Ҷануби Синай ва биёбонҳои Ливия, Сомалӣ ва шаҳри Филипин Маравӣ барқарор намояд, қайд мекунад эксперт оид ба соҳаи бехатарӣ Фадхил Абу Рагиф.

Мушоҳидон ин қадами гурӯҳи «Давлати исломӣ»-ро ҳамчун мағлубият дар Ироқ ва Сурия, ки дар давраи гузашта аз тарафи гурӯҳҳои силоҳбадаст ҳамчун «ҳудуди омодагӣ ва назорат» ва макони «халифат» ҳисобида мешуд, эътироф намуданд.

Ба гуфти сафири кишвари Сурия дар Федератсияи Россия дар ҳайати гурӯҳҳои «Давлати исломӣ» қариб 10 ҳазор сарбозони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шомил буданд ва онҳо дар минтақаҳои гуногун бераҳмона меҷангиданд ва ба бехатарии милии давлати Россия халал ворид месохтанд.

Натиҷаи пурсишномаҳои сотсиологӣ дар солҳои охир нигарониҳои мардумро оид ба фаъолгардии амалиёти гурӯҳҳои террористии «Давлати исломӣ» ба қайд гирифтаанд,ки боиси ташвиш аст. Албатта, воридшавии хоҳишмандони зиёд ба сафи «Давлати исломӣ» дар солҳои 2015 ва солҳои минбаъда,аз ҷумла аз кишварҳои Европаи Ғарбӣ мардумро ба изтироб овардааст. Афзоиши сафи гурӯҳҳои террористӣ, пеш аз ҳама ҷанговароне,ки дар кишварҳои Ироқ ва Сурия мардуми осоиштаро азобу шиканҷа медоданд, ҷомеаи ҷаҳониро водор сохт,ки бештар ба теъдоди гуррӯҳҳои мазкур таваҷҷуҳ намояд.

Ҳамагӣ дар тарафи теророристон дар Ироқ ва Сурия, бо назардошти гузориши Маркази байналмилалии таҳқиқоти проблемаҳои радикализм ва зӯроварии сиёсӣ (ICSR) 20 730 шаҳрвандони кишварҳои ҷаҳон меҷангиданд. Теъдоди асосии онҳоро аҳолии кишварҳои Шарқи Наздик – 11 000,собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ - 3 000 ташкил медод.Аз рӯйи

ҳисоботи тахминӣ 5-10%-и хориҷиён дар рафти муҳорибаҳои ҷангӣ ба ҳалокат мерасанд, 10-30% минтақаи муноқишаро тарк карда, ба Ватан ё дар кишварҳои транзитӣ мондааанд.

Мувофиқи баъзе нишондодҳо дар кишварҳои Сурия ва Ироқ дар ҳайати «Давлати исломӣ» 4 000 нафар аз мамолики Ғарб, аз онҳо 550 нафар занон дар амалиёт иштирок мекарданд

Гузашта аз ин, барои мисол, агар мувофиқи нишондодҳои IHS Conflict Monitor то моҳи октябри соли 2016 қариб 6 млн. аҳолии осоишта дар ихтиёри ифротгароён қарор дошта бошад, дар моҳи апрели соли 2017 Ҳукумати Ироқ эълон намуд,ки гурӯҳи террористони одамкуш танҳо 7% ё камтар аз 30 000 м.кв территирияи мамлакатро назорат мекунанд. Дар Сурия низ армияи «Давлати исломӣ» ба мағлубияти ҳам таблиғотӣ ва ҳам ҳарбӣ дучор гардид. Ин зарбаи шадиде ба мошини таблиғотии террористон, ки ҳамеша такя ба интихоби ҷангчӯён ва паҳн намудани терроризм дар тамоми дунё мекарданд, ба ҳисоб меравад ва он ба мағлубияти онҳо замина гузошт.

Новобаста ба муқовимати шадид «Давлати исломӣ» назорати худро аз болои минтақаҳои Сурия ва Ироқ асосан аз даст дод ва минтақаҳои кишварҳои номбурда аз зери тасарруфи он озод гаштанд, гурӯҳҳои дигари аз ҷониби коолитсияи «Ғарб» дастгириёбанда низ дер ё зуд торумор мешаванд.

Ҳамзамон хеле ҷолиб аст,ки ба ҳайати гурӯҳҳои ифротиву террористӣ киҳо ва чӣ тавр шомил мешуданд?

- Теъдоди зиёди ҷавонон (аъзои гурӯҳҳои террористӣ) – ***мардони ҷавон бо сатҳи пасти маълумотнокӣ ва дар таҳсил қафомонда:*** (тавассути шабакаи Интернетӣ онҳоро ба воридшавӣ ба ҷараёнҳои террористӣ ҳидоят менамоянд);

- ***миқдори зиёди мавҷудияти масҷидҳо:*** ҷавонони зиёд ва дар рӯзи ҷумъа кормандони муассисаҳо низ ҷамъ меоянд;

- ***саҳми нокифояи васоити ахбори омма:*** барномаҳои мазмунан пасти радио, телевизион ва дигар васоити таъсиррасони оммавӣ;

- ***пешниҳоди маводи таблиготӣ:*** «Давлати исломӣ» тавассути ташвиқот ҷавонони нокомро ба гурӯҳи худ шомил мегардонад;

- ***коркарди муносибати махсус ба ҳарбиёни ҷавон***: Дар ин самт бештар ба ҳисси норозигии афсарон нисбат ба фармондеҳон истифода карда мешавад;

- ***раҳёфтҳои махсус нисбат ба занҳо:*** занони ҷавон (бештар барои иштирок дар муҳорибаҳои ҳарбӣ, хитзматрасонии зарурати гурӯҳҳои ҷангчӯ ё барои такмили системаи ҳаётии давлати мазкур (кормандони тиббӣ, ҳуқуқшиносон, кормандони соҳаи нафту газ…) ташвиқот карда мешаванд, вале дар раванди таблиғот масъалаи иштирок дар ҷанг бардошта намешавад;

- **ширкат дар *муоширати махсус:*** Дар маҷаллаҳои нашрӣ, интернет- заммимаҳо, ҷомеа ва гурӯҳҳо дар шабакаҳои иҷтимоии таррористон сараввал ба пешниҳоди ҷолиби муҳокимаи масъалаҳои сиёсӣ, геополитикӣ, лидери ҷаҳонӣ, вазъият дар Шарқи Наздик, масъалаҳои дини ислом ва омӯзиши забони арабӣ фаро гирифта мешаванд. Баъди мушоҳидаи шавқмандӣ ба гурӯҳи «Давлати исломӣ»

- ***таъсири психологӣ*** ва дигар намуди ташаккули шавқмандӣ бо мақсади шомил намудани ҷавонон ба узвияти гурӯҳҳои террористӣ;

- ***хадамоти махсуси хориҷӣ дар минтақа:*** андешаҳоро миёни ҷавонон паҳн ва интишор медиҳанд ва онҳоро ба гурӯҳҳо ҷалб мекунанд;

- **исломшиносон** борҳо таъкид карданд, ки амалҳои террористии аъзои «Давлати исломӣ» ва дигар гурӯҳҳои экстеремистӣ ва террористӣ, ки бо номи «ҷиҳод» анҷом дода мешаванд,ҳазорҳо нафар шаҳрвандони осоишта, кӯдакону бонувон ба ҳалокат мерасонанд, шаҳрҳо ва минтақаҳои аҳолинишинро вайрону валангор мегардонанд;

- ***манфиатҳои давлатҳои абарқудрат:*** дар ҳодисаҳои давлатҳои Ироқ, Сурия, Яман, Афгонистон, Покистон ва ғайра ба осонӣ мушоҳида карда мешаванд;

- ***таъсири васоити иттилоотию иртиботӣ***: (таблиғоти бардурӯғ ва фишорҳои гуногуни шабакаи интернетӣ, сомонаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва минбаъд бо онҳо пайвастани ҷавонони раҳгумзадаву каммаърифат)

- сатҳи нокифояи шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва бекории ҷовонон дар солҳои охир;

Ҳаёти сиёсии муосир аз ҷавонон ҳушёрӣ, зиракии сиёсӣ, ақлу хиради ташаккулёфтаро талаб менамояд. Ҳар як шаҳрванди солимфикр бояд аз рӯйи донишу малака, ҷаҳонбинӣ, фарҳангу маърифати хеш дар раванди созанда ширкат варзида, дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, қабули ин ё он қарор бояд масъулияти баландро ҳис намояд.

Падару модарони ҷавонони имрӯзаи кишвар бояд баҳри баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, тарбияи камолоти маънавӣ, таҳти назорати доимӣ қарор додани тамоми амалиёти фарзандон тадбирҳои мушаххас андешанд, то ки фарзандони онҳо «бозича»-и дасти дигарон нагарданд ва ҳаёти худ ва Ватани маҳбубро дар хатар намонанд. Яъне ягона илоҷи раҳоӣ аз фарогирии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ ин андешидани чораҳои муассир баҳри тарбияи комили фарзандон мебошад.

АДАБИЁТ:

1. http://carnegie.ru/commentary/71349
2. http://www.aymennjawad.org/2015/06/islamic-state-training-camps-and-military
3. https://www.bellingcat.com/news/mena/2016/02/16/tip-of-the-spear-meet-isis-special-operations-unit-katibat-al-battar/
4. http://www.aymennjawad.org/2016/01/an-account-of-abu-bakr-al-baghdadi-islamic-state
5. http://www.independent.co.uk/news/world/middle-east/isis-iraq-foreign-fighters-return-europe-refusing-fight-sick-notes-a7567131.html ,[6]
6. Наумкин В.В. Глубоко разделенные общества Ближнего и Среднего Востока: конфликтность, насилие, внешнее вмешательство // Вестник Московского университета. Серия 25: Международные отношения и мировая политика. 2015. No 1. С. 66–96.

ТАНҲО АСОЛАТИ МИЛЛӢ ҶАВОНОНРО АЗ ИФРОТГАРОӢ НИГОҲ ДОШТА МЕТАВОНАД

СУЛТОНМАМАДОВА М. *– мудири бахши докторантура, аспирантура ва унвонҷӯии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *m.sultonmamadova@mail.ru, тел.: +(992)93 588 31 12*

Муаллифи мақола сабабҳои зуҳуроти рафтори террористиро шарҳ дода, ҳадафи ҷавононро вобаста ба талабҳои сиёсиву иҷтимоӣ баррасӣ менамояд. Инчунин қайд карда мешавад, ки ифродгарои сарҳад надорад ва доимо характери умумӣ дошта, амали ҷинояткор бар зидди шахсиятҳои алоҳида, ҷамъият ва давлат тарҳрезӣ мегардад.

Вожаҳои калидӣ: *ҷавонон, ҷаҳонишавӣ, терроризм, ифротгароӣ, шахсият, ҷинояткор, амали террористӣ, оромӣ, тафаккур.*

НАЦИОНАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ - ОСНОВА ПРЕДОСТЕРЕЖЕНИЯ МОЛОДЕЖИ ОТ ТЕРРОРИЗМА

СУЛТОНМАМАДОВА М. *– зав. сектора докторантуры, аспирантуры и соискательста института развития образования им. Абдурахмана Джами АОТ, г. Душанбе, ул. Айнӣ 45.* ***E-mail:*** *m.sultonmamadova@mail.ru, тел.: +(992)93 588 31 12*

Автор разъясняет причины террористических актов и намерение молодежи к политическим и социальным требованиям. Террористические акты не имеют границ и всегда носят публичный характер, который направлен на воздействие террористов на отдельные личности, общество и государство.

Ключевые слова: *молодежь, глоболизация, терроризм, экстремизм, личность, преступник, террористический акт, спокойствие, мышление.*

NATIONAL IDENTIFY AS A WAY OF THE YOUNG PEOPLE PROTECTING FROM TERRORISM

SULTONMAMADOVA M. *– Head of Doctoral and Post-graduate Studies Department, e Education Development Institute named by A. Jomi. Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail:*** *m.sultonmamadova@mail.ru, mob.: +(992)93 588 31 12*

The author explains the causes of terrorist acts and the youth's intention to political and social demand. Terrorist acts have no boundaries and always have a public character, which is aimed at the terrorist's impact on individuals, society and states.

Keywords: *youth, globolization, terrorism, extremism, person, criminal, terrorist act, calmness, thinking.*

Мубориза бо терроризм ва экстремизм
муборизаи муштараки кишварҳои дунёро тақозо менамояд.
Эмомалӣ Раҳмон.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳоло яке аз масъалаҳои асосӣ ва ташвишовари ҷомеаи ҷаҳонӣ авҷи терроризм ва ифротгаройӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ва созмонҳои террористӣ чи дар минтақа ва чи дар миқёси ҷаҳонӣ барои осоиштагии кишварҳо хатарҳои ҷиддӣ эҷод намудаанд, аммо барои як инсони одӣ фаҳмиши терроризм, экстремизм ва радикализм душворӣ пеш меоварад.

Бояд гуфт, ки мутахассисон дар ин масъала андешаи ягона надоранд. То ҳол таърифи аз тарафи олимон ва таҳлилгарон қабулшудае мавҷуд нест. Соҳибназарон ва таҳлилгарони касбӣ нисбат ба ин падидаҳо андешаҳои мухталиф доранд. Дар соҳаи омӯзиши табиати терроризм, экстремизм ва радикализм, шинохти он ҳамчун падидаи манфии ҷамъиятӣ таҳқиқоти ҷиддие ҳанӯз анҷом наёфтааст. Олимон, соҳибназарону таҳлилгароне, ки ба омӯзиши ин се падидаи манфӣ пардохтаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд нестанд.

Бояд қайд кард, ки терроризм ин падидаи мушкили гуногунҷанбаи ҳаёти ҷамъиятӣ буда, дорои таърихи чандасра ва хусусиятҳои равиявию мудҳиш мебошад, ки диққати ҷомеаи ҷаҳониро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст.

Шароит имрӯз моро водор мекунад, ки муборизa бо ифротгароии динӣ ва терроризмро чун масъалаи ҳаёту мамот қабул намоем. Шак нест, ки ин масъала ба сарнавишти давлатдории миллии мо гирех хӯрдааст. Лозим аст, ки ба шинохти моҳияти ифротгароии динӣ, дарки хатари воқеӣ ва ба муборизa алайҳи он таваҷҷуҳи бештаре намоем.

Тавре маълум аст, ифротгароёни динӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ аз зӯроварию хушунат истифода мекунанд, аз ин рӯ, дар зиндагии рӯзмарра фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои аъзои дигари ҷомеа қобили қабул нест. Ифротгароёни динӣ мекӯшанд, ки ҷомеа ва давлатро тарсонида, бо роҳи зӯрӣ инсонҳоро ба худ тобеъ карда, мақсадҳои худро ба аҳли ҷомеа таҳмил намоянд. Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ аз марҳилаи радикализм ба марҳилаи терроризм мегузарад.

Дар луғат «террор» (terror) ба маънои тарсондан ва даҳшатафканӣ омадааст. Истилоҳи «терроризм» барои ифодаи анҷоми амалҳои террористӣ ё даҳшатафканӣ дар роҳи ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ, идеологӣ ва иқтисодӣ истифода мешавад. Баъди ба зӯроварӣ ва қатлу куштор рӯ овардани ифротгароён ин амалашон ба ҳаракати террористӣ табдил меёбад. Ифротгаройӣ, тундравӣ ва даҳшатафкании динӣ нишонаҳои асосии гурӯҳҳои ифротгароии динӣ мебошанд.

Калимаи «террор» дар забони лотини бо ду маъно 1. **«тарс», «даҳшат»**, 2. **«предмети тарс», «ваҳмандозандаи ҳолат»** фаҳмида мешавад.

Аслан худи террор кардан, яъне тарс додани мардум, ба ваҳм овардани онҳо зуҳуротест, ки садсолаҳо ин ҷониб вуҷуд дорад. Терроризм зуҳуротест, ки дар дунё ҳанӯз чанд аср пештар пайдо шуда буд. Буданд нафароне, ки тавассути тарсу ваҳмандозӣ дар байни мардум ҳадафҳои нопоки худро амалӣ кардан мехостанд. Ҳамин аст, ки ҳанӯз дар асри XVIII олимони фаронсавӣ истилоҳи «террор»-ро истифода карда, хусусиятҳои амалҳои террористиро шарҳ додаанд.

Дар ҷомеаи русӣ истилоҳи «террор», ба гуфтаи муҳаққиқон дар асри XIX пайдо шуд, албатта, ин маънои онро надорад, амалҳои террористӣ дар ҳамин давра пайдо шуда бошанд. Истифодаи маҳз ҳамин истилоҳ маънои онро дорад, ки ин гуна амалҳои ғайриинсонӣ дар ҳамин давра махсус таваҷҷуҳи омма ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст ва таваҷҷуҳ кардан ба ин мафҳум ва истилоҳ маънои муборизаи омма ва сохторҳои дахлдорро бо ин зуҳурот нишон медиҳад.

Маъмулан, имрӯз дар муомила, дар забони илм ва воситаҳои ахбори омма ифротгароиро «экстремизм», тундравиро «радикализм» ва даҳшатафканиро «терроризм» мегӯянд. Аз ифротгароии динӣ то терроризм қадаме беш нест. Мушкил он аст, ки ифротгароии динӣ ба рӯҳия ва ахлоқи инсон, муносибати ӯ ба муҳит ва робитаҳои ҷамъиятии шахс таъсири бисёр ҷиддӣ мегузорад.

Ифротгароии динӣ ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти терроризм хусусиятҳое дорад, ки бо онҳо фарқ карда мешавад. Маъмулан ба ифротгароии динӣ шахсоне мегараванд, ки дониши нокифояи динӣ ва ҷаҳонбинии танг доранд, дар онҳо ҳисси инсонгароӣ, таҳаммулпазирӣ вуҷуд надорад, маърифати диниашон паст аст.

Терроризм ва ифротгароӣ аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш – таҳдид, зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, таҷовуз, бенизомӣ, тағйири сохти конституцсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан, гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат мумкин аст, эътирозро ба вуҷуд оварад ва то ба ифротгароӣ сабзида расад.

Чи тавре ки таҳлили ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияҳои ифротгароӣ, ҳамчун ҳодисаи сиёсӣ дар ду ҳолат ба миён меояд.

Аввалан, замоне ки дар ҷомеа беадолатӣ ба вуҷуд меояд, қисми муайяни ҷомеа дар назди худ мақсад мегузорад, ки бар зидди беадолатӣ мубориза барад, дигаре, дар мавриде ки барои ҳокимият мубориза бурда мешавад. Дар мавриди аввал ҳам гурӯҳи норизоёнро фаҳмиши нодурусти мубориза ба ин роҳ мебарад. Онҳо ин гуна муборизаро танҳо барои худ чун ниқоб қарор медиҳанд ва вонамуд мекунанд, ки бо ноадолатӣ мубориза мебаранд, аммо ҳалафи ниҳоӣ ва дар пардабуда комилан чизи дигар аст.

Чунон ки дар боло ҳам зикр шуд, мубориза бо ин зуҳуроти манфии ҷаҳонӣ амали дирӯзу имрӯз нест, бо он асрҳои аср мубориза мебаранд, аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки танҳо маърифати баланди аҳли ҷомеа, махсусан ҷавонон неруи қатии мубориза бо терроризму ифротгароӣ буда метавонанд.

Маҳз ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат метавонанд, таърихи миллату Ватани худро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, бо маданияти баланд, хирадмандӣ ва садоқатмандӣ аз ватандории худ гувоҳӣ дода, номбардори миллату ватани азизу маҳбубамон бошанд. Барои ҳамин яке аз самтҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат ва Ҳукумат ин дастгирии насли наврас ва ҷавонон буда, баҳри донишомӯзӣ ва касбомӯзии онҳо қувваи худро дареғ намедорад, то он ки ҷавонони мо соҳибкасбу соҳибистеъдод гардида, баҳри ободии халқу Ватани худ хизматҳои беназирро анҷом диҳанд.

Аммо ба ҳама саъю кӯшишҳои давлату ҳукумат нигоҳ накарда, дар ҷомеаи имрӯза падидаҳои манфие низ ба монанди гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои

бегона, даст задан ба ҷиноятҳои дорои характери террористиву экстремистӣ (ифротгароӣ), нашъамандӣ ва дигар намуди ҷиноятҳо ба чашм мерасад, ки ин аз шуури паст ва тарбияи нодуруст гирифтани онҳо дар оила шаҳодат медиҳад.

Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, зиракии сиёсии ҷавонон ва кулли мардуми Тоҷикистон, омили амнияти миллӣ, дифои ваҳдати миллӣ, худшиносии миллӣ, дарки ҳисси ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ ва волоияти қонунҳо мебошад.

Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) дар муҳайё кардани шароит барои давом додани фаъолияти ташкилоти барҳамдодашуда ва гузаштани ташкилот ба ҳолати пинҳонӣ, ташкил кардани маҳфилҳову биноҳо барои гузаронидани маҷлисҳо, ҷой кардани аъзои ташкилот, нигоҳ доштани мавод, адабиёт ва дигар ашё, кор карда баромадани нақшаҳои нави фаъолияти ташкилот, аз нав ба қайд гирифтани аъзои ташкилот ва ғайра ифода меёбад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» таҳти мафҳуми ***ташкилоти экстремистӣ*** - иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоти ғайритиҷоратие фаҳмида мешавад, ки нисбат ба он тибқи асосҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур оид ба барҳам додан ё манъ намудани фаъолият вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти экстремистӣ қарори суд ба қувваи қонунӣ даромадааст.

Бинобар ҳамин, дар назар доштан зарур аст, ки бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001 фаъолияти «Ҳизбуттаҳрир» ғайриқонунӣ амалкунанда эътироф карда шуда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст. Инчунин бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2006 ташкилотҳои зерин террористӣ ва экстремистӣ дониста шуда, фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст: Ал-Қоида, Ҳаракти Туркистони шарқӣ, Ҳизби исломии Туркистон (собиқ ҳаракати исломии Ӯзбекистон), Ҳаракати толибон, Бародарони мусулмон, Лашкари Тойиба, Гурӯҳи исломӣ, Ҷамъияти исломии Покистон, Ҷамъияти таблиғ, Ташкилоти динни- миссионерии Созмони таблиғот, Тоҷикистони озод, Ҳизбуутаҳрир ва Ҳизби наҳзати исломӣ.

Танҳо маърифати баланд ба ҷавонон имконият медиҳад, ки моҳияти аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ террористӣ эълон шудани ин созмонҳоро дарк намоянд ва пеши роҳи паҳн шудани ғояҳои зиддиинсонии ин гуна созмонҳоро бигиранд. Бале, маҳз ҷавонон ҳамчун неруи созандаи ҷомеа ояндаи кишвари моро муайян менамоянд. Ҳамин аст, ки сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон такя карда, тамоми имкониятҳоро барои онҳо фароҳам меоранд.

Дар асоси чунин дастгириҳо ва ғамхориҳо аз ҷониби Сарвари давлат соли 2017 соли ҷавонон эълон карда шуд. Ғайр аз ин, ҳар сол санаи 23-юми май дар Тоҷикистон рӯзи ҷавонон бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашн гирифта мешавад. Ин ҷавонони бонангу номуси тоҷикро водор мекунад, ки сазовори ин боварӣ бошанд ва Тоҷикистонро чун гавҳараки чашм азиз доранд.

АДАБИЁТ:

1. Диноршоев А.М., Права человека //Сборник международных и национальных документов в 8 – томах. Т.4. Душанбе -2009. Том – 2.

2. Конституционное право. Словарь. М., 2001. – 170 с.

3. Сотиволдыев Р.Ш. История политических и правовых учений (на таджикском языке) // Душанбе, 2011. – 169 с.

4. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2009. – 74 с.

5. Холиков А.Г. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон // Душанбе, “Маориф ва фарҳангн”, 2007. Саҳ 75.

6. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 10 декабри соли 1948.

7. Давлатов М.Т. ва диг. Рушди психологияи амалӣ дар Тоҷикистон // Душанбе: Эр-граф, 2013. - С. 31.

8.Наумкин В.В. Глубоко разделенные общества Ближнего и Среднего Востока: конфликтность, насилие, внешнее вмешательство // Вестник Московского университета. Серия 25: Международные отношения и мировая политика. 2015. No 1. С. 66–96.

ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ. ПОСТАНОВКА ВОПРОСА

КАДЫРОВА М. Б. *– к. п. н., доцент кафедры педагогики, психологии и методики преподавания РТСУ, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45. тел.: +(992)91 936 64 46*

В статье автор рассматривает вопрос обучение и воспитание детей с ограниченными возможностями. А также решается проблема об интеграции детей с ограниченными возможностями в общеобразовательных учреждениях, осуществляя при этом индивидуальный подход в обучении и воспитании.

Ведь интеграция детей с ограниченными возможностями начинается с раннего возраста и в дальнейшем обусловливает процесс обучения в общеобразовательной школе.

Ключевые слова: *инклюзивное образование, развитие, особенности в развитии, национальное меньшинство, дети улицы.*

ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР. МАСЪАЛАГУЗОРИҲО

ҚОДИРОВА М. Б. *– к. п. н., доценти кафедраи педагогика, психология ва методики таълими ДСТР, ш. Душанбе, к. Айнӣ 45, тел.: +(992)91 936 64 46*

Дар мақола муаллиф масъалаи таълим ва тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдудро баррасӣ менамояд. Инчунин масъалаи ширкати кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таълиму тарбияи онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Зеро чунин заруат аз хурдӣ оғоз гардида, минбаъд дар муассисаҳои таълимӣ идома меёбад.

Вожаҳои калидӣ: *таҳсилоти фарогир, ташаккулёбӣ, асосҳои ташаккулёбӣ, ақаллиятҳои миллӣ, бачаҳои кӯча.*

THE STATEMENT OF INCLUSIVE EDUCATION

KADYROVA M. B. *– Ph.D., Associate Professor of Pedagogy, Psychology and Methods of Teaching RTSU, Dushanbe, 45 Ayni str., mob.: +(992)91 936 64 46*

In this article the author considers the education and upbringing of children with disabilities. Also, the issue of integrating children with disabilities in general education institutions, while taking an individual approach to teaching and upbringing are considered. It is mentioned that integration of children with disabilities begins at an early age and further determines the process of education in the general education school.

Keywords: *inclusive education, development, features in development, institution.*

Обучение и воспитание детей-инвалидов – социальная проблема не только в нашей стране, но и во многих других государствах.

Для Республики Таджикистан проблема заключается в обеспечении обучения детей с особенностями в развитии, включая и тех, кого раньше относили к категории необучаемых. К сожалению, нет статистики по охвату обучения этой группы детей надомным обучением, нуждающихся в длительном лечении, и специальные классы (коррекционные) в общеобразовательной школе вообще отсутствуют.

В республике функционируют дошкольные образовательные учреждения для детей с особенностями в развитии, но отсутствуют – с нарушением интеллекта. Считаем, что именно перед дошкольными учреждениями остро стоит задача охвата детей. Мы имеем в виду все категории детей с нарушениями развития как умственного, так и физического.

В нормативно-правовых документах, касающихся проблем образования, указывается, что необходимо сменить приоритеты, переориентировать образовательные учреждения на задачи формирования у них представлений о здоровом образе жизни, стойких установок на здоровье сберегающее и социально ответственное поведение.

Таджикская система образования сегодня претерпевает существенные системные изменения. В первую очередь они направлены на реформирование финансовых механизмов, реализацию национальных проектов, связанных с повышением качества жизни таджикистанцев, профессиональной подготовкой будущих выпускников, с переходом на 12-летнее обучение и личностно ориентированный подход к обучению и воспитанию во всех образовательных учреждениях - от детского сада до ВУЗа.

Детская инвалидность не обусловлена какой-либо одной причиной, а весьма разнородна. Она связана с целым рядом различных заболеваний – как врожденных, так и приобретенных в первые годы жизни ребенка. Это значит, что организация образовательного процесса для этой категории детей должна быть дифференцированной, учитывающей их индивидуальные физические и ментальные характеристики. Кроме того необходим отдельный закон, определяющий условия образовательной деятельности.

Актуально стоит вопрос об интеграции детей с ограниченными возможностями в общеобразовательные учреждения, осуществляя при этом индивидуальный подход. Такая социальная интеграция возможна в обычном классе (группе) с получением индивидуальной помощи, или с получением помощи в коррекционном, в том числе логопедическом кабинете (пункте), а также обучение в специальном (коррекционном) классе (группе) в образовательных учреждениях общего типа. Образовательное учреждение общего типа не вправе отказать лицам с физическим и (или) психическими недостатками в приеме по мотиву наличия у них недостатка при отсутствии противопоказаний к обучению и (или) профессиональному образованию. Совместное обучение лиц с недостатками и лиц, не имеющих их, не должно отрицательно сказываться на результатах обучения последних.

Но здесь необходимо решить ряд вопросов:

1.Государственная медико- педагогическая поддержка

2.Обеспечение педагогическими кадрами (как педагогическими так и медицинскими), повышение их квалификации.

3.Обеспечение учебно- методическим материалом.

4.Соответствие инфраструктуры потребностям учащихся.

5.Организация их досуговой деятельности.

Во всех странах регулярно и повсеместно проводятся международные конференции, семинары, круглые столы по различным аспектам инклюзивного образования, при этом нередко с участием первых лиц государства. Экспертной рабочей группой Совета по образованию при Исполнительном Комитете ЕврАзЭС подготовлен проект Индикаторов по инклюзивному образованию, распространяющийся на 5 стран: Беларусь, Россия, Казахстан, Киргизия и Таджикистан.

Общей идеологией инклюзивного образования является толерантность и уважение к различиям, поэтому одним из главных направлений развития инклюзивного образования является формирование толерантного отношения общества к лицам с ограниченными возможностями в развитии. Здесь важно объединение усилий государственных учреждений, широких слоев общественности, включая родителей, специалистов, средств массовой информации, благотворительных организаций, коммерческих структур и других неправительственных организаций с целью формирования у населения *инклюзивного сознания*.

Оценивая уже существующий опыт инклюзивного/интегрированного обучения детей с ограниченными возможностями здоровья, следует отметить наличие существенных различий в достижениях воспитанников.

В последние годы в связи с происходящими социально-экономическими переменами и реализацией современной государственной образовательной политики, предусматривающей выход республики на мировое образовательное пространство, создаются новые типы организаций для детей с особыми потребностями.

Интеграция детей с ограниченными возможностями начинается с раннего возраста и в дальнейшем обуславливает процесс обучения в общеобразовательной школе.

Развитие инклюзивного образования - это долгосрочная стратегия, которая требует от каждого из нас толерантного отношения, последовательности, по этапности и комплексного подхода к его реализации.

Основные понятия: *инклюзивное образование, развитие, особенности в развитии, учреждение.*

ЛИТЕРАТУРА:

1. Интегрированное обучение: проблемы и перспективы [Текст] : материалы Международ. семинара / Рос. гос. пед. ун-т. им. А. И. Герцена. - Санкт-Петербург : Образование, 1996. - 144 с.

2. **Абкович, А. Я.** Изучение уровня готовности образовательных учреждений разного типа к обучению детей с церебральным параличом [Текст] / А. Я. Абкович // Коррекционная педагогика. - 2014. - № 4. - 214 с.

3. **Абрамова, И. В.** Образование детей с ограниченными возможностями здоровья: проблемы, поиски, решения [Текст] / И. В. Абрамова // Педагогическое образование и наука. - 2012. - № 11. - С. 98-102.

4. Инклюзивное образование: путь к будущее: международная конференция по вопросам образования. 48- я сессия ООН по вопросам образования, науки и культуры, 2008

5. Адаптивные ресурсы детей с ограниченными возможностями: теория и практика [Текст] / Л. Е. Курнешова [и др.] // Воспитание и обучение детей с нарушениями развития. - 2013. - № 5. - С. 4-10.

ТАЙЁР КАРДАН ВА БОЗОМӮЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

ТУХТАЕВА М. *– сармуҳаррири рӯзномаи «Роҳбари дониш» нашрияи шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳраки Ғафуров к. Вокзалная 1, тел.: 939901414*

Мақолаи мазкур зарурат, ҳадаф ва афзалиятҳои аз курси такмили ихтисос гузаронидани омӯзгоронро барои таҳсилоти фарогир нишон дода, муаллифи он роҳҳои ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос ва тайёр кардани кадрҳоро дар муқоиса бо кишварҳои дигар овардааст, ки дар шароити кишвари мо ба таври самаранок роҳандозӣ намудани он хеле муфид арзёбӣ мегардад.

Вожаҳои калидӣ: *таҳсилот, инклюзив, қобилият, салоҳият, ислоҳот, маърифат, такмили ихтисос, омӯзгор, хонанда.*

ПОДГОТОВКА И ПЕРЕПОДГОТОВКА ПЕДАГОГОВ В СФЕРЕ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

ТУХТАЕВА М. *– главный редактор газеты «Рохбари дониш» отдела образования Бободжон Гафурровского района Сагдийской области, г. Гафуров, ул. Вокзалная 1, тел.: 93 990 14 14*

В статье проанализированы цели, задачи и необходимости прохождения курсов повышения квалификации и переподготовки учителей, с учётом приоритетов профессионального развития инклюзивного образования. Автор статьи даёт ценное указание по организации и проведению курсов повышения квалификации в нашей стране, сравнивая их с другими странами в контексте эффективного вовлечения учителей в этот процесс.

Ключевые слова: *образование, инклюзив, способность, компетенция, реформа, образованность, повышение квалификация, учитель, ученик.*

PREPARATION AND RETRAINING OF TEACHERS FOR INCLUSIVE EDUCATION

TUKHTAYEVA M. *– Chief Editor of the Newspaper "Rokhbari Donish" , Education Department of Bobodzhon Gafurrov district, Sogd. Gafurov, 1 Vokzalnaya, str., mob.: +(992) 93 990 14 14*

The article analyzes the goals, tasks and needs for professional development and retraining courses for teachers, indicating the priorities for the professional development in inclusive education. The author gives a valuable indication on the organization and conduct of an advanced training course in our country, comparing them with other countries in the context of effective involvement of teachers in this process.

Keywords: *education, inclusive, ability, competence, reform, education, improvement of qualifications, teacher, student.*

Тайёр кардан ва такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир дар мамлакатҳои гуногун нишон медиҳад, ки ин масъаларо кишварҳои дунё бо роҳ ва усули гуногун амалӣ менамоянд. Масалан, дар Япония омӯзгор барон кор дар синфи инклюзивӣ дар ҳолате роҳ дода мешавад, ки агар шаҳодатномаи мувофиқ (сертификат) дошта бошад. Яъне, омӯзгорони беҳтарин ва касбиро интихоб мекунанд. Дар Россия бошад, тайёр кардани кадрҳо аз рӯйи баромаи таҳиягардида амалӣ мешавад. Дар Тоҷикистон мутахассисон барон таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд то солҳои 1990-ум дар донишгоҳҳои Иттиҳоди Шӯравӣ тайёр карда мешуданд. Бори нахуст дар кишвари мо соли таҳсили 1992-1993 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (ДДОТ) гурӯҳи дефектология таъсис дода шуд, вале он ба таври доимӣ фаъолият намекард. Баъди қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон (солҳои 2011-2015) барои тайёр кардани кадрҳои оянда дар ДДОТ ихисосҳои нав - *сурдопедагогика, логопедии олигофренопедагогика* кушода шуданд, аммо қабули довталабон ба ин ихтисосҳо бо мушкилӣ рӯ ба рӯ гардид. Бо дастгирии ИҶК – БМ (Институти ҷомеаи кушодаи «Бунёди мадад») аз ҷониби устодони донишгоҳи мазкур дастури таълимӣ барои донишҷӯён ин донишгоҳҳои омӯзгорӣ таҳти унвони «Асосҳои таҳсилоти фарогир» таҳия ва чоп шуд. Аммо бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳанӯз муназзам то имрӯз ба роҳ монда нашудааст. Баъзе аз омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки ба тариқи пилотӣ ба лоиҳаҳои гуногуни таҳсилоти фарогир ҷалб шуда буданд, дар семинару тренингҳои гуногуни такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ доир мегарданд, иштирок намуданд.

Ҳамзамон оид ба татбиқи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 ба масъалаи тайёр кардани мутахассисон ва бозомӯзии омӯзгорон таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Гурӯҳи кори аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисдода барои таҳияи маводи таълимӣ, аз ҷумла модулҳо барои тайёр кардани тренерони курсҳои бозомӯзии омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ фаъолият менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир ба роҳ монда шуда истодааст, вале таҳлили муқоисавии паҳлуҳои гуногуни ин масъала дар кишварҳои хориҷи дуру наздик нишон медиҳад, ки аз таҷрибаи онҳо истифода намудан хеле муфид аст, бахусус аз таҷрибаи Россия.

Дар Россия омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти олии касбии федералӣ (марказӣ) ва минтақавӣ тайёр карда мешаванд:

1. Донишгоҳи психологӣ-педагогии шаҳри Москва барои таҳсилоти фарогир дар самтҳои зерин мутахассисон омода мекунад:

- таълими кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд;
- тайёр кардани кадрҳо барои ташкили дастгирии психологӣ - педагогии кӯдакони

дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таълимии умумӣ.

Донишгоҳи мазкур сохторҳои зерин дорад:

- Пажӯҳишгоҳи масоили таҳсилоти интерактивӣ
- Маркази шаҳрии захиравӣ барои рушди таҳсилоти фарогир.
- Марказҳон маҳаллии захиравӣ барои рушди таҳсилоти фарогир.

Таьлими донишҷӯён тавассути факултетҳои таълими фосилавӣ, технологияҳои иттилоотӣ, машварати психологӣ ва Коллеҷи иҷтимоӣ- педагогӣ ба роҳ монда шудааст. Тайёр кардани кадрҳо оид ба ташкили дастгирии писихологӣ-педагогии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таълимии умумӣ аз ҷониби факултетҳои психологияи таҳсилот, психологияи иҷтимоӣ, машварати психологӣ, психологияи клиникӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад.

Тайёр кардани бакалаврҳо ва магистрҳо дар соҳаи «Педагогика ва психологияи таҳсилот, Донишгоҳ курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони зинаи ибтидоии таҳсил, мутахассисони ёрирасон, танзимгарон ва методистон, ҳамчунин омӯзгорон таҳсилоти иловагӣ пешниҳод мекунад.

Самтҳо (мавзӯъҳо)-и асосии курсҳои бозомӯзӣ инҳоянд:

- асосҳои ташкилӣ-идории таҳсилоти фарогир;
- дастгирии психологӣ-педагогии таҳсилотӣ фарогир дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;
- ташкили ҷараёни таълим дар гурӯҳи инклюзивии муассисаҳои таълимии томактабӣ; дастгирии психологӣ-педагогии таҳсилоти фарогир дар мактаби ибтидоӣ;
- ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои инклюзивии зинаи ибтидоии муассисаҳои таълимӣ ва ҳоказо.

Дар Япония низ дар ҳамаи донишкадаҳо ё марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Масалан, дар назди Донишгоҳи миллии Йокогама мактаби талаботи махсуси таҳсилоти (МТМТ) ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии таҳсилоти фарогир фаъолият мекунанд.

Тайёр кардани кадрҳои педагогӣ дар ин ҷо аз рӯйи самтҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Дар баробари тайёрии маърифатӣ, омӯзгорони оянда дорои тахассусҳои махсус низ мешаванд.

Вобаста ба самти тайёрӣ ба хатмкунандагон дипломҳо (сертификатҳо)-и категорияҳои гуногун дода мешавад.

Таҳлили талабот ба салоҳиятнокӣ (қобилиятнокӣ)-и омӯзгороне, ки бо КИМ кор мекунанд, дар Россия ҷолиби диққат аст. Онро дар ҷадвали зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Талабот ба салоҳиятҳои омӯзгорони мактабҳои инклюзивӣ дар Россия

Салоҳиягҳои умумифарҳангӣ:

✓ Қобилияти истифодаи қонунҳои асосии рушди муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии муосир.

✓ Омодагӣ ба истифодаи муқаррароти асосӣ ва методҳои илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ва вазифаҳои касбӣ.

✓ Қобилияти ташаккули малакаҳои тарзи солими ҳаёт ва муҳити амни таҳсилотӣ барои таълигирандагон ва ғ.

Салоҳиятҳои умумии касбӣ:

✓ Омодагӣ ба истифодаи методҳои сифатӣ ва миқдорӣ дар таҳқиқоти педагогӣ ва психологӣ.

✓ Қобилияти ташкили фаъолияти муштарак (якҷоя) ва таъсири мутақобилаи байнишахсии субъектҳои муҳити таҳсилотӣ.

✓ Истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар фаъолияти касбӣ. Салоҳиятҳои касбӣ дар соҳаи дастгирии психологӣ ва педагогии бачагони дорои маҳдудиятҳои физиологӣ.

✓ Қобилияти ташкил кардани фаъолияти муштарак ва инфиродии бачагони дорои норасоиҳои гуногуни рушд вобаста ба қобилиятҳои синнусолӣ, сенсорӣ ва зеҳнӣ.

✓ Омодагӣ ба истифодаи методҳо ва технологияҳои тавсиявӣ, ки барои ҳалли вазифаҳои ташхисӣ ва ислоҳӣ-рушдӣ мусоидат мекунанд.

✓ Магистри таҳсилоти фарогир бояд дорои салоҳиятҳои зерини иловагӣ бошад:

✓ Қобилияти тарҳрезии муҳити таҳсилоти фарогир ва аз нуқтаи назари дидактикӣ пурра кардани он.

✓ Маҳорати ташкил ва танзими фаъолият, иштирок дар кори гурӯҳи байнифаннии мутахассисон, аз ҷумла, доир ба таҳия намудани барномаҳои инфиродии таълим барои бачагони дорои имкониятҳои махдуди саломатӣ.

✓ Маҳорати пешбинӣ кардани ҷараёни тағйироти ҳолат ва рушди кӯдак вобаста ба чорачӯйиҳои андешидашаванда.

✓ Қобилияти муайян намудани талаботи ҳар кӯдаки алоҳида дар барномаи таълим ва стратегияи дастгирӣ.

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ҳадафҳои таҳсилоти фарогир, ба масъалаи тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон дар кишварҳои гуногун аз роҳу воситаҳои мухталиф истифода мекунанд ва раҳёфти гуногун доранд. Муҳимтарин чиз он аст, ки раҳёфт (муносибат)-е, ки дар Россия дар ҷараёни тайёр кардани кадрҳо, бозомӯзии омӯгорон ва муайян намудани салоҳиятҳои онҳо ба масъалаҳои назаривии таҳсилоти фарогир бештар таваҷҷуҳ мекунанд. Барои баъзе кишварҳо, аз ҷумла японихо мутахассис омӯзгор бо бачагон то кадом андоза самаранок кор карда метавонад муҳимтар арзёбӣ мешардад, дониши назариявии ӯ дар дараҷаи дуюм меистад. Омӯзгорон дар самти муайян, барои кор бо гурӯҳи мушаххаси кӯдакон тайёр карда мешаванд. Албатга, азхудкунии асосҳои назариявии таҳсилоти фарогирро ҳам зарур аст, вале дар мадди назар кӯдак бо хусусиятҳо ва қобилиятҳои инфиродии махсуси худ меистад, ки муносибати инфиродиро талаб мекунад. Ин, дар навбати худ, раҳёфти бештар ҷанбаи амалидоштаро талаб мекунад, донишҳои назариявии умумӣ ба гумон аст, ки ҳамеша мушкилкушо бошанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, барои беҳтар ба роҳ мондани масъалаи тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон барои таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, махсусан, дар ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо, нақшаҳо ва барномаҳо, баъзе оминҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст, ки барои ҳалли самараноки он мусоидат хоҳанд кард:

1.Азбаски таъсиси мактабҳои инклюзивӣ ва бозомӯзии омӯзгорон вақти муайянро тақозо мекунад, беҳтар аст, ки дар марҳилаи ибтидои дар мактабҳои инклюзивӣ, ки дорои марказҳои захиравӣ мебошанд ва омӯзгорони он аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштаанд, аз дигар минтақаҳои шаҳр ноҳия низ кӯдаконро қабул кардан зарур аст. Дар ин маврид ба Оинномаи ин мактабҳо тағйироту иловаҳо ворид кардан лозим аст.

2. Барои гузаронидани курсҳои тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон на танҳо аз мактабҳои инклюзивӣ, балки аз мактаб-интернатҳо низ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Барои ин онҳоро аз нуқтаи назари моддӣ-техникӣ ва қадрӣ пурқувват карда, ба муассисаҳои базавии рушди таҳсилоти фарогир табдил додан лозим аст.

3. Барои баланд бардоштани сифати кори омӯзгорон ва ҳавасмандии онҳо барои кор бо КИМ дастгирии иловагии молиявӣ ва ё пешниҳоди имтиёзҳо, аз ҷумла, нисбат ба омӯзгорони дигар кам кардани сарбории таълимӣ бо нигоҳ доштани ҳаҷми музди меҳнат ва ғ. нақшм муҳим мебозад.

4. Дар баробари тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгор, бояд ба тайёр кардани ёварони омӯзгор, ё ба истилоҳ. тютерҳо ва ихтиёриён низ таваҷҷуҳ кунем, ки КИМ-ро ҳам дар ҷараёни таълим ва ҳам дар чорабиниҳои беруназсинфӣ дастгирӣ мекунанд.

5. Татбиқи таҳсилоти фарогир қарорҳо ва барномаҳоро дар сатҳи баланди давлатӣ тақозо мекунад. Дар баробари ин, барои ҳама гуна навовариҳо дар ин соҳа бояд манбаъҳои маблаггузории он низ муайян шаванд ва имконпазир бошанд.

Барои намуна аз таҷрибаи Украина маълумот овардан мумкин аст. Моҳи августи

соли 2011 бо қарори Кабинети вазирони Украина «Тартиби ташкили таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ба тасвиб расид, ки дар он дар қатори муҳимтарин муқаррароти дарки мафҳуми инклюзия ҷорӣ намудани вазифаи «ёвари омӯзгор», ки дастгирии иловагии омӯзгори синфи инклюзивиро таъмин мекунад, зикр гардидааст. Аммо масъалаи таъмини маблаҒгузории вазифавии ёварони омӯзгор ба дӯши буҷетҳои маҳаллӣ вогузор ҒардидааСт. Табиист, ки на ҳамаи маҳалҳо метавонанд ин масъаларо худашон ҳал кунанд.

Албатта, номгӯйи чораҳои андешидашаванда дар ин масъала бо мулоҳизаҳои боло маҳдуд шуда наметавонад. Бинобар ин, бо ҷалби мутахассисони ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои маҳаллии ҷамъиятӣ таҳияи барнома ва нақшаи оқилонаи татбиқи таҳсилоти фарогирро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст, ки тайёр кардани кадрҳо ва бозомӯзии омӯзгорон ҷузъи таркибии он хоҳад буд.

АДАБИЁТ:

1.Байзоев А. Таҳсилоти фарогир: Раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқаддам.душанбе. «Донишварон»,-2017. – 143 с.

2. Бабаева Л. Применение модели инклюзии на опыте пилотных детских дошкольных учреждений шаг за шагом в Республике Таджикистан// Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы,поиск путей решения»- Душанбе,2012. – 234 с.

3. Байзоев А. Қадамҳои устувор дар рушди мактаб (Раҳнамои истифода аз Инбекси инклюзия). Душанбе, Эр-Граф, 2015. – 123 с.

4. Барномаи ршди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020.

5. Жить вместе и учиться вместе в начальной школе (классы с совметсным обучением)-Мн.: Белорусская ассоциация помощи детям-инвалидам,1999

6. Инклюзивное образование: путь к будущее: международная конференция по вопросам образования. 48- я сессия ООН по вопросам образования, науки и культуры, 2008

7. Каримова И. Инклюзивное образование: Проблемы и перспективы// Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы, поиск путей решения»- Душанбе,2012. – 149 с.

8. Консепсияи мили таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015.

9 Маджидова Б. Проблемы подготовки кадров инклюзивного образования в республике// Материалы международной конференции «Инклюзивное образование: Проблемы,поиск путей решения»- Душанбе,2012. – 81 с.

10. Мастюкова Е.М.Москвина А.Г. «Они ждут нашей помощи»,М.:Педагогика,-1991. – 263 с.

ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии TimesNewRomanTj - 14. таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯён ва ҳимоятгарони корҳои номзадӣ тавсияи роҳбаронашон зарур аст.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей образовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, персидском и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт TimesNewRoman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое -1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи приводятся ключевые слова (до 10 слов на тадж, рус. и анг. яз).

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ
№1 (26), 2018

Сармуҳаррир: *Бобизода Ғ. М*
Муовини сармуҳаррир : *Аминов С.*
Котиби масъул: *Амонӣ С.*
Муҳаррири техникӣ: *Зиёев Қ. О.*
Саҳифабанд: *Хайдаров Р.*

Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
Научно-просветительский и учебно-методический журнал
2018. - № 1,(26)

Главный редактор: *Бобизода Ғ. М*
Зам. главного редактора: *Аминов С.*
Ответственный секретарь: *Амонӣ С.*
Технический редактор: *Зиёев Қ. О.*
Верска: *Хайдаров Р.*

Учредитель: Академия образования Таджикистана

Ба матбаа 05.06.2018 супорида шуд. Ба чоп 08.06.2018 имзо шуд.
Когази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/8 ҷузъи ч. ш. 12,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №12
Дар матбааи «Нигор» н,Рӯдакӣ кӯчаи Сомониён 45 чоп шудааст.